МИРЗОЕВ П.З.

***Ба таҷлили 65- солагии ДМТ бахшида мешавад.***

# ҲУҚУҚИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***(Васоити таълимӣ)***

Душанбе-2014

ББК 67.404.2+65.262.1
М-65

Муаллиф:
Мирзоев Парвона Зайналобудинович
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Муҳаррирон:
Сангинов Д.Ш. - номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент;
Сироҷиддини Эмомалӣ - н.и.ф., дотсент.

Муқарризон:
Раҳимов М.З. - доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;
Шонасридинов Н. - номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.

**Мирзоев П.З.**
**Ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Васоити таълимӣ (Маҷмӯи лексия ва масъалаҳои амалӣ). – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – 312 с.

Васоити таълимӣ матни лексия ва масъалаҳои амалиро оид ба мавзӯъҳои фанни таълимии ҳуқуқи бонкӣ дар асоси барномаи таълимии «Ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дарбар гирифта, ба доираи васеи донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқшиносони соҳаи бонк ва дигар шахсони ба ин соҳа таваҷҷуҳ дошта тавсия мегардад.

©Мирзоев П.З., 2014с.

# САРСУХАН

Дар марҳилаи муосири давлати ҳуқуқбунёд, ки ҷомеа бо сохти нави иқтисодӣ пеш меравад, накш ва нуфузи бонкҳо ва ташкилотҳои дигари кредитӣ инкишоф ёфта, ба соҳаи фаъолияти онҳо диққати аҳли ҷомеа равона гардидааст. Вобаста ба ин дар соҳаи таълим низ оид ба ин масъала бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

Омода ва нашри васоити таълимӣ аз фанни «Ҳуқуқи бонкӣ» низ қадамест, ки барои омухтани фанни ҳуқуқи бонкӣ дар мактабҳои олии Тоҷикистон санаи дилхоҳ дода метавонад. Васоити мазкур аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дошта, дар он бештар масъалаҳои ҳуқуқи фаъолияти бонкӣ, аз ҷумла вазъи ҳуқуқӣ бонкҳо ва дигар муассисаҳои кредитӣ, тарзи ташкил, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамхурии онҳо, муносибатҳои ҳуқуқӣ байни бонкҳо, ташкилотҳои кредитӣ ва мизоҷони онҳо, шартномаҳои бонкӣ, муносибатҳои кредитӣ, асъорӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба фаъолияти бонкӣ омухта мешаванд.

Донистан ва омухтани хусусиятҳои хоси конунгузории бонкӣ барои ҳуқуқшиносон, кормандони дигари соҳаи бонк ва барои ҳуқуқшиносоне, ки дар мақомотҳои давлатӣ ва маҳаллӣ кору фаъолият мекунанд зарур мебошад. Зеро кӣ онҳо низ дар фаъолияти ҳамарузаашон аз фаъолияти ташкилотҳои қарздиҳӣ бархурдор мешаванд. Вазифаҳои мушкиле, ки доир ба масъалаҳои таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ дар назди субъектони фаъолияти иқтисодӣ меистад, тайёр намудани ҳуқуқшиносонро дар соҳаи бонк тақозо менамояд. Бояд қайд намуд, ки омузиши ҳуқуқи бонкӣ барои тайёрии иктисодии ҳукукшиносон низ ёрӣ мерасонад.

Ҳадафи таълифи васоити таълимии мазкур аз як ҷиҳат кумак кардан ба донишҷуён барои омузиши курси «ҳуқуқи бонкӣ» бошад, аз тарафи дигар мусоидат намудан ба омузгороне, ки аз курси мазкур дарс гузаранд.

Дар васоити таълимии мазкур оид ба масъалаҳои назариявии ташаккулёбии ҳуқуқи бонкӣ ҳамчун соҳаи қонунгузорӣ, масъалаҳои пайдоишу инкишофи бонкҳо, низоми бонкӣ дар Тоҷикистон ва мамлакатҳои ҳориҷа ва

хусусиятҳои хоси танзими масъалаҳои мухталифи ҳуқуқи бонкӣ сухан меравад.

Васоити мазкур бо назардошти дигаргуниҳои ҳаёти имрӯза ва дар асоси барномаи таълимии мактабҳои олӣ барои донишчуёни факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодии мактабҳои олӣ, ки ҳуқуқи бонкиро меомӯзанд, инчунин шунавандагони курси такмили ихтисос, кормандони соҳаи бонк ва барои тамоми он нафароне, ки ба масъалаҳои қонунгузории бонкӣ шавқ доранд, пешбинӣ шудааст.

# МАТНИ ЛЕКСИЯ

## 1. Мафҳуми бонк

Истилоҳи "бонк" аз калимаи итолёвии "Ьanko", ки маъноящ "миз" (мизи пуливазкунӣ) аст бармеояд. Тибқи баъзе сарчашмаҳои дигар бошад истилоҳи "бонк" аз калимаи куҳнаи французии "Ъangue" гирифта шудааст, ки маънои он низ "миз", яъне "стол" аст.

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бонк гуфта ташкилоти қарзие (кредитие) фаҳмида мешавад, ки ақаллан ҳуқуқи иҷрои се амалиёти зерин: ҷалби амонату пасандозҳо, додани қарз (кредит), кушодану пешбурди суратҳисобҳои бонкиро дорад.

## 2. Предмети омӯзиши ҳуқуқи бонкӣ

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқи бонкӣ ба танзим дароварда мешаванд, предмети омӯзиши ҳуқуқи бонкиро ташкил медиҳанд. Ин муносибатҳоро муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ низ мегуянд. Муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ байни иштирокчиёни низоми бонкӣ оиди амалигардонии фаъолияти бонкӣ ба вуҷуд меоянд. Иштирокчиёни низоми бонкӣ (субъектони низоми бонкӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои дигари қарзӣ мебошанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун бонки давлатӣ, саҳҳомӣ, ҷамияти дороияш маҳдуд фаъолият мекунанд.

Умуман ба андешаи мо дар шароити муосири рушди иқтисодии Тоҷикистон муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкиро вобаста ба таркиби субъективӣ асосан ба ду гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст:

Гуруҳи якуми муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкиро муносибатҳои ҳуқуқӣ байни ташкилотҳои қарзӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон ташкил медаҳанд.

Гуруҳи дуввумро бошад муносибатҳои ҳуқуқӣ байни ташкилотҳои қарзи ва муштариёни онҳо ташкил медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки барои хубтар фаҳмидани муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ, фаъолияти бонкиро шарҳ додан зарур аст. Зеро муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти бонкӣ байни иштирокчиёни низоми

бонкӣ ва субъектони дигар ба вуҷуд меоянд. Фаъолияти бонкӣ гуфта фаъолияти иқтисодии Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои кредитӣ фаҳмида мешавад, ки бо мақсади ба даст овардани фоида нигаронида шуда, дар шакли мунтазам иҷро намудани амалиётҳои бонкӣ ва бастани аҳдҳои бонкӣ, инчунин фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон оид ба таъмин намудани амали мунтазами низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Тибқи моддаи 1 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» фаъолияти бонкӣ гуфта, аз ҷониби ташкилотҳои қарзи анҷом додани амалиёти бонкие фаҳмида мешавад, ки қонуни мазкур пешбини кардааст.

Фаъолияти бонкӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқи бонкӣ танзим карда шуда, дар шакли иҷро намудани амалиётҳои бонкӣ, аз ҷумла, ҷалб намудани амонат ва пасандозҳо; додани қарзҳо (кредитҳо); кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ; хариду фурӯши асъори хориҷӣ, сахмияҳо ва ғ; интиқоли маблағҳо бо дархости шахсони воқеӣ; амалиёти сейфӣ, кассавӣ ва ғайра, инчунин бастани аҳдҳои бонкӣ ба мисли додани амонат, иҷораи молиявӣ (лизинг); хизматрасонӣ ба сифати агенти молиявӣ, хизматрасонии иттилооти молиявӣ ва қарзӣ сурат мегирад.

Машғул шудани ташкилотҳои қарзӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ, савдо ва бевосита ба фаъолияти суғурта манъ аст.

### 3. Методҳои ҳуқуи бонкӣ

Методҳои ҳуқуқи бонкӣ гуфта тарзҳо, роҳҳо ва воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба рафтор ва иродаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ фаҳмида мешаванд.

Аҳамияти методи танзимнамоии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқ пеш аз ҳама дар он аст, ки мавҷуд будани методи мустақил дар баробари предмети танзимнамои ба сифати асосӣ ҷудо намудани ин ё он соҳаи мустақил баромад мекунад.

Дар шакли умуми методҳои танзимнамоии ҳуқуқӣ муносибатҳои ҷамъияти ин маҷмуи воситаҳо ё тарзҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дар танзими муносибатҳои мазкур истифода мегарданд. Қайд намудан лозим аст, ки метод ва предмет тавсифи пурраи хар як соҳаро медиҳад.

Тарзҳои асосии танзимнамоии ҳуқуқӣ инҳо мебошанд:

1. Иҷозатдиҳӣ - имконият (ҳуқуқ) додан барои иҷро намудани ҳаракатҳои фаъол;

2. Манъкунӣ - уҳдадор намудани шахс барои худдори кардан аз иҷро намудани ҳаракатҳои муайян;

3.Уҳдадоркунии позитивӣ - уҳдадор кардани шахсон барои иҷро карани рафтори фаъол (иҷрои ягон кор, пардохт кардан ва ғ.

Ҳуқуқи бонкӣ ҳамчун соҳаи комплексии ҳуқуқ дорои чунин методҳо мебошад:

1. Методи оммавӣ-ҳуқуқӣ, ки дар адабиётҳои ҳуқуқӣ бо номҳои - методи императивӣ, методи маъмурӣ-ҳуқуқӣ, методи ҳукмронӣ ва итоат, методи субординатсия, методи авторитарӣ ёдовар шудааст.

Методи императивӣ дар танзимнамоии муносибатҳои ҷамъиятӣ вазъи нобаробар доштани тарафҳоро дар назар дорад. Хусусияти асосии ин метод дар он ифода меёбад, ки татбиқи воситаҳои ҳуқуқи хислати амрдиҳанда доранд, иродаи иштирокчиён (субъектон) яктарафа изҳор мегардад, тарафҳо дар ҳолати нобарорбарии ҳуқуқӣ қарор доранд, танзимнамои бештар хусусияти уҳдадорсозӣ, манъсозӣ ва иҷозатдиҳиро дорад. Ин метод масалан, ҳангоми ҳатмӣ будани иҷозатномадиҳии фаъолияти бонкӣ истифода мешавад;

2. Методи ҳусусӣ-ҳуқуқӣ ё худ методи гражданӣ-ҳуқуқӣ (диспозитивӣ), ки масалан, ҳангоми имконияти озод доштани мизоҷ (клиент) дар интихоби бонки тиҷоратӣ барои хизматрасони, мустақилона интихоб кардани шакли ҳисоббаробаркунӣ истифода мегардад;

3. Методи комплексӣ, ки якҷоя истифода гардидани ду методи номбаршударо, яъне методҳои императивӣ ва дипозитивиро дар назар дорад. Масалан, ба тарзи императивӣ муқаррар намудани талаботҳо оид ба ҷори намудани ҳисоботи бухгалтерӣ ва ба тарзи диспозитивӣ муқаррар намудани имконияти бонк барои мустақилона ташкил намудани сиёсати ҳисобкунӣ.

**4. Низоми ҳуқуқи бонкӣ**

Ҳуқуқи бонкӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ба низоми ягонаи соҳаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло дохил нашуда бошад ҳам, дар навбати худ низоми дохилии худро дорад. Яъне, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ бонкӣ дар таркиби ин соҳаи ҳуқуқи ташаккулёбанда бе тартиб ҷойгир нашуда, бо як низоми муайян дар алоқамандии ба ҳамдигар зич қарор доранд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар таркиби ҳуқуқи бонкӣ вобаста ба ҳадафу вазифа ва предмети танзимнамоӣ ҷойгир карда шудаанд.

Умуман, низоми ҳуқуқи бонкӣ гуфта тартиби пай дар пай ҷойгиршавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ҳамдигар алоқамандро дар таркиби ҳуқуқи бонкӣ мефаҳманд.

Вобаста ба таркиби худ ҳуқуқи бонкӣ аз қисми умумӣ ва қисми махсус иборат аст. Ҳар як қисми ҳуқуқи бонкӣ дар навбати худ низоми худро дорад, ки аз институтҳо, зеринститутҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат аст.

Қисми умумии ҳуқуқи бонки аз меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки ҳолатҳои умумию стратегиро муқаррар менамоянд. Ин ҳолатҳои умумӣ дар институтҳои қисми махсуси ҳуқуқи бонкӣ инкишоф дода мешаванд, ки онҳо:

- Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим менамоянд;
- Низом, аҳамият ва мазмуни принсипҳои ҳуқуқи бонкиро муайян менамоянд;
- Шаклҳо ва ҳудуди амалӣ намудани фаъолияти бонкиро ҳамчун яке аз намудҳои дастраси фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд;
- Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкиро муайян менамоянд.

Қисми махсуси ҳуқуқи бонкӣ бошад, аз меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки онҳо тартиби амалӣ намудани фаъолияти мушаххаси бонкиро танзим менамоянд. Қисми махсуси ҳуқуқи бонкӣ аз меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки онҳоро ба институтҳо гуруҳбанди менамоянд, ба монанди: институти назорати бонкӣ; институти суратҳисоби бонкӣ; институти амонати бонкӣ; институти кредити бонкӣ; институти муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ; институти муносибатҳои корреспондентӣ бо бонкҳои хориҷӣ ва монанди инҳо.

Институтҳои мазкур, ки меъёрҳои ҳуқуқи бонкиро ба гуруҳҳо ҷудо менамоянд ва барои танзими фаъолияти бонкии ҷории субъектони фаъолияти бонкӣ нигаронида щудаанд, институтҳои функсионалии ҳуқуқи бонкӣ мебошанд.

**5. Принсипҳои ҳуқуқи бонкӣ**

Зери мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи бонкӣ идеяҳои роҳбарикунандаю асосие фаҳмида мешаванд, ки дар қонунгузории ҷорӣ муқаррар шуда, моҳияти меъёрҳои ин соҳа ва самтҳои асосии сиёсати давлатро дар соҳаи, танзимнамоии муносибатҳои ҷамъиятии мазкур инъикос менамоянд. Принсипҳои ҳуқуқи бонкӣ самтҳои стратегии инкишофи ҳуқуқи бонкиро муайян мекунанд.

Принсипҳои ҳуқуқи бонкиро ҳар хел тасниф кардан мумкин аст. Масалан, принсипҳои ҳуқуқи бонкиро ба принсипҳои ичтимоӣ-ҳуқуқӣ, ки аҳамият умумиҳуқуқӣ доранд ва принсипҳои махсуси ҳуқуқӣ ҷудо менамоянд.

Ба принсипҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ принсипҳое, ки ба тамоми соҳаҳои ҳуқуқ хосанд дохил мешаванд, ба монанди принсипи қонуният, принсипи инсондустӣ, принсипи демократизм, принсипи баробарҳуқуқӣ ва ғайра.

Принсипҳои махсуси ҳуқуқӣ (принсипи соҳавӣ) хусусиятҳои хоси ҳуқуқи бонкиро муқаррар менамоянд. Принсипҳои махсуси ҳуқуқӣ ҳуқуқи бонкиро дар навбати худ одатан ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд[1].

Ба гурӯҳи аввал принсипҳоеро дохил мекунанд, ки ҳолати ҳуқуқӣ субъектони ҳуқуқи бонкӣ ва тартиби амали намудани фаъолияти бонкиро муайян менамоянд. Ба монанди принсипҳои;

а) дахлнопазирии моликият;

б) манъ будани монополияҳо бозори бонки ва дастгирии рақобат;

в) озодии фаъолияти бонкӣ;

г) фазои ягонаи бонкӣ (амалӣ намудани фаъолияти бонкӣ дар фазои ягонаи иқтисодиёт);

[1] Тедеев А.А. Банковское право в схемах и таблицах с комментариями. Учеб. пособие. М. Из-во Экмо, 2005. С. 22-23.

д) афзалияти манфиатҳои тамоми иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ;

е) принсипи монополияи эмиссионии Бонки миллии Тоҷикистон;

ё) принсипи масъулиятнокии Бонки миллии Тоҷикистон;

ж) манъ будани дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ;

хусусияти иҷозатӣ доштани фаъолияти бонкӣ;

з) қобилияти истисноии ҳуқуқдории ташкилотҳои кредитӣ;

и) баргарданда будани воситаҳои пули ҷалбнамудаи ташкилотҳои қарзӣ;

к) принсипи нигаҳдории сирри бонкӣ;

л) принсипи музднок будани хизматрасонии бонкӣ.

Ба гурӯҳи дуюм принсипҳое дохил мешаванд, ки тартиби ташакули низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамоянд. Инҳо:

а) принсипи дузинагии низоми бонкӣ;

б) принсипи новобастагии иқтисодӣ, кадрӣ, функсионалии Бонки миллии Тоҷикистон аз дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ.

### 6. Мафҳум ва мавқеи ҳуқуқи бонкӣ дар низоми ҳуқуқ

Дар низоми иқтисодии тамоми давлатҳои муосир яке аз унсурҳои муҳим ва зарурии он, низоми бонкӣ буда, аз фаъолияти пурсамар ва бонизоми бонкҳо ҷиҳатии иқтисодиёти ҳар давлат вобаста аст.

Бо гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нақш ва нуфузи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ рӯз аз рӯз меафзояд. Чи тавре ҳуқуқшиноси машҳури то инқилобӣ Батюшков Д.Д. қайд намудааст, аз шумораи бонкҳои дар мамлакат амалкунанда фарҳанги иқтисодии давлатро муайян кардан мумкин аст.

Дар фаъолияти низоми бонкии кишвар муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, ки ба сифати танзимкунандаи ин муносибатҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ хизмат менамоянд. Меъёрҳои ҳуқуқи бо роҳи муқаррар намудани

қоидаи рафтори иштирокчиён, муносибатҳои ҷамъиятро бо як низоми муайян медарорад, ки дар натиҷаи он фаъолияти муътадили давлат ва робитаи иқтисодии субъектони хоҷагидор таьмин мегардад. Бинобар ин қайд намудан зарур аст, ки дар шароити иқтисоди бозоргони меъёрҳои ҳуқуқӣ бонкӣ фаъолияти муътадили давлат ва робитаи иқтисодии субъектони хоҷагидориро таъмин менамоянд.

Охирҳои солҳои 90-уми асри XX бо тағйирёбии низоми иқтисодии давлат аҳамияти бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ хеле зиёд шуда, низоми бонкии Тоҷикистон устувор гардид. Дар натиҷа аз ҷониби давлат зарурати дар алоҳидаги танзим намудани муносибатҳои бонкӣ ба вуҷуд омаданд. Ҳамин тавр, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси фаъолияти бонкӣ қонунгузории бонкӣ инкишоф ёфта, барои ташаккулёбии ҳуқуқи бонкӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ мусоидат хоҳад намуд.

Аммо қайд намудан лозим аст, ки масъалаи муайян намудани мавқеи ҳуқуқи бонкӣ то ба охир ҳал нагардидааст. Чунончи, оид ба муайян намудани мавқеи ҳуқуқи бонкӣ дар низоми ҳуқуқ андешаҳои гуногун мавҷуданд:

як гуруҳ олимон ва мутахассисони хориҷӣ, ба монанди Алексеев Д.Г., Парыгина В.А., Пухтин С.В., Тедеев Л.А., Хоменко Е.Г. ҳуқуқи бонкӣ соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, дорои предмети омӯзиш ва методи танзимнамоии худ мебошад.

Дигар донишмандони хориҷию ватанӣ, аз ҷумла Тосунян Г.Н., Вакулин А.Ю., Экмалян Л.П., Алиматов Х. соҳаи мустақили комплексии ҳуқуқ будани ҳуқуқи бонкиро ҷонибдорӣ менамоянд.

Гурӯҳи сеюм ба мисли Горбунова О.Н, Хемичева Н.И, Гуревич И.С. ҳуқуқи бонкиро ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи молия шарҳ додаанд.

Гурӯҳи чорум, ба мисли Барашян М.М., Дружинин Д.Н., Тотский М.Н. ҳуқуқӣ бонкиро институти байнисоҳавӣ (комплекси) меҳисобанд.

Гурӯҳи панҷум, Ефимова Л.Г. ҳуқуқи бонкиро на соҳаю зерсоҳаи ҳуқуқ, балки соҳаи қонунгузорӣ арзёбӣ мекунад.

Ин соҳа аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат буда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи фаъолияти бонкӣ ба танзим медарорад. Муносибатҳои мазкур дар ҷараёни фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои қарзи (кредитӣ) ба вуҷуд меоянд.

## 7. Мафҳум ва нишонаҳои асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ

Муносибатҳои ҳуқуқӣ - муносибатҳои ҷамъиятии аз тарафи давлат ҳифзшаванда буда, дар натиҷаи таъсири меъёрҳои ҳуқуқ ба ҳаракат ва беҳаракатии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, иштирокчиёни он дорандаи ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Бо ибораи дигар танҳо он муносибатҳои ҷамъиятие муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқ танзим карда шудаанд.

Вобаста ба таърифи овардашуда муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ гуфта, муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷониби давлат ҳифзшаванда дар назар дошта мешаванд, ки дар соҳаи фаъолияти бонкӣ ҳангоми амалӣ намудани низоми бонкӣ ба вуҷуд меоянд. Муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ ин алоқаи аҳамияти иҷтимоидоштаи субъектҳои фаъолияти бонкӣ мебошанд, ки ба воситаи ҳуқуқу уҳдадориҳо дар меъёрҳои ҳуқуқи бонкӣ пешбинӣ шудаанд.

## 8. Хусусиятҳои хоси муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ

1. Муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ як намуди муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ бонкӣ танзим шудаанд. Яъне муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ алоқаи байни субъектони ҷамъият (одамон - шахсони воқеӣ, коллективҳои одамон - шахсони ҳуқуқӣ) мебошанд. Масалан, муносибатҳои шахсии шахси муайян - соҳибкори инфиродӣ ва роҳбари кадом ягон бонк аҳамияти иҷтимоӣ надорад ва барои танзимнамоии ҳуқуқӣ ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқи бонкӣ ниёз надорад.

2. Муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ вобаста бо моҳияти иқтисодияшон муносибатҳои пулӣ буда, барои аз нав тақсимкунии воситаҳои пулӣ, байни соҳаҳои иқтисодиёт ва воҳидҳои марзии давлат, таъмини самаранокии ҳисоббаробаркунӣ ифода меёбанд.

3. Муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ алоқаи ҳуқуқӣ субъектони фаъолияти бонкӣ мебошад.

**9.Субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ**

Субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ гуфта иштрокчиёни (тарафҳои) ин муносибатҳоро дар назар доранд. Бояд қайд намуд, ки дар қонунгузории бонкӣ номгуи пурраи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ муайян карда нашудаанд.

Дар асоси таҳлили адабиётҳои илмӣ ба субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ инҳоро дохил кардан мумкин аст:

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; мақомоти ҳазинадорӣ; ташкилотҳои қарзӣ (бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ); филиалҳо ва намояндагиҳои ташкилотҳои кредитии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ -мизоҷони ташкилотҳои кредитӣ; иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳои) ташкилотҳои кредитӣ ва дигар субъектон.

**10. Объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ**

Объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ неъматҳое мебошанд, ки вобаста ба онҳо ё оиди онҳо байни субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ алоқаи ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд. Объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ неъматҳои гуногуни моддӣ (воситаҳои пулӣ) ва неъматҳои ғайримоддӣ (масалан, дар муносибати ҳуқуқӣ байни Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои дигар обеъкт устувор нигоҳ доштани низоми бонкӣ) шуда метавонанд.

Бояд қайд намуд, ки оид ба муайян намудани объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ байни олимон ягонагии ақида вуҷуд надорад. Як гурӯҳ муаллифон қайд менамоянд, ки баъзе муносибатҳои ҳуқуқӣ умуман объект надоранд (барои ин

онҳо муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷиноятиро мисол меоранд), гурӯҳи дигар бошад қайд менамоянд, ки агар мавҷудияти объекти муносибатҳои ҳуқуқиро инкор кунем пас муносибатҳои ҳуқуқӣ маъно надоранд[1]. Ба андешаи мо нуқтаи назари гурӯҳи дуюм нисбатан дуруст мебошад.

Ғайр аз ин дар илми ҳуқуқ назарияҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, ба монанди назарияи монистӣ ва назарияи плюралистӣ.

Тибқи назарияи монистӣ (Иоффе О.С.) объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ танҳо рафтори инсонӣ шуда метавонад. Тарафдорони назарияи плюралистӣ (М.С. Шаргородский) бошад, баръакс гуногунии объекти муносибатҳои ҳуқуқиро эътиррф мекунанд. Онҳо ба объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ амвол (пул, воситаҳои истеҳсолот, чизҳои истеъмолшаванда ва ғ.), неъматҳои шахсии ғайримолумулкӣ (эҷоди аср, ҳаёт, саломатӣ, обруи корӣ, сирри бонкӣ ва ғ.), ҳуди иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ риояи меъёрҳои қонунгузории бонкӣ, худдорӣ кардан аз содиркунии ҳаракатҳои муайян ва ғ.) ва натиҷаи рафтори иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ (гузаронидани воситаҳои пулӣ, масалан, пардохти бонкӣ, хабар расонидан ба мақомоти андоз оиди кушодани суратҳисоби бонкӣ) - ро дохил мекунанд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқии бонкӣ ба объектони муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ неъматҳои моддӣ (воситаҳои пулӣ) ва неъматҳои ғайримоддӣ (тартиботи ҳуқуқӣ оммавӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, устувории низоми бонкӣ) дохил карда шудаанд.

### 11. Мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ

Мазмуни муносибатҳои ҳуқуқиро ба мазмуни юридикӣ ва мазмуни моддӣ ҷудо мекунанд.

Мазмуни юридикии муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкиро ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ субектони ин муносибатҳо ташкил медиҳанд.

---

[1] Ниг: Халфина Р.О. Общее учение о правоотношении. М., 1974; Дудки А.П. Объект правоотношения. Аратов, 1998; Протасов В.Н. Правоотношение как система. М., 1

Мазмуни моддии муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкиро рафтори (ҳаракат ё беҳаракатии) тарафҳо (иштирокчиён), ки бо амалӣ гардонидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба онҳо тааллуқ дошта вобаста аст, ташкил медиҳанд.

Амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои субъективӣ бештар вақт аз хоҳиши шахси ҳуқуқдошта - субъекти муносибати ҳуқуқӣ бонкӣ вобаста аст. Иштирокчии мазкур аз ҳуқуқи ба ӯ додашуда метавонад истифода барад ё набарад.

Ҳуқуқи субъективии субъектӣ мусибатҳои ҳуқуқи бонкӣ ин намуд ё ченаки рафтори имкониятдодашудаи иштирокчии ваколатдор мебошад, ки муқобили он уҳдадории ҳуқуқӣ шахси дигар меистад. Ҳуқуқи субъективӣ барои таъмини манфиати худи ин шахс равона шудааст. Масалан, мутобиқи шартномаи суратҳисоби бонкӣ як тараф (бонк ё дигар муассисаи кредити) уҳдадор мешавад, ки маблағи пулии ба суратҳисоби тарафи дигар воридшударо қабул кунад ва гузаронад, супориши молики суратҳисобро дар мавриди аз суратҳисоб гузаронидан ва пардохти маблағҳои дахлдор ва вобаста ба суратҳисоб иҷро намудани дигар амалиётро анҷом диҳад.

Моҳиятан ҳуқуқӣ субъективии иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ воситаи таъмини манфиатҳои ӯ тавассути иҷро намудани ҳаракатҳои муайяни ҳуқуқӣ, талабҳо ва дархостҳо мебошад.

## 12. Уҳдадории ҳуқуқӣ иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ

Уҳдадории ҳуқуқӣ иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ бошад ин чорчубаи рафтори ҳатмии шахси уҳдадор аст, ки барои таъмини ҳуқуқу манфати дигарон равона шудааст. Уҳдадории ҳуқуқӣ дар шакли иҷро кардани амалҳои зарурӣ ба манфиати шахси дигар (тарафи муқобили муносибати ҳуқуқӣ), худдорӣ кардан аз ҳаракатҳои муайян амалӣ мегардад.

Умуман, мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ дар натиҷаи муайян намудани ҳолати ҳуқуқӣ субъектони ин муносибатҳо кушода мешавад. Ҳолати ҳуқуқӣ субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ, ки ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва дар

ҳолатҳои муайян салоҳияти субъектони ин муносибатҳоро дар бар мегирад дар қонунгузории бонкӣ муқаррар карда мешавад.

**13. Намудҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ**

Муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ вобаста ба мазмун ба чунин намудҳо ҷудо карда мешаванд:

1. Муносибатҳо байни Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар иштирокчиёни низоми бонкӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ, ки дар навбати худ ин муносибатҳо ба ду намуд ҷудо мешаванд:

а) Муносибатҳои хусусияти ҳокимиятӣ дошта, ки бо танзими низоми бонкӣ, амалӣ гардонидани назорати бонкӣ, назорати қонунгузории бонкӣ, ба ҷавобгарӣ кашидани ташкилотҳои кредитӣ алоқаманд мебошанд;

б) Муносибатҳое, ки нисбатан бо баробарии тарафҳо ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти бонкӣ асос меёбанд;

2. Муносибатҳое, ки ҳангоми амалӣ гардонидани фаъолияти бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба вуҷуд меоянд:

а) Муносибатҳои байни бонкӣ байни иштирокчиёни зинаи поёнии низоми бонкӣ (бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ) Масалан, муносибати байни бонкҳои тиҷоратӣ;

б)Муносибатҳои ташкилотҳои қарзӣ ва мизоҷони онҳо. Масалан, муносибати байни бонк ва шахсони воқеӣ ё худ шахсони ҳуқуқӣ.

**14. Мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқи бонкӣ**

Сарчашмаи ҳуқуқ гуфта шакли зоҳирии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқ, фаҳмида мешавад. Қайд намудан лозим аст, ки меъёрҳои ҳуқуқ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос меёбанд.

Вобаста ба таърифи овардашудаи сарчашмаи ҳуқуқ сарчашмаҳои ҳуқуқи бонкиро ҳамчун шакли зоҳирии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқи бонкӣ шарҳ додан мумкин аст. Бо ибораи дигар, сарчашмаҳои ҳуқуқи бонкӣ тамоми он санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқи бонкӣ муқаррар карда шудаанд. Тамоми санадҳои

меъёрӣ-ҳуқуқие, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқи бонкӣ ифода меёбанд, низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи бонкиро ташкил медиҳанд.

Низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи бонкӣ мураккаб буда, комплекси муносибатҳоро танзим менамоянд. Шартан тамоми санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиеро, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи бонкиро ташкил медиҳанд ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст.

**15. Намудҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи бонкӣ**

а) Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Чи тавре маълум аст, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи аввалиндараҷа ва асосии тамоми соҳаҳои ҳуқуқи Тоҷикистон мебошад. Аз ин ру ба ҳуқуқи бонкӣ низ баъзе меъёрҳои ҳуқуқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд. Масалан, м. 12 Конститутсияи Тоҷикистон оид ба шаклҳои гуногуни моликият, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ,баробарҳуқуқӣ ва кафолати ҳифзи ҳуқуқӣ ҳамаи шаклҳои моликият; б. 4 ва б. 10 м. 57 оиди салоҳияти Маҷлиси намояндагон дар бораи додани ризоият ба додугирифти қарзи давлатӣ, тасдиқи фармони Президент дар бораи таъин ва озод намудани раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯ; б. 7 м. 69 оиди салоҳияти Президент дар бораи таъин ва озод намудани раиси Бонки миллӣ ва муовинони у.

Меъёрҳое, ки дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, мустақиман амал намуда, ҳислати ҳуқуқтаъсискуниро доранд ва ин меъёрҳо дар қонунҳои дигар васеъ инкишоф дода шуда, мушаххас мегарданд.

б) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", ки дар таҳрири нав аз 28 июни соли 2011 қабул шудааст .

в) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" аз 19 майи соли 2009.

г) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" аз 4 ноябри соли 1995.

д) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" аз 16 апрели соли 2012.

е) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолати амонати шахсони воқеӣ" аз I августа соли 2003.

ё) Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои 1,2,3.

ж) фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

з) қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

и) санадҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ.

к) санадҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар.

**16.Амали санадҳои меъёрии ҳуқуии бонкӣ дар замон**

Масъалаи муайян кардани амали қонунгузории бонкӣ дар замон аҳамияти, муҳими амалӣ дорад. Зеро аз тарзи дурусти ҳалли ин маъсала муайян кардан мумкин аст, ки кадом қонун, яъне қонуни нав ё қонуни куҳна барои танзими муносибати муайян татбиқ карда мешавад.

Амали санадҳои қонунгузории бонкӣ дар замон муайян кардани ҳудуди замонии санадҳои қонунгузории бонкиро дар назар дорад. Барои муайян кардани ҳудуди замонии амали санади қонунгузорӣ, лаҳзаи ба амал даромадани ин санад ва лаҳзаи қатъ гардидани амали онро донистан лозим аст. Ҳангоми муайянкунии вақти ба амал даромадан ва вақти қатъ гардидани амали санадҳои меъёрии ҳуқуқ бонкӣ ҳолатҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

а) Тартиби мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ бонкӣ;

б) Қувваи бозгашти санади меъёрии ҳуқуқӣ бонкӣ;

в) Муҳлати амали санади меъёрии ҳуқуқӣ бонкӣ;

г) Қатъи амали санади меъёрии ҳуқуқӣ бонкӣ.

**17. Амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бонкӣ дар макон ва нисбати ашхоси муайян**

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, агар дар худи онҳо ё дар санади меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи мавриди амал қарор додани онҳо тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

Қаламрави давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз макони хушкӣ, обӣ, ҳавоӣ ва қаъри замин иборат аст.

Нишондодҳои дар меъёрҳои ҳуқуқӣ бонкӣ ифодаёфта, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бонкӣ муқаррар шудаанд ба доираи васеи шахсон (субъектони ҳуқуқӣ бонкӣ) таъин шудаанд.

Ингуна шахсон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷа, шахсони шаҳрвандӣ надошта, ташкилотҳои ватанӣ ва ташкилотҳои хориҷӣ шуда метавонанд.

Ҳангоми муайян намудани амали санади меъёрии ҳуқуқӣ бонкӣ нисбати ашхоси муайян (гуруҳи шахсон) принсипи ҳудудӣ амал мекунад.

Мутобиқи принсипи ҳудудӣ нисбати тамоми шахсони дар боло гуфташуда, ки фаъолияти бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд ё дар муносибатҳои ҳуқуқӣ бонкӣ дар ҳудудӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок меқунанд, қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн мегардад.

### 18. Мафҳуми низоми бонкӣ

Низоми бонкӣ- гуфта маҷмуи тамоми бонкҳои дар давлати мазкур мавҷудбуда фаҳмида мешавад. Бояд гуфт, ки мафҳуми низоми бонкиро васеъ низ шарҳ додан мумкин аст. Ба фаҳмиши васеъ низоми бонкӣ гуфта на танҳо маҷмуи бонкҳои дар давлати мазкур мавҷудбуда, инчунин ташкилотҳои молиявии ғайрибонкие, ки амалиётҳои бонкиро анҷом медиҳанд, дар назар дошта мешаванд.

Умуман, низоми бонкӣ гуфта низоми ташкилотҳои махсусгардонидашудаи дар қонун аниқ муайяншударо мефаҳманд, ки дар соҳаи молия ва муносибатҳои пулю қарзи фаъолият намуда, барои иҷрои фаъолияти бонки ваколати махсус доранд. Низоми ягонаи бонкиро бонки марказӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва филиалҳои онҳо, филиалҳо ва намояндагиҳои бонкҳои хориҷӣ, ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ташкил медиданд.

### 19. Пайдоииш бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ дар давлатҳои хориҷа

Бонкҳо яке аз звеноҳои маркази низоми сохторҳои бозорӣ мебошанд. Сабаби пайдоиши бонкҳо ва низоми бонкӣ Пеш аз ҳама инкишофёбии ҷомеа ва муносибатҳои иқтисодӣ,

аз ҷумла тақсимоти меҳнат, зиёдшавии муносибатҳои пулию моли ва қарзӣ буд.

Дар давраи қадим баъзе идораҳое мавҷуд буданд, ки функсияҳои алоҳидаи бонкиро иҷро мекарданд. Дар адабиётҳо оид ба мавҷуд будани чунин идораҳо дар давлатҳои Бобулистони Қадим, Юнони Қадим, Мисри Қадим, Рими Қадим ишораҳо шудааст. Ин идораҳо функсияҳои гуногуни бонкиро иҷро менамуданд. Аз иҷрои амалиётҳои комиссионӣ оид ба хариду фурӯш ва пардохти маблағ сар карда то қарздиҳӣ ва дигар намудҳои амалиётҳоро анҷом медоданд.

Дар Бобулистон, ки ба ақидаи баъзе олимон бори аввал пул ва низоми пулӣ пайдо шудааст, дар асри VI пеш аз милод аллакай гӯё бонкирҳо мавҷуд буданд. Тахмин дар асри IV пеш аз милод дар Юнон гӯё бонкҳои махсусгардонидашуда ба вуҷуд омада буданд[1].

Пайдоиш ва паҳншавии бонкҳоро дар Миср ба замони Искандари Мақдунӣ вобаста мекунанд. Дар Рим бошад бонкҳо тахмин асри III пеш аз милод ташкил шудаанд[2].

Бояд қайд намуд, ки аз руи таҳлили сарчашмаҳои истифодашуда якумин бонкҳои ҷамъиятӣ гуё дар Италия пайдо шудаанд. Он ҷо дар Венетсия соли 1156 жиробонки "Монтеньева" ташкил ёфт ва соли 1587 дар Венетсия бонки давлатии жиробонк бо номи "Вапсо di Rialto» таъсис дода шуд. Соли 1609 дар Голландия, соли 1619 дар Гамбург бонкҳо тасъис дода шуданд.

Хусусан дар Англия фаъолияти бонкӣ ва бонкдорӣ хеле инкишоф ёфта буд. Дар он ҷо на танҳо бонкҳои зиёд балки бонкирҳои зиёд низ пайдо шуданд. Бонки асосӣ Бонки англисӣ буд, ки соли 1694 аз ҷониби шотландӣ Уильям Петерсон бо ҳаҷми 1 200000 фунт сармояи оинномавӣ барои ҳалли мушкилиҳои молиявии ҳукуматӣ ташкил карда шуд.

Бонкҳои махсусгардонидашуда дар Шотландия соли 1695, дар Париж соли 1776, дар Петербург соли 1780 таъсис дода шуда буданд.

---

[1] Давлатов И.Х. Становление и развитие банковской системы Таджикистана. Душанбе, «Ирфон» -2005. С. 61.

[2] Ҳамон ҷо С, 62.

Дар Франсия бонки марказӣ аз ҷониби Наполеон соли 1800, дар Австрия Бонки Австрия соли 1806, Бонки давлатии Руссия соли 1860 таъсис дода шуда буд.

### 20. Пайдоиш ва инкишофи низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза то ғалабаи инқилоби октябри соли 1917 идораҳои бонкӣ тамоман мавҷуд набуданд[1]. Қисми шимолии Тоҷикистони имрӯза ба Генерал-губернатории Туркистон дохил мешуд. Бинобар ин айнан дар ҳамин қисмати Тоҷикистон муносибатҳои сармоядорӣ пайдо мешавад.

Қисмати марказию Ҷанубии Тоҷикистон бошад ба ҳайати аморати Бухоро, ки сохти феодалиро дошт дохил мешуд. Дар ин давра аморати Бухоро ба протекторати Руссияи шоҳӣ дохил буд.

Қисмати зиёди Помир ба ҳайати Туркистон дохил буд, вале қисмати Ғарбии он бошад, ба аморати Бухоро дохил мешуд.

Зарурати кушодани бонкҳо дар ҳудуди Тоҷикистон бори аввал дар баромади ҷонишини раиси КИ ҶМШС Тоҷикистон дар маҷлиси ҳукумат 14 декабри соли 1924 қайд гардид ва ба суроғаи Кантораи осиёимиёнагии Бонки давлатии ИҶШС маълумот дар бораи он, ки кадом корҳо барои ташкили шуъбаи Бонки давлатии ИҶШС дар Душанбе рафта истодааст, фиристода шуд[2].

Тибқи маълумотҳо то октябри соли 1925 дар Душанбе Агентии бонки давлатии ИҶШС таъсис дода шуда буд, ки аз октябри соли 1925 то соли 1926 он бо номи Кантораи бонки давлатии ИҶШС дар Душанбе, аз соли 1926 бо номи Конторaи Тоҷикистонии бонки давлатии ИҶШС, аз сентябри соли 1932 бо: номи Конторaи ҷумҳуриявии Бонки давлатии ИҶШС, аз октябри соли 1987 бо номи Бонки ҷумҳуриявии тоҷикии Бонки давлатии ИҶШС, аз 28-уми июни соли 1991 бо номи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 14-ум декабри соли 1996 бо номи Бонки миллии Тоҷикистон

---

[1] Давлатов И.Х. Становление и развитие банковской системы Таджикистана. Душанбе, «Ирфон» -2005. С, 69.

[2] Ҳамон ҷо. С.70.

фаъолият менамояд. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун бонки мустақил дар заминаи шуъбаи ҷумҳуриявии Бонки давлатии ИҶШС дар щаҳри Душанбе дар асоси қарори Парламенти мамлакат аз 28-уми июни соли 1991 таъсис дода шудааст. Дар таърихи худ Бонки миллии Тоҷикистон роҳи мушкил ва тулониро паси сар намуда, аз Агентии Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Душанбе то ба Бонки миллии Тоҷикистон табдил дода шудааст. Ҳамин тавр, дар мисоли таърихи инкишофёбии Бонки миллии Тоҷикистон таърихи инкишофи низоми бонкии Тоҷикистонро мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар давраи шуравӣ дар Тоҷикистон шуъбаҳои ҷумҳуриявии шаш бонки иттиҳод - Бонки давлатии ИҶШС, Бонки аграрӣ-истеҳсолӣ, Бонки саноату сохтумон, Бонки содиротӣ, Бонки амонатҳои меҳнатӣ ва Бонки манзилию ичтимоӣ амал мекард.

Низоми бонкии Тоҷикистони шуравӣ ба низоми якзинагӣ дохил мешуд. Дар айни замон низоми бонкии Тоҷикистонро Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои дигари қарзии (кредитии) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда ташкил медиҳанд.

Чун бештари давлатҳои ҷаҳон Тоҷикистон имрӯз низоми бонкии дузинагиро пеш гирифтааст. Зинаи болоии низоми бонкиро Бонки миллии Тоҷикистон ташкил медиҳад, ки пас аз истиқлолият дар заминаи аз нав ташкилдиҳии шуъбаи ҷумҳуриявии Бонки давлатии ИҶШС таъсис дода шуд. Зинаи поёнии низоми бонкии Тоҷикистонро бошад бонкҳои дигар, инчунин ташкилотҳои қарзии (кредитии) ғайрибонкӣ ташкил медиҳанд.

### 21. Мафҳуми фаъолияти бонкӣ

Фаъолияти бонкӣ - аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ анҷом додани амалиёти бонкӣ ва аҳдҳое, ки дар қонун пешбинӣ гардидааст.

### 22. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои дигари қарзии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда.

**23. Мафҳуми ташкилотҳои қарзӣ**

Ташкилотҳои қарзӣ - шахсони ҳуқуқие (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар қонун пешбинишударо иҷро менамоянд.

**24. Мафҳуми бонк**

Бонк – ташкилоти қарзие, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои сармояи оинномавии барои он муқarrарkardаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуқуқи иҷрои на камтар аз се амалиёти зерин: ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ мебошад.

**25. Мафҳуми ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ**

Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ – ташкилотҳои қарзие, ки ҳуқуқи иҷрои баъзе аз амалиёти бонкиро доранд. Номгӯи амалиёти бонкиро барои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон муайян менамояд.

**26. Мафҳуми бонки фаръӣ**

Бонки фаръӣ – бонке, ки зиёда аз панҷоҳ фоизи саҳмияҳои овоздиҳандаи он ба бонки дигар тааллуқ дорад.

**27. Мафҳуми кормандони роҳбарикунанда**

Кормандони роҳбарикунанда – раиси ташкилоти қарзӣ ва муовинони ӯ, раиси раёсат ва аъзои дигари он, сармуҳосиби ташкилоти қарзӣ, инчунин роҳбар ва сармуҳосиби филиали ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла филиали бонки хориҷӣ.

**28. Мафҳуми ҷамъияти ҳолдингии ташкилоти қарзӣ**

Ҷамъияти ҳолдингии ташкилоти қарзӣ – шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти қарзӣ ба ӯ тааллуқ дорад ё аз ҷониби ӯ назорат карда мешавад.

**29. Мафҳуми ҷамъияти вобаста**

Ҷамъияти вобаста – шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти қарзиро назорат мекунад, ҳамчунин ҳар гуна шахси ҳуқуқии дигаре, ки аз тарафи ин шахси ҳуқуқӣ назорат карда мешавад, аз ҷумла шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Бонки миллии Тоҷикистон ба ин гурӯҳ дохил мешавад.

**30. Ваколати назоратӣ аз болои шахси ҳуқуқии дигар**

Ваколати назоратӣ аз болои шахси ҳуқуқии дигар – ваколатҳои шахсест, ки:

а) ба таври мустақим ё ғайримустақим, тавассути як ё якчанд шахс молик, назораткунанда ё дорандаи ё бештар аз он саҳмияҳои овоздиҳанда ва ё ҳиссаҳои шахси 25 %ҳуқуқӣ бошад;

б) ваколати интихоби аксарияти роҳбарони шахси ҳуқуқиро дошта бошад;

в) дорои ваколати назоратии дигаре бошад, ки Бонки миллии Тоҷикистон муайян кардааст.

**31. Мафҳуми филиал**

Филиал – воҳиди махсуси сохтории ташкилоти қарзӣ, ки берун аз маҳали ҷойгиршавии он қарор дошта, аз номи он пурра ё қисман фаъолияти бонкиро иҷро менамояд ва бо ташкилоти қарзӣ сармояи оинномавӣ ва тавозуни ягона дорад.

**32. Филиали бонки хориҷӣ**

Филиали бонки хориҷӣ – воҳиди махсуси сохторӣ, ки аз ҷониби бонки хориҷӣ барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

**33. Намояндагӣ**

Намояндагӣ – воҳиди махсуси сохтории ташкилоти қарзе мебошад, ки берун аз маҳали ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиатҳои онро ҳифз ва намояндагӣ намуда ва ягон намуди фаъолияти бонкиро иҷро наменамояд.

**34. Қарз**

Қарз - маблағе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба мухлати муайян дода шудааст.

**35. Амонат**

Амонат - маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигаҳдорӣ супурда шудаанд.

**36. Пасандоз**

Пасандоз - маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст;

**37. Шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод-шахси воқеие, ки**

а) бо ҳукми суд барои содир кардани ҷиноятҳои мақсуднок (аз ҷумла хусусияти коррупсионӣ дошта) ба амалҳои динӣ ё сиёсии ӯ алоқаманд набуда аз озодӣ маҳрум нашуда бошад;

б) аз тарафи суд дар давоми ҳафт соли охир муфлис эътироф нашуда бошад;

в) аз тарафи суд барои кирдори амалҳои динӣ ё сиёсии ӯ алоқаманд набуда, аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян ё аз ишғоли мансабҳои муайян маҳрум нашуда бошад;

**38.Ҳиссаи иштироки афзалиятнок** - ҳиссаи иштироки бевосита ё бавоситаи шахсе, ки мустақилона ё тавассути ягон кас ё якҷоя бо як ё бештар шахсон дорои зиёда аз даҳ фоизи сармояи оинномавӣ ё саҳмияҳои овоздиҳандаи ташкилоти қарзӣ мебошад ё ҳиссаи иштироки афзалиятноке, ки онро Бонки миллии Тоҷикистон муайян кардааст;

**39. Шахси вобаста** – шахсони зерин дар назар дошта мешаванд:

а) корманди роҳбарикунанда;

б) аъзои оилаи корманди роҳбарикунанда;

в) шахс ва аъзои оилаи ӯ, ки дар ташкилоти қарзӣ ҳиссаи иштироки афзалиятнок дорад ва ҳар гуна шахси ҳуқуқие, ки дар он шахс ё корманди роҳбарикунанда дорои ҳиссаи иштироки афзалиятнок мебошад;

г) шахси ҳуқуқие, ки дар он ташкилоти қарзӣ ҳиссаи иштироки афзалиятнок дошта, ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявии маҷмӯӣ ба инобат гирифта намешавад;

**40. Меъёрҳои мақбул** – меъёрҳои иқтисодие, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ муқаррар гардида, риояи онҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҳатмӣ мебошад ;

**41. Форфейтинг** - маблағгузории аҳдҳои тиҷоратӣ бо роҳи баҳисобгирии векселҳо бидуни ӯҳдадории фурӯшанда.

**42. Факторинг** - маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талаботи пулӣ.

**43. Мақоми ҳуқуқӣ Бонки миллии Тоҷикистон**

Бонки миллии Тоҷикистон бонки марказии эмиссионӣ ва захиравии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва дар назди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот-диҳанда аст. Бонки миллии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ буда, дорои мухр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи худ мебошад.

Маҳалли воқеъ гардидани Бонки миллии Тоҷикистон шаҳри Душанбе мебошад. Бонки миллии Тоҷикистон метавонад бо салоҳдиди худ дар мамлакат ва хориҷ аз он шӯъбаҳо ва намояндагиҳояшро кушояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи уҳдадориҳои Бонки миллии Тоҷикистон ба истиснои ӯҳдадориҳое, ки бо розигии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, масъулият надорад, Бонки миллии Тоҷикистон низ аз рӯи ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бе розигии Бонки миллии Тоҷикистон қабул шудаанд, масъулият надорад.

**44. Қурби расмии асъор** - қурби асъор, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар кардааст; тавозуни пардохт - ҳисоботи оморие, ки амалиёти дар муддати муайян анҷомдодаи байни резидентҳо ва ғайрирезидентҳоро ҷамъбаст менамояд;

**45. Хизматрасониҳои пулӣ** – низоми интиқоли пул, қабули пардохтҳо бо истифодабарии нуқтаҳои қабули пардохтҳо, хизматрасониҳои ҳисоббаробаркунӣ, хазинавӣ, инкассатсияи маблағ, векселу чекҳо, эмиссия ва хизматрасонии кортҳои пардохтӣ;

**46. Низоми клиринг** - низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва байнибонкӣ, ки ба талабот ва ҳисоби ӯҳдадориҳои пардохти мутақобилаи пулӣ асос ёфтааст;

**47. Муносибати Бонки миллии Тоҷикистон бо Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бонки миллии Тоҷикистон дар назди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад, ки он чунин амалӣ карда мешавад:

- Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва муовинони ӯ тасдиқ мекунад;
- Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкати дигари аудиториро барои гузаронидани аудити берунии Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузори дар сурати норозӣ будан аз натиҷаи аудити беруние, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шудааст, муайян мекунад;
- Бонки миллии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солонаи Бонки миллии Тоҷикистон ва хулосаи аудиториро пешниҳод менамояд;
- Бонки миллии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисоботро оид ба иҷрои он пешниҳод мекунад.

**48. Мақсадҳои Бонки миллии Тоҷикистон**

Мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон ноил шудан, нигоҳ доштани сатҳи мӯътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат мебошад.

Мақсадҳои иловагии Бонки миллии Тоҷикистон инҳоянд:

- таъмини устувории низоми бонкии давлат;
- мусоидат ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохт.

Гирифтани фоида мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон намебошад.

**49. Вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон**

Вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- таҳия ва амалӣ намудани сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлили иқтисодӣ ва пулӣ ва дар асоси он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани таклифҳо, инчунин ба маълумоти ҷомеа расонидани натиҷаҳои таҳлил;
- додани иҷозатнома ба ташкилотҳои қарзӣ барои иҷрои амалиёти бонкӣ ва танзиму назорати фаъолияти онҳо;
- додани иҷозатнома барои фаъолияти Бюроҳои таърихи қарз ва танзиму назорати фаъолияти онҳо;
- ташкили низоми пардохт, клиринг, ҳисоббаробаркунӣ ва низоми хизматрасониҳои пулӣ, танзим ва назорати фаъолияти онҳо;
- ба таври монополӣ амалӣ намудани эмиссияи пули нақд, ба муомилот баровардан ва аз муомилот гирифтани пул;
- нигаҳдорӣ ва идораи захираҳои байналмилалӣ;
- иҷрои амалиётҳои бонкӣ;
- аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба худ гирифтани уҳдадориҳо ва иҷрои амалиётҳое, ки аз иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ бармеоянд;
- таҳияи тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бонки миллии Тоҷикистон метавонад бо мақсади мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм мутобиқи қонун чораҳои зарурӣ андешад ва

вобаста ба он фаъолияти ташкилотҳои қарзиро танзим ва назорат намояд.

**50.Ташкили фаъолият ва молу мулки Бонки миллии Тоҷикистон**

Бонки миллии Тоҷикистон молики маблағ, биноҳо, иншоот, таҷҳизот ва амволи дигар буда, метавонад воситаҳои асосии аз истифода баровардашударо аз тавозунаш хориҷ намояд ва ба шахсони дигар ройгон диҳад ё фурӯшад. Бо мақсади иҷрои вазифаҳои худ ташкилотҳои дорои ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳад, биноҳо, иншоот ё молу мулки дигарро харида гирад ба шарте, ки чунин молу мулк барои таъмини фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон зарур бошад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини амнияти фаъолияти худ, инчунин нигаҳдории молу мулку дороиҳо ва ҳифзи кормандонаш ҳуқуқ дорад хадамоти махсуси амниятӣ ва посбониро таъсис диҳад ва ҳамчунин тибқи қонун яроқ ва воситаҳои махсуси ҳимоявӣ харидорӣ карда, нигаҳ дорад ва истифода барад.

**51. Сармояи оинномавии Бонки миллии Тоҷикистон**

Сармояи оинномавии Бонки миллии Тоҷикистон 20,млн. сомониро ташкил медиҳад. Он дар асоси Қарори Раёсати Бонки миллии Тохикистон бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо тасдиқи минбаъдаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад зиёд карда шавад.

Сармояи оинномавиро ба дигарон додан ё ба гарав мондан мумкин нест. Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва бо мақсади баробар кардани фоида ва зиёни аз ҳисоби азнавбаҳодиҳии арзиши металлҳои қиматбаҳо ва асъори хориҷии бадастомада, суратҳисоби арзиши азнавбаҳодиҳии истифоданагардида кушода, пешбурди онро анҷом медиҳад.

**52. Фоида ва зиёни Бонки миллии Тоҷикистон**

Фоидаи соф ва зиёни Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ муайян карда мешавад.

Дар давоми сӣ рӯзи баъди нашри ҳисоботи молиявии аудитшуда Бонки миллии Тоҷикистон фоидаи воқеан бадастовардаи худро бо тартиби зерин тақсим менамояд:

- ба сармояи оинномавӣ - 10 % то пурра ташаккул ёфтани он;
- ба фонди захиравӣ - 60 % то ба 10 % ӯҳдадориҳои Бонки миллии Тоҷикистон баробар шудани он;
- ба буҷети давлатӣ - қисми боқимондаи фоида баъди тасдиқи ҳисоботи солона аз тарафи Раёсат.

Зиёни Бонки миллии Тоҷикистон аз рӯи натиҷаҳои солҳои гузашта дар соли ҷорӣ аз ҳисоби фонди захиравӣ ва дар ҳолати нокифоя будани он аз ҳисоби сармояи оинномавӣ ҷуброн карда мешавад.

**53.Сиёсати пулӣ**

Бонки миллии Тоҷикистон масъули таҳия ва татбиқи сиёсати пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади мусоидат ба ҳамкории байниидоравӣ, аз ҷумла мубодилаи иттилоот ва баҳодиҳии вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи сиёсати пулӣ таъсис медиҳад. Кумитаи сиёсати пулӣ мақоми машваратии байниидоравӣ буда, ба Раёсат тавсияҳо пешниҳод мекунад.

**54. Принсипҳои асосии ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон**

Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳое, ки қонун ба вай додааст, мустақил мебошад. Аъзои Раёсат ва кормандони Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои қабул кардани қарор ваколат доранд, аз ягон шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла аз мақомоти давлатӣ супориш намегиранд.

Ҳар гуна мудохила ба фаъолияти онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Бонки миллии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

**55. Муносибатҳои қарзӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулоддаю ғайричашмдошт ва нарасидани маблағи буҷети

давлатӣ, метавонад барои ҷуброни фарқи зиёни он аз Бонки миллии Тоҷикистон қарз гирад. Маблағи умумии қарзи мақсаднок гирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бонки миллии Тоҷикистон набояд аз 10 % маблағи қисми даромади умумии буҷети давлатӣ дар қиёс бо солҳои пешин зиёд бошад. Қарзҳои гирифта дар давоми 12 моҳ пардохт карда мешаванд.

**56. Бонки миллии Тоҷикистон - бонкдор, мушовири молиявӣ ва намоянда**

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун бонкдор, мушовири молиявӣ, намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигари давлатӣ оид ба масъалаҳои низоми захира ва масъалаҳои дигар мебошад, ки бо фаъолияти бонкӣ вобастаанд.

**57. Ваколатҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ**

Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ ва созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, дар муносибат бо бонкҳои марказии (миллии) давлатҳои хориҷӣ, Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ ва дигар ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ намояндаи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз номи он муомила ва додугирифт мекунад.

**58. Бонки миллии Тоҷикистон - мақоми танзими асъор ва назорати асъор**

Бонки миллии Тоҷикистон мақоми давлатии танзими асъор ва назорати асъор буда, вазифаи худро мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ва дигар қонунҳо амалӣ менамояд.

**59. Захираҳои байналмилалии Бонки миллии Тоҷикистон**

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои хориҷии худ ва ҳимояи сармояи оинномавиаш аз тағйирёбии қурби асъор, як қисми маблағи худро бо асъор ва дигар дороиҳои асъорӣ, ки арзиши онҳо дар бозорҳои байналмилалӣ устувор аст, нигоҳ медорад.

Захираҳои байналмилалии Бонки миллии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд:

- тилло ва дигар металлҳои қиматбаҳо, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон ё аз номи вай дар дигар ташкилотҳои қарзӣ нигоҳ дошта мешаванд, аз ҷумла уҳдадориҳои шахсони дигар, ки аз тилло ва дигар металлҳои қиматбаҳо иборат мебошад;
- асъори мубодилаи озод, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон ё аз номи вай дар дигар ташкилотҳои қарзӣ нигоҳ дошта мешавад;
- уҳдадории шахсони дигар ва пасандозҳои байнибонкии аз рӯи дархост ё дар муҳлати кутоҳ пардохтшаванда, ки аз асъори мубодилаи озод иборат буда, дар суратҳисобҳои Бонки миллии Тоҷикистон ё дар тавозуни бонкҳои марказии (миллии) хориҷӣ ё ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ қарор доранд;
- коғазҳои қиматноки қарзии бозоргирӣ иборат аз асъори мубодилаи озод, ки ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ, бонкҳои марказии (миллии) хориҷӣ ё ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ баровардаанд ё коғазҳои қиматноки қарзие, ки пурра бо даромад ва қарзҳои эмитент таъмин шудаанд;
- талабот ба ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, ки дар асоси амалиёти фурӯшу бозхарид ва созишнома оид ба қарз додани коғазҳои қиматнок ба миён меоянд;
- ҳуқуқи махсуси қарзгирӣ, ки дар суратҳисоби Бонки миллии Тоҷикистон дар Хазинаи байналмилалии асъор мавҷуданд;
- маблағҳои асъории Бонки миллии Тоҷикистон дар Хазинаи байналмилалии асъор.

**60. Бонки миллии Тоҷикистон - мақоми танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ**

Бонки миллии Тоҷикистон дорои ҳуқуқи истисноии танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Бо ин мақсад Бонки миллии Тоҷикистон:

- ба ташкилотҳои қарзӣ иҷозатнома медиҳад, онҳоро дар феҳристи бақайдгирӣ сабт мекунад, стандартҳои назорати фаъолияти онҳоро таҳия намуда, тартиби татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои худро муқаррар менамояд;

- ташкилотҳои қарзиро бо қувваи кормандони худ ё мутахассисони ба ин мақсад ҷалбгардида, аз ҷумла амалиёт, феҳристҳо, ҳуҷҷатҳо ва суратҳисобҳои онҳоро санҷида, риояи талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ва қонунҳои дигари ба фаъолияти бонкӣ дахлдоштаро мунтазам назорат менамояд;

- аз ташкилотҳои қарзӣ пешниҳоди иттилооти заруриро барои танзим ва назорати фаъолияти онҳо, инчунин оид ба ислоҳи вазъи кунунии онҳо чора диданро талаб мекунад.

Мақсади асосии танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ нигоҳдории суботи низоми бонкӣ ва низоми пардохт, ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон ва қарздеҳон мебошад.

**61. Воситаи қонунии пардохт ва эмиссияи пули миллӣ**

Пули миллии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон баровардашуда ва дар гардиш қарордошта воситаи ягона ва истисноии пардохти ҳар гуна уҳдадориҳои пулӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо буда, қабули он бо арзиши номиналиаш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи тамоми пардохтҳои пулӣ ҳатмӣ мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон дорои ҳуқуқи истисноии эмиссияи (барориши) пули коғазӣ (банкнота) ва танга ҳамчун воситаи қонунии пардохт дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**62. Тавсифи пули миллӣ**

Бонки миллии Тоҷикистон бо меъёрҳои худ арзиши номиналӣ, андоза, вазн, ороиш ва дигар хусусиятҳои пули коғазӣ ва тангаҳоеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаи пардохт мебошанд, муқаррар мекунад.

**63.Ҳисоботи солона**

Баъди ба охир расидани соли молиявӣ Бонки миллии Тоҷикистон ҳисобот тартиб медиҳад, ки он ҳуҷҷатҳои зеринро дар бар мегирад: Баъди ба охир расидани сол БМТ барои омода намудани ҳисоботи молиявӣ тайёрӣ мебинад, ки он чунин талаботҳоро дарбар мегирад.

- ҳисоботи тавозунӣ, ҳисобот оид ба фоида ва зиён, ҳисобот оид ба тағйирёбии сармоя ва ҳисоботи зарурии дигар;

- усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ аз он истифода намудааст;

- шарҳи мухтасари вазъи макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, арзёбии вазъият ва рушди ояндаи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**64.Уҳдадориҳои шартӣ**

1. Бонки миллии Тоҷикистон дорои уҳдадориҳои муайян мебошад, ки қисме аз онҳоро уҳдадориҳои шартӣ (кафолатномаҳо, маблағҳои муштариён дар суратҳисобҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва уҳдадориҳое, ки дар асоси баҳсҳои судӣ пайдо шудаанд) ташкил медиҳанд.

2. Ҳамасола Бонки миллии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба уҳдадориҳои шартиаш иттилоъ медиҳад, агар:

- маблағи уҳдадориҳои шартӣ аз панҷ фоизи дороиҳои софи он зиёд бошад;

- маблағи дар суратҳисоби Бонки миллии Тоҷикистон мавҷудбуда дар давоми 3 соли охир аз ҷониби муштарӣ талаб карда нашуда бошад.

3. Бо дархости Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз зарурати баррасии мукаммали уҳдадориҳои шартӣ бармеояд, Бонки миллии Тоҷикистон маълумоти иловагӣ пешниҳод менамояд.

4. Бонки миллии Тоҷикистон ҳар сол на дертар аз 30-юми июн ҳисоботи солонаи худро бо хулосаи аудиторӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, дар воситаҳои ахбори омма нашр мекунад.

**65. Сохтор, мақомоти идоракунӣ ва теъдоди шахсони роҳбарикунанда.**

Бонки миллии Тоҷикистон аз Дастгоҳи марказӣ ва шӯъбаҳои минтақавӣ иборат аст.

Идоракунии Бонки миллии Тоҷикистон тавассути Раёсат ва раиси Бонки миллии Тоҷикистон сурат мегирад. Раёсат мақоми олии коллегиалӣ буда, самтҳои асосии фаъолият, роҳбарӣ ва идоракунии Бонки миллии Тоҷикистонро муайян ва амалӣ шудани онҳоро назорат мекунад.

Раёсат аз раиси Бонки миллии Тоҷикистон, се нафар муовинони ӯ ва се нафар аъзои мустақил, ки бо пешниҳоди раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд, иборат мебошад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва муовинони ӯ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда шуда, фармонҳо барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз рӯи вазифа ба ҳайати Раёсат дохил мешавад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, муовинони ӯ ва аъзои Раёсат бояд шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дорои таҳсилоти олии иқтисодӣ ва таҷриба дар соҳаи бонкдорӣ бошанд, доғи судӣ надошта, ба ташкилотҳои муфлисшуда роҳбарӣ накарда бошанд.

Маоши вазифавии раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва муовинони ӯ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Аъзои Раёсат ба мӯҳлатҳои зерин таъин карда мешаванд:

- раиси Бонки миллии Тоҷикистон - ба муҳлати ҳафт сол;
- муовинони раиси Бонки миллии Тоҷикистон - ба муҳлати панҷ сол;
- аъзои мустақили Раёсат - ба муҳлати чор сол.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, муовинони ӯ ва аъзои дигари Раёсат метавонанд аз нав ба вазифаҳои худ таъин карда шаванд.

Аъзои мустақили Раёсат аз ҳисоби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳаи иқтисодӣ, муассисаҳои илмии иқтисодӣ ва собиқадороне, ки аз соҳаҳои иқтисод, молия ва бонкдорӣ ба нафақа баромадаанд, таъин карда мешаванд. Ба шахсони мазкур аз ҷониби раиси Бонки миллии Тоҷикистон подошпулӣ муқаррар карда мешавад.

Дар сурати аз вазифа озод шудани раиси Бонки миллии Тоҷикистон ё муовинони ӯ, онҳо иҷрои вазифаҳои худро то тасдиқ шудани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бора аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон давом медиҳанд.

**66. Ваколатҳои раиси Бонки миллии Тоҷикистон**

- аз номи Бонки миллии Тоҷикистон бе ваколатнома амал мекунад ва манфиатҳои онро дар муносибат бо мақомоту ташкилотҳои давлатӣ, ташкилотҳои дигар, ташкилотҳои қарзӣ, ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ намояндагӣ мекунад, шартномаҳо ба имзо мерасонад, аз рӯи ҳамаи масъалаҳои фаъолияти он, ба истиснои масъалаҳое, ки ба салоҳияти Раёсат тааллуқ доранд, қарорҳо қабул мекунад;
- барои таъмини иҷрои қарорҳои Раёсат масъул аст;
- ваколатҳоеро, ки Раёсат ба зиммаи ӯ вогузор намудааст, амалӣ менамояд;
- амалиёти ҳаррӯзаи Бонки миллии Тоҷикистонро назорат мекунад;
- дар ҷаласаҳои Раёсат раисӣ мекунад;
- ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Бонки миллии Тоҷикистон, қарорҳо ва протоколҳои маҷлиси Раёсат, шартномаҳо ва қарордодҳое, ки Бонки миллии Тоҷикистон мебандад, имзо мегузорад;
- вазифаҳоро дар байни муовинон тақсим мекунад;
- хизматчиёни Бонки миллии Тоҷикистонро ба кор қабул ва аз кор озод мекунад;
- фармонҳо мебарорад ва амрҳо медиҳад, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи хизматчиёни Бонки миллии Тоҷикистон ва шӯъбаҳои он ҳатмӣ мебошад;
- барои фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон комилан масъул буда, амалӣ намудани вазифаҳои онро таъмин мекунад.

Дар вақти набудани раиси Бонки миллии Тоҷикистон вазифаҳои ӯро муовини якум, дар набудани муовини якум, яке аз муовинон иҷро менамояд.

**67. Ваколатҳои Раёсат**

а) сиёсати пулии давлатро таҳия менамояд, аз ҷумла маҳдудкунии амалиётро дар бозори озод, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон сурат мегирад, меъёри фоизӣ аз рӯи амонатҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон, шартҳои додани қарзҳо, намудҳо ва маблағи захираҳо, ки бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ бояд онҳоро дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ доранд, муқаррар мекунад;

б) сиёсати асъории давлатро татбиқ менамояд, аз ҷумла қурби расмии асъорро муайян мекунад;

в) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Бонки миллии Тоҷикистонро барои истифодаи умум қабул ва тасдиқ менамояд;

г) гузориш ва ҳисоботро, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд, баррасӣ менамояд;

д) дар бораи иштироки Бонки миллии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ қарорҳо қабул менамояд;

е) арзиши номиналӣ, ороиши пулҳои коғазӣ ва тангаҳо, тартиби ба муомилот баровардани онҳо ва шарту шароити аз муомилот гирифтани онҳоро муайян мекунад;

ё) сиёсати идоракунии захираҳои байналмилалии Бонки миллии Тоҷикистонро муайян мекунад;

ж) дар бораи додани иҷозатнома ба ташкилотҳои қарзӣ қарор қабул мекунад;

з) бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи зиёд кардани сармояи оинномавии Бонки миллии Тоҷикистон қарор қабул мекунад;

и) ҳисоботи солонаи Бонки миллии Тоҷикистонро тасдиқ мекунад;

к) дар бораи мушаххасоти баровардани уҳдадориҳои қарзии Бонки миллии Тоҷикистон қарор қабул мекунад;

л) сохтори Бонки миллии Тоҷикистонро муайян мекунад, маоши вазифавии хизматчиён, талаботи тахассусиро ба онҳо ва дигар пардохтҳои иловагиро барои кормандони Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар менамояд;

м) мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб ва шароити ба кор қабул намудани хизматчиёни Бонки миллии Тоҷикистонро муайян мекунад;

н) шӯъбаҳо ва намояндагиҳои Бонки миллии Тоҷикистонро таъсис ва барҳам медиҳад;

о) сметаи даромад ва хароҷоти Бонки миллии Тоҷикистонро тасдиқ мекунад;

п) ҳар гуна айбдоркуниро оид ба суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ ва иҷро карда натавонистани вазифаҳои аъзои Раёсатро баррасӣ намуда, дар сурати асоснок донистани онҳо, бо хулосаю тавсияҳои худ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш мефиристад;

р) шартҳо ва ҳолати муфассали хизматрасонии Бонки миллии Тоҷикистонро ҳамчун бонкдор, мушовир ва намояндаи молиявии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи қонунгузорӣ муайян мекунад;

с) аудитори берунии Бонки миллии Тоҷикистонро бо тавсияи кумитаи аудит таъин мекунад;

т) низоми назорати дохилиро барои Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ мекунад;

ф) тартиби суғуртаи тиббии хизматчиёни Бонки миллии Тоҷикистонро муқаррар менамояд;

х) раёсат барои иҷрои вазифаҳои худ бо мақсади татбиқи самарабахши сиёсати пулию қарзӣ, таъмини рушди низоми бонкӣ ва устувории молиявӣ, инчунин барои назорати дохилӣ метавонад кумитаҳо таъсис дода, тартиби фаъолияти онҳоро муқаррар намояд.

**68. Кормандони Бонки миллии Тоҷикистон**

Кормандони Бонки миллии Тоҷикистонро роҳбарият (раис ва муовинони ӯ) ва хизматчиёни Бонки миллии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Шартҳои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардан, ҳуқуқ ва вазифаҳои хизматӣ, муҷозоти интизомии хизматчиён ва пардохтҳои иловагиро барои кормандони Бонки миллии Тоҷикистон Раёсат муқаррар менамояд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва муовинони ӯ баъди як моҳи ба вазифа таъин шуданашон, инчунин аввали ҳар сол дар шакли хаттӣ ба Раёсат бо тартиби муқаррарнамудаи он дар бораи манфиатҳои бевосита ё бавоситаи тиҷоратӣ (қарзҳои бонкӣ, пасандозҳо, саҳмияҳо ва коғазҳои қиматноки

дигари ташкилотҳои қарзӣ), ки молики онҳо худашон ва ё фарзандону шахсони дигаре мебошанд ва бо онҳо хоҷагии умумӣ доранд, маълумот пешниҳод менамоянд. Раёсат ин маълумотро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Аъзои Раёсат ва хизматчиёни Бонки миллии Тоҷикистон, ки вазифаҳои рӯйхаташ аз тарафи Раёсат тасдиқшударо ишғол мекунанд, метавонанд танҳо аз Бонки миллии Тоҷикистон барои эҳтиёҷоти шахсӣ қарз гиранд. Шахсони мазкур уҳдадоранд дар бораи қарзе, ки қаблан то ба вазифаҳои ишғолкардаи худ таъин шуданашон аз ташкилотҳои қарзӣ гирифтаанд, Раёсатро огоҳ намоянд.

Хизматчиёни дигари Бонки миллии Тоҷикистон уҳдадоранд оид ба ҳар қарзи аз ташкилотҳои қарзӣ гирифтаашон ба Департаменти аудити дохилии Бонки миллии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

Раёсат тартиби додани қарзро ба кормандони Бонки миллии Тоҷикистон барои хариди манзил, пардохти хизмати тиббӣ, таҳсил ва дигар мақсадҳои оилавӣ муқаррар менамояд.

Раёсат метавонад андозаҳои ниҳоии қарзеро, ки кормандон аз ташкилотҳои қарзӣ мегиранд, муқаррар намояд.

Хизматчиёни алоҳидаи Бонки миллии Тоҷикистон, ки кори онҳо бо хавфи таҳдид ба ҳаёташон алоқаманд аст, мутобиқи номгӯи тасдиқнамудаи Раёсат бо суғуртаи ҳатмӣ фаро гирифта мешаванд.

**69. Аудити берунии Бонки миллии Тоҷикистон**

Ба ҳисоботи солонаи Бонки миллии Тоҷикистон бояд хулосаи аудиторӣ дода шавад. Аудити берунии Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи стандартҳои байналмилалии аудит гузаронида мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо ширкати эътирофшудаи аудиторӣ, ки ғолиби озмун гардидааст, қарордод мебандад ва ҳисоботу иттилооти барои гузаронидани аудит заруриро пешниҳод мекунад.

Қарордод дар бораи гузаронидани аудит бояд ҳаҷми иттилооти ба ширкати аудиторӣ пешниҳодшаванда, инчунин

масъулияти онро барои ба шахсони сеюм додани иттилооти гирифташуда пешбинӣ кунад.

Як ширкати аудиторӣ наметавонад пайваста бештар аз панҷ сол аудити Бонки миллии Тоҷикистонро гузаронад.

Муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» нисбат ба ширкатҳои аудитории хориҷие, ки аудити Бонки миллии Тоҷикистонро мегузаронанд, татбиқ намегардад.

**70. Аудити дохилӣ**

Аудити дохилии Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби Департаменти аудити дохилӣ амалӣ гардонида мешавад.

Ба Департаменти аудити дохилӣ сараудитори Бонки миллии Тоҷикистон, ки ӯро раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо розигии Раёсат ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд, роҳбарӣ мекунад. Сараудитор ба муҳлати панҷ сол таъин гардида, метавонад ба ин вазифа боз аз нав таъин шавад. Сараудитор бояд шахси дорои таҷрибаи кофии касбӣ дар соҳаи ҳисобдорӣ ва аудити бонкӣ бошад.

Сараудитор аз вазифа тибқи асосҳое, ки барои аз вазифа озод кардани аъзои Раёсат пешбинӣ шудаанд, озод карда мешавад.

**71. Кумитаи аудити Бонки миллии Тоҷикистон**

Раёсат бо мақсади огоҳии сариватӣ аз вазъи молиявии Бонки миллии Тоҷикистон, баҳодиҳии низоми назорати дохилӣ ва идорасозии хавфҳо, таҳлили кори аудити дохилӣ ва берунӣ, инчунин пешниҳоди тавсияҳо доир ба масъалаҳои баррасишаванда кумитаи аудитро таъсис дода, тартиби фаъолияти онро муайян менамояд.

Кумитаи аудит аз се нафар аъзои Раёсат иборат буда, аксари онҳо, аз ҷумла раиси он аз ҳисоби аъзои мустақили Раёсат интихоб мегардад.

**72. Мафҳуми бонкҳои тиҷоратӣ**

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба ғайр аз Бонки миллии Тоҷикистон, ки зинаи якуми низоми бонкӣ мебошад, бонкҳои

дигарро низ дар назар дорад, ки онҳоро баъзан бонкҳои тиҷоратӣ низ мегуянд. Аммо дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" мафҳуми бонки тиҷоратӣ оварда нашудааст. Тибқи қонуни мазкур бонк ташкилоти қарзие (кредитие) мебошад, ки ақаллан ҳуқуқи иҷрои се амалиёти зерин: ҷалби амонату пасандозҳо, додани қарз (кредит), кушодану пешбурди суратҳисоби бонкиро дошта бошад.

Ҳамин тариқ, бонкҳои тиҷорати гуфта он бонкҳоеро дар назар дорем, ки ба зинаи дуввуми низоми бонкии Тоҷикистон дохил мсшаванд. Бонки тиҷоратӣ шахси ҳуқуқӣ буда, фаъолияти худро мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Бонки миллии Тоҷикистон ва оинномаи худ амалӣ мегардонанд.

### 73.Фаъолияти бонкӣ

Фаъолияти бонкӣ гуфта аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ (кредити) анҷом додани амалиёти бонкие, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" пешбинӣ гардидаанд, фаҳмида мешавад.

### 74. Таснифоти бонкҳои тиҷоратӣ

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" оиди бонкҳои зинаи дуввуми низоми бонкии Тоҷикистонро, ки вобаста аз руи мансубияти сармояи (фонди) оинномавии бонк ба намудҳои зерин ҷудо мекунад:

а) бонки давлатӣ - бонке муқаррар шуда буд, ки ягона соҳиби сармояи оинномавии он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёфт;

б) бонки ғайридавлатӣ - бонке, ки фонди оинномавии он ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тааллуқ дорад. Як қисми саҳмияҳои ин бонк ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тааллуқ дошта метавонад;

в) бонк бо иштироки сармояи хориҷӣ - бонке, ки як қисми саҳмияҳои он дар ихтиёрдорӣ, моликият ва идораи шахсони зерин қарор дорад;

-ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-шахсони ҳуқуқӣ резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки беш аз панҷоҳ фоизи саҳмияҳои (маблағи гузоштаи муассисон) онҳо дар ихтиёрдорӣ, моликият ва идораи ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахсони ба инҳо монанди ҳуқуқӣ -резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд;

-резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ихтиёрдори воситаҳои (шахсони ваколатдори) ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахсони ҳуқуқӣ дар зербанди «б» ин банд зикршуда мебошанд.

г) бонки байнидавлатӣ, - бонке, ки ба тартиби дар қонуни мазкур муқарраршуда ташкил карда шуда, дар асоси қарордоди байналхалқӣ амал намуда, соҳибони сармояи оинномавии он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳое буд, ки ин қарордодро имзо кардаанд.

Аз руи шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ба истисної бонкҳои давлатӣ, тамоми дигар бонкҳои тиҷоратӣ дар шакли ҷамъиятҳои саҳҳомии пушида бе ҳуқуқӣ баровардани саҳмияҳои беном таъсис дода мешуданд. Ба Ҷамъияти саҳҳомии кушода табдил додани бонк ба шарте мумкин аст, ки агар он аз лаҳзаи барои иҷрои амалиёти бонкӣ гирифтани иҷозатнома дар тули як соли тақвимӣ пай дар пай безиён фаъолият намояд ва меъёрҳою дигар қоидаҳои ҳатмии муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистонро риоя кунад.

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", ки ба низоми бонкӣ моддаи алоҳида бахшида нашудааст, ингуна муайянкунӣ вуҷуд надорад. Дар моддаи 6 қонуни мазкур, ки ба таъсис ва бақайдгирии давлатии ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) бахшида шудааст, муқаррар шудааст, ки тартиби таъсиси ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" ва қонунҳои дигар бо назардошти муқаррароти ин қонун муайян карда мешавад.

Бонкҳо ба истиснои бонки давлатӣ, дар шакли ҷамъияти саҳҳомӣ таъсис меёбанд.

Бояд қайд намуд, ки шакли ташкилию ҳуқуқӣ бонки давлатӣ дар қонун муайян карда нашудааст. Дар адабиётҳо таъкид мешавад, ки бонки давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ давлатӣ, субъекти ҳуқуқӣ идоракунии оперативӣ ба ҳисоб меравад, моликияти ҷумҳуриявӣ аст ва муассиси он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад[1].

**75. Муносибати байни бонкҳо ва давлат**

Бонкҳо аз руи уҳдадориҳои давлат ва давлат низ аз руи уҳдадориҳои бонкҳо ҷавобгар намебошад, ба истиснои мавридҳое, ки агар худи онҳо ба худ чунин уҳдадориҳоро қабул карда бошад.

Бонкҳо аз руи уҳдадориҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон аз руи уҳдадориҳои бонкҳо ҷавобгар намебошад, ба истиснои мавридҳое, ки агар худи онҳо ба худ чунин уҳдадориҳоро қабул карда бошад.

Мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти бонкҳо дахолат кунанд.

Барои таъисиси бонк, филиал ё намояндагии он дар Тоҷикистон ва таъин кардани кормандони роҳбарикунандаи онҳо розигии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ талаб карда намешавад.

Бонк аз руи шартномаи махсуси дар асоси озмун басташуда, метавонад супоришҳои ҷудогонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллиро иҷро кунад, бо воситаҳои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ амалиёт ва ҳисоббаробаркунӣ гузаронад, истифодаи мақсадноки воситаҳои буҷетиро, ки барои амалӣ намудани барномаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд, таъмин намояд. Шартномаи дахлдор бояд уҳдадориҳои мутақобилаи тарафайнро дар бар гирад ва масъулияти онҳо, шарту шароит ва шакли назоратро ба истифодаи воситаҳои буҷетӣ пешбинӣ намояд.

---

[1] Ғаюров Ш.К. Ҳуқуқӣ молиявии Ҷумхурии Точикистон. Китоби дарсй/Зери таҳрири умумии номзади илми ҳуқуқ. дотсент Шонасридинов Н. Душанбе: Сино, 2005. С. 168.

Бонк барои иҷрои фаъолияте, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он пешбинӣ нашудааст, вазифадор буда наметавонад, ба истисноӣ мавридҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд.

**76. Ҳуҷҷатҳои таъсис, муассисон, саҳҳомон, ном ва сармояи оинномавии бонкҳо**

Ҳуҷҷатҳои таъсиси бонкҳо, шартномаи таъсис (қарордоди муассисон) ва оиннома мебошад. Бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси қарордоди муассисон таъсис дода шуда, мувофиқи оинномаи худ амал мекунанд.

Қарордоди муассисон дар бораи таъсиси бонк ба ғайр аз маълумоти пешбиникардаи қонунгузории амалкунанда бояд ҳатман ин маълумотҳоро дошта бошад:

а) барои шахсони ҳуқуқӣ: маълумот дар бораи муассисон, аз ҷумла, номи пурраи фирмавӣ ва маҳаллӣ воқеъ гардидани ҳар кадоми онҳо, инчунин маълумот дар бораи бақайдгирии давлатии онҳо; барои шахсони воқеӣ: ному насаб, шаҳрвандӣ, ҷои истиқомат ва номи ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ мекунад;

б) маълумот дар бораи миқдор, категория ва арзиши номиналии саҳмияҳо.

Оиниомаи банк ба тартиби пешбиниқардаи қонун тасдиқ карда мешавад ва дар он бояд инҳо зикр гарданд:

-номи фирмавӣ (номи пурраи расмӣ), иичунин ҳамаи дигар номҳое, ки тавассути қонун муқаррар карда шудаанд;

- ишора ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ;

-маълумот дар бораи маҳаллӣ воқеъ гардидани (суроғаи почтавии) мақомоти идора ва воҳидҳои ҷудогонаи он;

-номгуи амалиёт ва муомилоти бонкӣ, ки мувофиқи қонун сурат мегиранд;

-маълумот дар бораи андозаи сармояи оинномавӣ;

-маълумот дар бораи системаи мақомоти идора, аз ҷумла мақомоти иҷроия ва мақомоти назорати дохилӣ, дар бораи тартиби таъсис ва ваколатҳои онҳо;

-маълумоти дигаре, ки қонунҳои ҷумҳурӣ барои оинномаҳои шахсони ҳуқуқӣ ин шакли ташкилию ҳуқуқӣ пешбинӣ кардаанд.

**77.Муассисон ва саҳҳомони бонк**

Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ -резидентҳо ва ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда метавонанд (бо назардошти маҳдудиятҳое, ки қонун муқаррар кардааст). Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фақат дар шахси Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад муассис ва саҳҳоми бонк шавад. Корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки беш аз 50 фоизӣ сармояи оинномавиашон ба давлат тааллуқ дорад муассис ва саҳҳоми бонк шуда наметавонанд.

**78.Номи бонк**

Бонк дорои номи фирмавӣ (номи пурраи расмӣ ва кутоҳкардашуда) ба забони давлатӣ ва номи расмӣ ба забони хориҷӣ мебошад. Бонк дорои муҳр аст, ки дар он номи фирмавиаш сабт гардидааст. Дар номи фирмавии бонк бояд ба ғайр аз хусусияти фаъолияти ин шахси ҳуқуқӣ бо истифодаи қалимаи «бонк» , инчунин шакли ташкилию ҳуқуқӣ он низ нишон дода шавад.

Бонки миллии Тоҷикистон вазифадор аст ҳангоми баррасии ариза дар бораи бақайдгирии бонк истифодаи номи бонкро манъ кунад, агар чунин ном аллакай дар китоби бақайдгирии давлатии бонкҳо сабт шуда бошад.

**79.Сармояи оинномавии бонк**

Аз ҳисоби маблағи пардохтнамудаи муассисон ва фуруши саҳмияҳои бонк бо асъори миллӣ ва хориҷӣ ташкил карда мешавад.

Андозаи камтарини (минималии) сармояи оинномавии бонк ва ҳиссаи бо асъори хориҷӣ ташаккулёфтаи он аз тарафи Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Қарори Бонки миллии Тоҷикистон оид ба тағйир додани андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ на пештар аз 90 рузи баъди қабули он эътибор пайдо мекунад.

Барои бонкҳои нав бақайдгирифташаванда аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон меъёри андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ, ки дар рузи барои бақайдгирӣ додани ҳуҷҷатҳо ва гирифтани иҷозатнома амал мекунад, татбиқ карда мешавад.

Барои ташкил намудани сармояи оинномавии бонк воситаҳои пулии ҷалбкардашуда истифода шуда наметавонад. Воситаҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ, воситаҳои пулии озод ва дигар объектҳои моликият, ки дар ихтиёрдории мақомоти ҷумҳуриявии ҳокимияти давлатӣ мебошанд, барои ташкили сармояи оинномавии бонк истифода шуда наметавонанд.

Дар сурати бевосита ё бавоситаи миёнарав аз тарафи як ё якчанд шахси ҳуқуқию воқеӣ, ё ҳар гуна гурӯҳи мувофиқи шартномаи махсус ё қарордод амалкунанда, ё аз руи шартнома амалкунанда ё бо доштани мақоми назоратӣ гирифтани пакета контролии саҳмияҳои бонк, агар натиҷаи ин амал боиси назорати саҳмияҳои овоздиҳанда гардад, ки он умуман аз 5 % миқдори ҳамаи саҳмияҳои овоздиҳандаи баровардашудаи бонк зиёд аст, дар ин бора бояд Бонки миллии Тоҷикистон пешакӣ огоҳ карда шавад. Агар бо чунин роҳ гирифтан беш аз 20 % ҳамаи саҳмияҳои овоздиҳандаро ташкил диҳад, шахси ин муомиларо амаликунанда бояд пешакӣ розигии хаттии Бонки миллии Тоҷикистонро гирад.

Бонки миллии Тоҷикистон на дертар аз 30 рузи аз лаҳзаи гирифтани дархост ба таври хаттӣ ба даркосткунанда оид ба қарори худ - розигӣ ё радкуниаш хабар медиҳад. Радкунӣ бояд асоснок бошад. Дар сурате, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи қарори қабулкардааш дар муддати зикршуда хабар надиҳад, муомилаи хариду фуруши саҳмияҳои (ҳиссаҳои) бонк ҳалшуда ҳисоб меёбад. Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ба муомилаи хариду фуруши беш аз 20 фоизи саҳмияҳои (ҳиссаҳои) бонк розигӣ надиҳад, агар ба ақидаи вай захираҳои молиявии саҳмиягирандагон ғайрикофӣ аст ё онҳо манбаи доимии пуркунӣ надоранд; инчунин дар сурати вайронкунии қоидаҳои зиддиинҳисорӣ ва дар мавридҳои дигаре, ки қонун пешбинӣ кардааст.

**80. Ташкилдиҳии бонкҳо**

Бонки саҳҳомӣ - ташкилоти тиҷоратие мебошад, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шуда, иштирокчиёни (саҳмдорони) он аз руи уҳдадориҳои бонки саҳоми масъулият надоранд ва таваккалӣ

зарари вобаста ба фаъолияти бонкро дар доираи арзиши саҳмияҳои марбуташон ба зимма доранд.

Бонки саҳоми ба фаъолияти бонкӣ танҳо дар асоси иҷозатнома машғул шуда метавонад.

Бонки саҳҳомӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз рузи бақайдгирии давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ таъсисёфта ба ҳисоб меравад. Бонки саҳҳомӣ , агар дар оинномаи он тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, бе маҳдудсозии муҳлат таъсис дода мешавад.

Бонки саҳҳомӣ шахси ҳуқуқӣ ва дорои молу мулки алоҳида мебошад, ки дар тавозуни мустақили он ба ҳисоб гирифта шуда, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии шахсиро ба даст орад, дорой уҳдадорӣ бошад, дар суд ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад кунад.

Бонки саҳҳомӣ бояд дорой муҳри мудаввар бо зикри номи пурраи бонк ба забони давлатӣ бошад. Дар муҳр ҳамчунин метавонад номи фирмавии бонки саҳҳомӣ бо ҳама гуна забони, дигар сабт гардад.

Бонки саҳҳомӣ дар шаклҳои кушода ва пушида таъсис дода мешавад, ки он дар оинннома ва номи фирмавиаш инъикос мегардад ва бояд дар номгуи худ калимаҳои «Ҷамъияти саҳҳомӣ и кушода (ҶСК)» ё «Ҷамъияти саҳҳомӣ и пушида (ҶСП)» дошта бошад.

Саҳмиядорони бонке, ки шакли Ҷамъияти саҳҳомӣ и кушодаро доранд, метавонанд саҳмияҳои худро бе розигии дигар саҳмдорони ин бонк бегона кунанд. Чунин бонки саҳҳомӣ ҳуқуқ дорад барои саҳмияҳои баровардааш обунаи кушодаро доир намояд ва онҳоро бо дарназардошти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фурушад. Шумораи саҳмдорони бонке, ки дар шакли Ҷамъияти саҳҳомӣ и кушода фаъолият мекунад, маҳдуд карда намешавад.

Бонки саҳҳомӣ и кушода ҳар сол ҳисоботи солона, тавозуни муҳосибавӣ ва ҳисоботи фоидаю зарарро барои маълумоти умум нашр мекунад.

Бонки саҳҳомӣ е, ки саҳмияҳояш танҳо байни муассисони он ё гуруҳи дигари шахсони қаблан муайянгардида тақсим карда мешавад, Ҷамъияти саҳҳомӣ и пушида эътироф мегардад. Чунин бонки саҳҳомӣ ҳуқуқ надорад ба саҳмияҳои

баровардааш обунаи кушода доир намояд ё ба тарзи дигар онҳоро барои харид ба гуруҳи номаҳдуди шахсон пешниҳод кунад. Шумораи саҳмдорони бонке, ки Ҷамъияти саҳҳомӣ и пушида мебошад набояд аз панҷоҳ нафар зиёд бошад. Агар шумораи саҳмдорони бонк -ҷамъияги саҳҳомӣ и пушида аз шумораи ниҳоии муқараррнамудаи ҳамин қисм бештар бошад, ин бонки саҳҳомӣ  дар муддати як сол бояд ба Ҷамъияти саҳҳомӣ и кушода табдил дода шавад. Агар шумораи саҳмдорони он то шумораи ниҳоии муқараррнамудаи ҳамин қисм кам нагардад, бонки саҳҳомӣ бояд бо тартиби суди барҳам дода шавад.

Бонки саҳҳомӣ е, ки муассиси он мутобики ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (ба истисноi ҷамъиятҳои саҳҳомӣ е, ки дар ҷараёни хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ таъсис ёфтаанд), метавонанд танҳо Ҷамъиятҳои саҳҳомӣ и кушода бошанд.

Бонки саҳҳомӣ  бо қарори муассисон (муассис) таъсис дода мешавад, Дар сурати аз ҷониби як шахс таъсис намудани Ҷамъияти саҳҳомӣ  қарор оид ба таъсис аз тарафи ҳамин шахе қабул карда мешавад. Бонки саҳҳомӣ  инчунин метавонад бо роҳи аз нав ташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ мавҷуда (муттаҳидшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ ё табдилёбӣ) таъсис дода шавад.

Муассисони бонк-Ҷамъияти саҳҳомӣ  байни худ шартномаи таъсис мебанданд, ки дар он тартиби фаъолияти якҷоя оид ба таъсиси бонк-Ҷамъияти саҳҳомӣ , андозаи сармояи оинномавӣ, намудҳои саҳмия, ки байни муассисон паҳн карда мешаванд, андоза ва тартиби пардохти саҳмияҳо ва ҳамчунин; ҳуқуқу уҳдадориҳои муассисон оид ба ташкили Ҷамъияти саҳҳомӣ  муайян карда мешавад.

**81. Бақайдгирии бонкҳо**

Дар борaи додани иҷозат барои кушодани бонк шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ метавонанд ба Бонки миллии Тоҷикистон ба забони давлатӣ бо ариза муроҷиат кунанд. Дар ариза бояд самти фаъолият ва нишони аризадиҳанда нишон дода шавад.

Бонкҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаронида мешаванд ва ба Китоби бақайдгирии давлатии бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ навишта

мешаванд. Бонкҳо пеш аз бақайдгирии давлатӣ ва гирифтани иҷозатнома бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон дархост, ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зеринро бо забони давлатӣ пешниҳод намуда, хулосаи пешакии Бонки миллии Тоҷикистонро гиранд:

-нусхаи тарики нотариалӣ тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои таъсиси бо нишон додани сармояи оинномавӣ;

-маълумотнома бо зикри ному насаб, шаҳрвандӣ, ҷойи истиқомати доимӣ, фаъолият ё касб, таҳсилот, маълумоти муфассал оид ба собиқаи кории ҳар як корманди роҳбарикунанда;

-нусхаи ҳуҷҷат дар бораи доштани таҳсилоти олии иқтисодии кормандони роҳбарикунанда;

-нусхаи ҳуҷҷат оид ба шахси аз нигоҳи касбӣ коршоям ва боэътимод будани ҳар як корманди роҳбарикунанда;

-маълумотнома бо зикри ному насаб, шаҳрвандӣ, ҷойи доимии истиқомат, фаъолият ё касби молики ҳиссаи иштироки афзалиятнок, аз ҷумла манфиатдори ниҳоии ҳиссаи иштироки афзалиятнок, ки вазъи молиявии онҳоро тасдиқ мекунад;

-маълумотнома оид ба манбаи қонунии маблағҳои пулии ба сармояи оинномавӣ воридшаванда;

-нусхаи ҳисобати молиявии шахси ҳуқуқӣ-моликӣ ҳиссаи иштироки афзалиятнок барои се соли охир бо хулосаи аудиторӣ;

-руйхати саҳмиядорон ва манфиатдорони ниҳоии саҳмияҳо, ки нишони маҳалли ҷойгиршавӣ ва миқдори саҳмияҳоро дар бар мегирад;

-эъломияи хаттӣ аз ҷониби ҳар як молики ҳиссаи иштироки афзалиятнок ва корманди роҳбарикунанда оид ба надоштани доғи судӣ, муфлис набудан, надоштани маҳдудият дар фаъолияти касбӣ;

-нақшаи фаъолият бо назардошти мақсаду намудҳои фаъолият, тавсифи сохтори ташкилӣ ва низоми назоратӣ дохилӣ, аз ҷумла. тадбирҳои дахлдор барои мубориза бар зидди қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм, инчунин дурнамои ҳисоботи тавозунӣ, даромаду хароҷот ва гардишҳои пули барои се соли ояндаи фаъолият;

-барои ҳар як молики ҳиссаи иштироки афзалиятнок, аз ҷумла манфиатдори ниҳоии чунин ҳиссаи иштироки афзалиятнок, руйхати шахсони ҳуқуқие, ки иштироки онҳо дар сармояашон вуҷуд дорад, бо нишон додани ҳиссаи ва маҳаллӣ ҷойгиршавии онҳо;

-маълумот оид ба маҳаллӣ ҷойгиршавии саридора ва ҳар гуна маҳаллӣ дигари воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз он, ки дар он ҷо фаъолияти бонкӣ амалӣ карда мешавад;

-ҳуҷҷати пардохти ҳаққи хизмати баррасии дархост;

-ҳуҷҷат дар хусуси он ки мақомоти назоратӣ бонкии кишваре, ки бонки хориҷӣ (асосӣ) ё Ҷамъияти холдингии ташкилоти қарзӣ дар он ҷой таъсис ёфта, фаъолият мекунад, ба анҷомдиҳии фаъолияти бонкии ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) дар Тоҷикистон мухолифат надорад ва назорати маҷмуи бонкии даркосткунандаро амалӣ месозад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар мудати то се моҳ аз рӯзи қабули дархост ба ташкилоти қарзӣ дар хусуси ба талаботи қонун ҷавобгу будан ё набудани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда хулосаи худро медиҳад. Дар ҳолатҳои истисноӣ Бонки миллии Тоҷикистон метавонад ин муҳлатро то ду моҳ тамдид намуда, дархосткунандаро дар ин хусус бо зикри сабаби чунин таъхир хабардор мекунад.

Дар сурати мусбат будани хулоса Бонки миллии Тоҷикистон дар муддати як моҳ аз санаи аз қайди давлатӣ гузаштани ташкилоти қарзӣ ба вай иҷозатнома медиҳад.

Дар сурати манфӣ будани хулоса Бонки миллии Тоҷикистон ба дархосткунанда дар хусуси радкунии додани иҷозатнома бо нишон додани сабабҳои радкунӣ ба таври хаттӣ ҷавоб медиҳад. Дар ин ҳолат ҳаққи хизмати баррасии дархост барои гирифтани иҷозатнома баргардонида намешавад.

**82. Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи додани иҷозатнома ба ташкилоти қарзӣ бо назардошти асосҳои зерин қарор қабул мекунад:**

-қонунӣ ва боэътимод будани маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда;

-қаноатбахш будани вазъи молиявӣ ва фаъолияти муассисон;

-ба талаботи шахсони аз назари касбӣ коршоям ва боэътимод ҷавобгу будани моликон, шахсони дороӣ ҳиссаи иштироки афзалиятнок ва кормандони роҳбарикунанда;

-ба шарту талаботи иҷозатномадиҳи мутобиқ будани сохтор ва ҳайати кормандон, захираҳои ҷорӣ, молиявӣ ва ташаккули сармояи ташкилоти қарзӣ барои иҷрои уҳдадориҳо;

-мақбул будани амлиёти дар оиннома нишондодашуда;

-воқеӣ будани нақшаи фаъолият;

-тасмими ташкилоти қарзӣ дар хусуси фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи доимӣ;

-амалӣ шудани дараҷаи мақбули мушоҳида ва назорат аз ҷониби мақомоти назоратӣ хориҷӣ дар асоси маҷмуи.

Баъд аз қабули қарор дар бораи додани иҷозатнома ташкилоти қарзӣ дар муддати як моҳ аз таърихи қабули қарори мазкур маблағи ҳадди ақали сармояи оинномавиро ворид намуда, маблағи пардохт барои додани иҷозатномаро ба суратҳисоби дахлдор дар Бонки миллии Тоҷикистон мепардозад.

Дар ҳолати аз ҷониби ташкилоти қарзи яъне бонк иҷро кардани шартҳои мазкур Бонки миллии Тоҷикистон дар муддати се рузи кори ба вай иҷозатнома медиҳад..

Қарори Бонки миллии Тоҷикистон дар хусуси додани иҷозатнома дар нашрияи он интишор мегардад. Ташкилотҳои қарзӣ минбаъд дар хусуси ҳамагуна тағйирот, ки ба ҳуҷҷатҳои барои гирифтани иҷозатнома пешниҳодшуда дахл доранд, Бонки миллии Тоҷикистонро хабардор мекунанд.

Аз лаҳзаи гирифтани иҷозатнома бонк барои иҷрои амалиёти бонкӣ ҳуқуқ пайдо мекунад. Иҷозатномаҳои додашуда дар феҳристи (реестр) иҷозатномаҳое, ки барои иҷрои амалиёти бонкӣ дода шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Бе иҷозатнома гузаронидани амалиёти бонкӣ аз тарафи шахси ҳуқуқӣ боиси аз ӯ ситонидани тамоми маблағи даромаде, ки аз ин амалиёт ба даст овардааст ва ба андозаи

ду баробари ин маблағ ба ҳисоби даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ҷарима ситонида мешавад.

Шаҳрвандоне, ки ғайриқонунӣ амалиёти бонкиро иҷро мекунанд, ба тартиби муқарраркардаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Қарор дар бораи радкунии бақайдгирии давлатӣ ва надодани иҷозатнома ба таъсискунандагони бонк дар шакли хаттӣ дода мешавад ва он бояд далелнок бошад. Агар Бонки миллии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифтани бонк ва додани иҷозатномаро рад кунад ва ё дар мухлати муқарраршуда дар ин хусус қарори дахлдор қабул накунад, таъсискунандагони бонк метавонанд ба Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кунанд.

**83. Мақомоти идоракунии бонкҳо**

Тартиби таъсис ва фаъолияти мақомоти ташкилоти қарзӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ », Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва қонунҳои дигар муайян карда шудааст.

Мутобиқи қонун мақомоти идоракунии бонкҳои саҳҳомӣ инҳо мебошанд:

-Мақоми олии бонк- маҷлиси умумии саҳмиядорон (иштирокчиён)

-Мақоми идора - Шӯрои нозирони бонк, ки аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмиядорон (иштирокчиён) таъсис дода мешавад;

-Мақоми иҷроияи бонк, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон тасъис дода мешавад.

Мақомоти идоракунии бонки давлатӣ ва ваколатҳои онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» муайян менамояд.

Ҳайати Шӯрои нозирон наметавонад аз панҷ нафар кам бошад. Аъзои Шӯрои нозирон ба муҳлати 4 сол дар маҷлиси умумии саҳмиядорон интихоб мегардад. Шӯрои нозирон метавонад ҳам аз ҳисоби саҳмиядорон, муассисон ва ҳам аз ҳисоби дигар мутахассисоне, ки дорои таҷрибаи касбии

соҳави ҳастанд, интихоб гарданд. Шӯрои нозирон аз байни худ раиси Шуроро интихоб мекунад.

Аъзои Шӯрои нозирон бояд:

- доройӣ қобилияти ҳуқуқӣ, соҳиби салоҳияти кори буда, шахсони аз нигоҳи касбӣ коршоям ва боэътимод бошанд.

Тибқи қонун шахси аз нигоҳи касбӣ коршоям ва боэътимод - шахси воқеие, ки: а) бо ҳукми суд дар содир намудани ҷиноятҳои қасдона ё хусусияти коррупсиёнидошта аз озодӣ маҳрум нашуда бошад, ба истисноӣ ҷииоятҳое, ки ба ақидаҳо ва амалҳои динӣ ё сиёсии у алоқаманд аст; б) дар давоми ҳафт соли охир аз тарафи суд муфлис эълон нашуда бошад; в) аз тарафи суд ё мақомоти салоҳиятдор аз ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти касбӣ барои кирдори ба ақида ва амалҳои динӣ ё сиёсии ӯ алоқаманд набуда маҳрум нагардидааст ё фаъолияти касбиаш боздошта нашуда бошад; г) аз тарафи суд ё мақомоти салоҳиятдор аз нигоҳи касбӣ ҳамчун шахси барои роҳбарии шахси ҳуқуқӣ коршоям эълон нашуда бошад;

- дорои маълумоти олӣ бошанд;

- дар ягон ташкилоти қарзии дигар, ба истисноӣ ҷамъиятҳои вобаста кор накунанд;

- роҳбар, муовини роҳбар, сардори воҳиди сохтории мақомоти давлатӣ набошанд.

На кам аз чор се ҳиссаи аъзои Шӯрои нозирон бояд дар низоми бонкӣ таҷрибаи кории зиёда аз се сол дошта бошанд.

Роҳбарии бевоситаи фаъолияти ҷории бонкҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи он- Раёсат (мақоми машваратии иҷроя) ё Раиси бонк (мақоми инфиродии иҷроия) ё Раёсат ва Раиси бонк амалӣ мегардад. Агар Раёсат ва Раиси бонк дар як вақт ҳамчун мақоми иҷроия таъсис дода шаванд, пас Раис вазифаи раиси Раёсатро иҷро менамояд.

Мақоми иҷроияи бонк барои иҷрои қарорҳои Шурои нозирон ва идоракунии амалиёти ҳаррузаи бонк масъул мебошанд.

Узви Раёсати бонк наметавонад узви Шӯрои нозирон интиҳоб гардад. Раиси Шӯрои нозирон наметавонад Раиси бонк таъин карда шавад.

Кормандони роҳбарикунандаи бонк бояд ба талаботи зерин ҷавобгу бошанд:

-шахси аз нигоҳи касбӣ коршоям ва боэътимод бошанд;
-дорои таҳсилоти олии иқтисодӣ, салоҳият, таҷрибаи зарурӣ ва собиқаи кории на камтар аз панҷсола дар низоми бонкӣ, ки на камтар аз се соли он ҳамчун роҳбари воҳидҳои сохтории иқтисодии ташкилоти қарзӣ бошанд;
-доштани дониши зарурӣ оид ба қонунгузории бонкӣ ва санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ Бонки миллии Тоҷикистон;
-корманди ташкилоти қарзии дигар набошанд;
-дар ҳамин ташкилоти қарзӣ пурра кор кунанд;
-дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ кунанд.

Кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ баъди гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон ба вазифа таъин карда мешаванд. Бонки миллии Тоҷикистон баъди муайян намудани номзадҳо ба вазифаи кормандони роҳбарикунанда ба таври хаттӣ розигӣ медиҳад.

Муовини раис, сармуҳосиб, роҳбарон ва сармуҳосибони филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби Раиси ташкилоти қарзӣ дар мувофиқа бо Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ ба вазифа таъин карда мешаванд.

Ташкилоти қарзӣ дар бораи аз кор озод кардани кормандони роҳбарикунанда бо зикри сабабҳои он дар давоми се рӯзи корӣ аз санаи озодкунии онҳо Бонки миллии Тоҷикистонро огоҳ мекунанд.

Корманди роҳбарикунанда, ки бо талаби Бонки миллии Тоҷикистон аз вазифа барканор шудааст, наметавонад минбаъд узви Шӯрои нозирон, корманди роҳбарикунандаи ташкилоти қарзии дигар интихоб ва таъин шавад. Раис, муовини ӯ сармуҳосиби ташкилоти қарзӣ, ки иҷозатномааш бозхонда шудааст, наметавонанд минбаъд корманди роҳбарикунандаи ташкилоти қарзии дигар таъин шаванд. Шахсони зикршуда метавонанд танҳо бо гузаштани панҷ сол баъди аз вазифа барканор шуданашон бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон аз нав ба вазифаи узви Шӯрои нозирон интихоб ва ба вазифаи корманди роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ таъин карда шаванд.

Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ бояд Кумитаи аудит таъсис диҳад, ки аъзои кумита ва Раиси он аз ҷониби Шӯрои нозирон ба муҳлати 4 сол интихоб карда мешаванд. Раиси

Шӯрои нозирон, Раиси ташкилоти қарзӣ, ё аъзои Раёсати ташкилоти қарзӣ аъзои Кумитаи аудит буда наметавонанд.

**84. Таъсиси филиал ва воҳидҳои дигари сохтории ташкилоти қарзии ватанӣ ва филиали бонки хориҷӣ**

Ташкилотҳои қарзии ватанӣ барои оғози фаъолияти филиалҳои худ бояд розигии хаттии Бонки миллии Тоҷикистонро гиранд. Бо ин мақсад ташкилоти қарзии ватанӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зеринро пешниҳод менамояд;

-нусхаи нотариали тасдиқгардидаи низомномаи филиал бо зикри номгуи амалиёти бонкии ба филиал иҷозатдодашуда;

-маълумоти муфассал дар бораи кормандони роҳбарикунанда.

Масъалаи додани розигӣ барои оғози фаъолияти филиал аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми ду моҳ барраси карда мешавад. Дар ҳолатҳои зерин Бонки миллии Тоҷикистон барои оғози фаъолияти филиал розигӣ намедиҳад:

-ба талаботи тахассусӣ ҷавобгу набудани номзадҳо ба вазифаи кормандони роҳбарикунандаи филиал;

-мувофиқ набудани бино ва таҷҳизоти филиал ба талаботи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ Бонки миллии Тоҷикистон;

- аз ҷониби ташкилоти қарзӣ риоя нагардидани қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳатмии иқтисодии Бонки миллии Тоҷикистон.

Ташкилоти қарзӣ дар хусуси бастани фаъолияти филиали худ бояд Бонки миллии Тоҷикистонро хабардор намояд. Ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо метавонанд берун аз маҳалли воқеъгардидаи худ воҳидҳои дигари сохториро (марказҳои хизматрасонии бонкӣ, нуқтаҳои интиқоли пул, нуқтаи мубодилаи асъор ва ғайра) бо тартиби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон таъсис диҳанд. Воҳидҳои сохтории мазкур аз номи ташкилоти қарзӣ амалиёти алоҳидаи бонкиеро иҷро мекунанд, ки номгуи онҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Ташкилоти қарзии ватанӣ, бе гирифтани розигии пешакии Бонки миллии Тоҷикистон наметавонад берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон филиал, намояндагӣ ё бонки фаръӣ таъсис диҳад.

Ташкилоти қарзӣ доир ба ҳар гуна тағйирот вобаста ба маҳаллӣ ҷойгиршавӣ ё қатъи фаъолияти филиал, намояндагӣ ё бонки фаръии худ Бонки миллии Тоҷикистонро хабардор мекунад.

Бонки миллии Тоҷикистон метавонад ба бонки хориҷӣ барои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодани филиал бо мақсади анҷомдиҳии фаъолияти бонкӣ розигӣ диҳад. Дархост барои гирифтани розигӣ аз ҷониби бонки хориҷӣ дар шакли хаттӣ ба забони давлатӣ, ҳамроҳ бо ҳуҷҷатҳои дар қонун муқарраршуда пешниҳод карда мешавад.

Ташкилоти қарзӣ барои кушодани намояндагӣ вазифадор аст розигии Бонки миллии Тоҷикистонро гирад. Барои кушодани намояндагӣ ташкилоти қарзӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

-қарори мақоми дахлдори ташкилоти қарзӣ дар бораи кушодани намояндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-тасдиқи хаттии мақоми назорати бонкии давлатӣ дахлдор дар бораи он, ки ташкилоти хориҷии дархосткунанда барои иҷрои амалиёти бонкӣ иҷозатнома дорад. Дархост дар бораи додани розигӣ барои кушодани намояндагӣ аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон дар муҳлати як моҳ баррасӣ карда мешавад.

**85.Хусусияти таъсиси бонкҳои фаръӣ.**

Бонки фаръӣ - шахси мустақили ҳуқуқӣ буда, пакети миқдори назоратии саҳмияҳои он дар ихтиёри бонки таъсискунанда (бонки асосӣ) мебошад.

Бонки асосӣ нисбати бонки фаръӣ бонкҳои ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонанд, ки дорои эътибори муайяни яке аз намояндагиҳои боэътибори асосӣ мебошад. Феҳристи намояндагиҳо боэътибори асосӣ ва эътибори ҳадди ақали талабшаванда аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Бонки ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ба Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи додани иҷозат барои

кушодани бонки фаръӣ баъди як соли фаъолияти намояндагии бонки мазкур дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ариза диҳад.

Бонки - резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он бонки фаръӣ кушояд.

Бонкҳои фаръӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тартиби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон, ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд. Бонки фаръӣ ҳуқуқ надорад бонкӣ дигари фаръиро таъсис диҳад.

**86. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии бонкҳо**

Азнавташкилдиҳии (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилёбӣ) бонк мумкин аст бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорони (ҳиссадорон) бонк ва бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон ба амал бароварда шавад.

Бонки азнавташкилшаванда уҳдадор аст, ки дар муҳлати як моҳ, аз рузи гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон доир ба азнавташкилдиҳӣ тамоми амонатгузорон, мизоҷон, кредиторон ва дигар шахсони манфиатдорро бевосита хабардор намояд ва ахбори дахлдорро дар рӯзномаҳо нашр намояд.

Бақайдгирии давлатӣ, ё азнавбақайдгирии бонк, ки дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ ба вуҷуд омадааст, мутобиқи талаботи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

Тартиби азнавташкилдиҳии бонк, аз он ҷумла тартиби пешниҳод намудани дархост дар бораи гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба гузаронидани азнавташкилдиҳии ихтиёрӣ ва муҳлати баррасии он мутобиқи талаботи қонунгузории Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Барои азнавташкилдиҳии ихтиёрии бонк ҳангоми мавҷуд будани яке аз асосҳои зерин розигӣ дода намешавад:

-мавҷуд набудани қарори дахлдори мақоми олии бонки азнавташкилшаванда;

- дар ҳолати гузаронидани азнавташкилдиҳӣ вайрон намудани манфиатҳои амонатгузори ва кредиторҳо;

-дар ҳолати гузаронидани азнавташкилдиҳӣ вайрон намудани меъёрҳои иқтисодӣ ва дигар меъёрҳои ҳатмӣ;

-дар ҳолати гузаронидани азнавташкилдиҳӣ вайрон намудани қонунгузории зиддиинҳисорӣ.

Барҳамдиҳии бонк гуфта қатъ гардидани фаъолияти бонк фаҳмида мешавад. Барҳамдиҳии бонкҳо бо ду роҳ: ихтиёрӣ ва маҷбурӣ сурат мегирад.

Барҳамдиҳии ихтиёрииӣ бонк дар асоси қарори мақоми олиаш бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон сурат мегирад. Бонк ҳуқуқ дорад барои гирифтани розигӣ оиди барҳамдиҳии ихтиёрӣ бо дархост ба Бонки миллии Тоҷикистон муроҷиат намояд.

Ба дархост бояд феҳристи чорабиниҳо оиди муҳлат ва давраҳои тайёрии бонк ба қатъкунии фаъолияти худ, ки мақоми олии бонк онро тасдик намудааст, ҳисоботи тавозуние, ки оиди кифоягии воситаҳои бонк барои пардохти пурраи уҳдадориҳои бонк шаҳодат медиҳад ва дигар маълумоти зарурӣ, ки Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ҳамроҳ карда шавад.

Бо гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба барҳамдиҳии ихтиёрӣ бонк комиссияи барҳамдиҳиро таъсис медиҳад, ки ба вай тамоми ваколат доир ба идоракунии амвол ва корҳои бонкӣ мегузарад. Баъди гирифтани розигии барҳамдиҳии ихтиёрӣ бонк уҳдадор аст, ки дар ин бора аз тариқи воситаҳои ахбори омма эълон намояд.

Тартиби барҳамдиҳӣ, хусусияти фаъолияти комисияи барҳамдиҳии бонкҳои ихтиёран барҳам додашавнда мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Дар ҳолати кофӣ набудани воситаҳои бонк барои таъмини талаботи тамоми кредиторон ё ғайриимкон будани анҷоми рафти барҳамдиҳии ихтиёрӣ, бонк маҷбуран барҳам дода мешавад.

Барҳамдиҳии маҷбурии бонк дар асоси қарори суд сурат гирифта, мутобиқи талаботи қонунгузории Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ва дигар қонунҳо ба амал бароварда мешавад.

**87. Амалиёти бонкӣ ва дигар аҳдҳои ташкилотҳои қарзӣ**

Ба амалиёти бонкӣ инҳо тааллуқ доранд:

- ҷалби амонат ва пасандозҳо;
- додани қарзҳо (таъминшуда ва таъминнашуда), аз ҷумла:

а) қарзҳои истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ;

б) факторинг;

в) форфейтинг;

- кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;
- хариду фурӯши воситаҳои зерин барои худ ё муштариён:

а) воситаҳои бозории пулӣ (аз ҷумла: чекҳо, векселҳо, уҳдадориномаҳо ва тасдиқномаҳои пасандозӣ);

б) асъори хориҷӣ;

в) саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматноки интиқолшаванда;

г) карордодҳои форвардӣ, созишномаи своп, фючерс, опсион ва дигар ҳосилаҳое, ки ба асъор, саҳмияҳо, вомбаргҳо, металлу сангҳои қиматбаҳо ё қурбу меъёрҳои фоизӣ дахл доранд;

- додани кафолат, баҳисобгирии уҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла кафолатҳо ва эътиборномаҳо (аккредитивҳо) барои худ ва муштариён;
- хизматрасонии фосилавии бонкӣ, клирингӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва интиқолӣ марбут ба воситаҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, супоришномаҳои пардохт ва воситаҳои дигари пардохт (аз ҷумла: кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо, чекҳои сафарӣ, векселҳо ва ғайра);
- миёнаравӣ дар бозори пулӣ;
- амалиёти сейфӣ, нигаҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо (пул, коғазҳои қиматнок, металлҳо, ҷавоҳирот ва ғайра);
- хизматрасонии амалиёти ба боварӣ асосёфта (идоракунии маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва ғайра ба манфиати боварикунанда ва дар асоси супориши он);
- ҳар гуна амалиёти дигаре, ки аз амалиёти дар ин модда зикршуда бармеоянд ва бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.
- амалиёти кассавӣ: қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо;

- қабул намудан инкассатсия ва фиристодани пулҳои коғазӣ, тангаҳо ва ашёи қимматбаҳо;

- додани амонат, ки иҷрои уҳдадориҳои пулиро дар назди шахси сеюм пешбинӣ менамояд;

- иҷораи молиявӣ (лизинг);

- амалиёт бо металлу сангҳои қиматбаҳо мутобиқи қонунгузорӣ;

- хизматрасонӣ ба сифати агенти молиявӣ;

- хизматрасонӣ ба сифати мушовир ё маслиҳатгари молиявӣ;

- хизматрасонии иттилоотӣ молиявӣ ва қарзӣ.

Машғул шудани ташкилоти қарзӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ, савдо ва бевосита ба фаъолияти суғурта манъ аст.

**88.Сирри бонкӣ**

Маълумот дар бораи фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо муштарӣ ё бо шахси сеюм маълум шудааст ва ошкор кардани он мумкин аст ба муштарӣ зиёни моддӣ ё маънавӣ расонад, сирри бонкӣ мебошад.

Маълумоти зерин сирри бонкӣ маҳсуб мешавад:

- дар бораи мавҷудияти суратҳисобҳои бонкӣ, соҳибони онҳо, дар бораи маблағҳои пулии дар онҳо мавҷуда ва амалиёти бо ин суратҳисобҳо иҷрошавандаи муштариён;

- дар бораи интиқоли маблағҳои пулӣ аз тарафи шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоб ва дар бораи фиристонандагони (гирандагон) онҳо;

- дар бораи маблағҳои пулӣ ва ашёи қимматбаҳои муштарӣ, ки дар ташкилоти қарзӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Маълумоте, ки ба сирри бонкӣ мансуб мебошад, танҳо ба шахсони зерин дода мешавад:

- ба соҳиби суратҳисоби бонкӣ ва соҳиби ашёи қимматбаҳо ё намояндаи онҳо;

- ба фиристонандагон ва гирандагони интиқолҳои пулӣ;

- ба Бонки миллии Тоҷикистон бо талаби он;

- ба судҳо - дар асоси қарори (таъиноти) суд (судя);

- ба иҷрочии суд дар асоси қарори иҷрочии суд вобаста ба ҳуҷҷати иҷро;

- ба бюрои таърихи қарз мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи таърихи қарз”;

- ба мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба муштариёни ташкилоти қарзӣ - дар асоси қарори (таъиноти) суд (судя) мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба мақомоти андоз аз рӯи масъалаҳои пардохти андози шахсони ҳуқуқӣ дар асоси мактуби роҳбари мақоми андоз бо пешниҳоди нусхаи фармони мақоми андоз оид ба санҷиши онҳо, агар ин бо Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад.

Муқаррароти мазкур дар ҳолати бо сабабҳои гуногун қатъ гардидани муносибатҳо байни муштарӣ ва ташкилоти қарзӣ низ эътибори худро гум намекунанд.

Маълумот дар бораи сирри бонкӣ дар сурати вафоти муштарӣ дода мешавад:

- ба шахсоне, ки аз тарафи муштарӣ дар васиятнома зикр шудаанд;

- ба судҳо, идораҳои нотариалӣ ва муассисаҳои консулгарии хориҷӣ аз рӯи парвандаҳои меросии муштарии фавтида.

Барои ғайриқонунӣ ошкор намудани сирри бонкӣ шахсони гунаҳкор бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади таъмини амнияти молу мулк ва сирри бонкӣ ҳуқуқ доранд хадамоти махсуси худро таъсис диҳанд ва бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи яроқ” яроқ ва воситаҳои зарурии техникиро дастрас намуда истифода баранд.

Маблағҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ ё маблағҳои дороиҳои дигари дар ташкилотҳои қарзӣ нигоҳдошташаванда дар асоси қарори (таъинот) суд (судя), қарори иҷрочии суд вобаста ба ҳуҷҷати иҷро ҳабс карда мешаванд.

Ҳангоми ҳабс намудани маблағҳои пулии дар суратҳисобҳои бонкӣ буда, ташкилоти қарзӣ фавран амалиёти додани онро дар доираи маблағе, ки ҳабс карда шудааст, қатъ мекунад.

Ҳангоми ҳабс намудани ашёи қимматбаҳои дигаре, ки дар ташкилоти қарзӣ нигоҳ дошта мешаванд, ташкилоти қарзӣ додани онҳоро ба соҳибонаш қатъ менамояд.

**89.Ҳифзи сирри бонкӣ аз ҷониби кормандони ташкилоти қарзӣ ва шахсони сеюм**

Аз ҷониби кормандони роҳбарикунанда, кормандон ва намояндагони амалкунанда ё собиқи ташкилоти қарзӣ пешниҳод намудани сирри бонкӣ ба шахсони сеюм, ошкор кардан ё додани имконият барои таҳлили он манъ аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки мувофиқи қонун иҷозат дода шудаанд.

Маҳдудияти ҳамчунин ба кормандон ва нозирони Бонки миллии Тоҷикистон ва шахсоне, ки аз ҷониби он барои тафтиш мутобиқи Қонуни таъин гардидаанд, инчунин ба онҳое, ки чунин иттилоот ё маълумотро бо тақозои касб, вазифа ё фаъолияти худ мустақиман ё ғайримустақим таҳқиқ менамоянд, тааллуқ дорад.

**90. Ҳифзи маълумоте, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод шудааст**

Ҳар гуна маълумоти аз ташкилоти қарзӣ оид ба ҳар як муштарӣ, аҳдҳои муштарӣ ва дигар маълумоти муфассал дар хусуси муносибатҳои он бо муштариён ҷамъовардашуда махфӣ нигоҳ дошта шуда, танҳо бо розигии ташкилоти қарзӣ ё мувофиқи қонун ошкор карда мешавад.

Дар Бонки миллии Тоҷикистон дастрасӣ ба ин гуна маълумот танҳо ба он кормандоне иҷозат дода мешавад, ки дорои ваколати дахлдор мебошанд.

Бонки миллии Тоҷикистон метавонад маълумоти ифшошавандаи аз ташкилотҳои қарзӣ гирифташударо пурра ё қисман нашр намояд.

Бонки миллии Тоҷикистон бе розигии ташкилоти қарзӣ тафсилоти амалиёти ташкилоти қарзиро ифшо мекунад, агар чунин тафсилот дар ҳисоботи молиявии аз ҷониби Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ тасдиқшуда дарҷ шуда ё аллакай дастраси умум гардида бошад.

**91. Ташкилоти амонатии қарзии хурд**

Шахси ҳуқуқие, ки бо мақсади ҷалби амонату пасандоз ва пешниҳод намудани қарзҳои хурд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун таъсис дода шудааст.

**92.Ташкилоти қарзии хурд**

Шахси ҳуқуқие, ки бо мақсади пешниҳод намудани қарзҳои хурд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун таъсис дода шудааст;

**93.Фонди қарзии хурд**

Шахси ҳуқуқӣ ғайритиҷоратие, ки бо мақсади пешниҳод намудани қарзҳои хурд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун таъсис дода шудааст;

**94. Қарзи хурд**

Қарзе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба қарзгиранда бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба муҳлати муайян дода мешавад ва маблағи он аз андозаи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон зиёд намебошад;

**95.Иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) ташкилотҳои маблағгузории хурд**

Ташкилотҳои маблағгузории хурд бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолият, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молумулкӣ метавонанд иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) ташкил намоянд.

Иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) ташкилотҳои маблағгузории хурд ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ буда, ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти маблағгузории хурд машғул шаванд. Фоида аз фаъолияти соҳибкории онҳо дар байни аъзо ё иштирокчиёни ин иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) тақсим шуда наметавонанд ва бояд танҳо барои ба даст овардани мақсадҳои оинномавӣ истифода шаванд.

**96. Филиалҳо, намояндагиҳо ва воҳидҳои дигари сохтории ташкилотҳои маблағгузории хурд**

Ташкилотҳои маблағгузории хурд метавонанд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳо таъсис диҳанд ва намояндагиҳо кушоянд.

Ташкилотҳои маблағгузории хурд ва филиалҳои онҳо барои иҷрои амалиёти алоҳида метавонанд берун аз маҳалли ҷойгиршавии худ воҳидҳои дигари сохториро таъсис диҳанд.

Тартиби таъсиси воҳидҳои сохтории мазкур ва номгӯи амалиёти аз ҷониби онҳо иҷрошаванда бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**97. Сармояи оинномавии ташкилотҳои маблағгузории хурд**

Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва ташкилотҳои қарзии хурд сармояи оинномавии худро бо пули миллӣ ташаккул медиҳанд.

Ҳадди ақалли сармояи оинномавии ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва ташкилотҳои қарзии хурд аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Фонди қарзии хурд ҳангоми таъсиси он бояд дорои маблағи ибтидоии на камтар аз 300 нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо пули миллӣ бошад.

Маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ, грантҳои ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда, маблағҳои қарзӣ ё таҳти гарав қарордошта, инчунин ҳуқуқи молумулкӣ ё дигар ҳуқуқе, ки арзиши пулӣ доранд, наметавонанд ба сармояи оинномавии ташкилоти амонатии қарзии хурд, ташкилоти қарзии хурд ва ба маблағи ибтидоии фонди қарзии хурд ворид шаванд.

Ҳангоми ба бонк ё ташкилоти амонатии қарзии хурд табдилёбии ташкилоти қарзии хурд бояд сармояи воқеии он аз ҳадди ақалли сармояи оинномавии барои чунин ташкилотҳои қарзии навтаъсис муқарраршуда кам набошад.

Ҳангоми ба бонк табдилёбии ташкилоти амонатии қарзии хурд сармояи танзимшавандаи он бояд аз ҳадди ақалли сармояи оинномавие, ки барои бонки навтаъсис муқаррар гардидааст, кам набошад.

**98. Идоракунии ташкилоти амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд**

Мақомоти идоракунии ташкилоти амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд инҳо мебошанд:

- мақоми олӣ - маҷлиси умумии саҳмиядорон (иштирокчиён);

- мақоми идоракунӣ - Шӯрои нозирон;

- мақоми иҷроия - раёсат ва ё директор.

Ҳайати Шӯрои нозирон набояд аз 5 нафар ва ҳайати раёсат набояд аз 3 нафар кам бошанд.

Мақоми иҷроия аз ҷониби Шӯрои нозирон таъсис дода мешавад.

Раёсат ва директор дар як вақт метавонанд ҳамчун мақоми иҷроия таъсис дода шаванд. Дар ин ҳолат директор вазифаи раиси раёсатро иҷро менамояд.

Узви мақоми иҷроияи ташкилоти амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд наметавонад узви Шӯрои нозирони онҳо бошад.

Тартиби идоракунӣ ва ваколатҳои мақомоти ташкилоти амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд бо оинномаҳои онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

**99. Идоракунии фонди қарзии хурд**

Мақомоти идоракунии фонди қарзии хурд инҳо мебошанд:

- мақоми олии идоракунӣ - Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд;

- мақоми иҷроия - раёсат ва директори фонди қарзии хурд.

Ҳайати ибтидоии Шӯрои парасторони фонди қарзии хурдро маҷлиси умумии муассисон интихоб менамояд. Тағйироти минбаъда дар ҳайати Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд аз ҷониби Шӯрои парасторони он анҷом дода мешавад.

Аъзои Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд вазифаҳои худро бе подош амалӣ менамоянд.

Муассисони фонди қарзии хурд узви раёсати фонди қарзии хурд шуда наметавонанд.

Ба ваколатҳои истисноии Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд масъалаҳои зерин мансуб мебошанд:

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти фонди қарзии хурд;
- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи фонди қарзии хурд;
- азнавташкилдиҳии фонди қарзии хурд;
- тасдиқи дастури Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд;
- интихоби аъзои комиссияи тафтишотии фонди қарзии хурд ва тасдиқи низомномаи он;
- тасдиқи низомномаи раёсати фонди қарзии хурд;
- ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани раиси раёсати (директори) фонди қарзии хурд ва аъзои раёсати фонди қарзии хурд;
- бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо директори фонди қарзии хурд;
- таъсиси мақоми иҷроияи фонди қарзии хурд;
- таъсиси филиалҳо, кушодани намояндагиҳои фонди қарзии хурд ва тасдиқи низомномаҳои онҳо;
- интихоби раиси Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд;
- ворид намудани тағйирот ба ҳайати Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд;
- назорати фаъолият ва истифодаи молу мулки фонди қарзии хурд;
- интихоби аудитори берунии фонди қарзии хурд ва тасдиқи андозаи подоши хизмати он;
- тасдиқи ҳисоботи солонаи фонди қарзии хурд.

Раёсати фонди қарзии хурд дар ҳайати директори фонди қарзии хурд ва на камтар аз ду корманди он таъсис дода мешавад.

Раиси раёсати фонди қарзии хурд директори фонди қарзии хурд мебошад.

Директори фонди қарзии хурд дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- бе ваколатнома аз номи фонди қарзии хурд амал карда, манфиатҳои онро дар муносибат бо мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад;

- иҷрои қарорҳои раёсат ва Шӯрои парасторони фонди қарзии хурдро таъмин менамояд;

- оид ба масъалаҳои фаъолияти ҷории фонди қарзии хурд амру фармонҳо мебарорад;

- кормандони фонди қарзии хурдро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- ӯҳдадориҳои вазифавиро байни муовинонаш тақсим менамояд;

**100. Ҳаққи хизмати баррасии дархост ва хироҷи иҷозатномадиҳӣ**

Ташкилотҳои маблағгузории хурд ба Бонки миллии Тоҷикистон барои баррасии дархост ҷиҳати гирифтани иҷозатнома ҳаққи хизмат ва барои гирифтани иҷозатнома ба буҷети давлат хироҷ пардохт мекунанд.

Ҳаққи хизмат барои баррасии дархост ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

- барои ташкилоти амонатии қарзии хурд - 7 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои ташкилоти қарзии хурд - 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои фонди қарзии хурд - 3 нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Хироҷи иҷозатномадиҳӣ ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

- барои ташкилоти амонатии қарзии хурд - 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои ташкилоти қарзии хурд - 20 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои фонди қарзии хурд - 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

**101.Амалиёте, ки аз ҷониби ташкилоти амонатии қарзии хурд анҷом дода мешаванд**

- ҷалби амонат ва пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- додани қарзи хурд (бо таъмин ва бе таъмин);
- кушодану пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;
- интиқоли маблағҳои пулӣ бо фармоиши муштариён;
- додани кафолат;
- қарордодҳои форвардӣ ва своп барои худ;
- амалиёти кассавӣ;
- амалиёти ҳисоббаробаркунӣ ва мубодилавӣ;
- барориши кортҳои пардохтии бонкӣ ва амалиёт бо онҳо.

**102.Тартиби кушодани шартномаи суратҳисоби бонки**

Тартиби кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ тавассути Дастурамали №171 "Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани ҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2009 №190 тасдиқ шудааст, танзим карда шудааст. Тибқи муқаррароти дастурамали мазкур ҳисоби бонкӣ суратҳисоби бонкии муштарӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ мебошад, ки дар бонк кушода ва нигоҳ дошта мешаванд ва дар он гардиши маблағҳои пулии муштарӣ инъикос мегардад. Муштарӣ шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, резидент ё ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё намояндагони қонунии онҳо мебошад, ки аз хизматҳои бонк доир ба кушодан ва пешбурди ҳисобҳои бонкӣ истифода мекунанд.

Кушодани суратҳисоб дар асоси шартномаи суратҳисоби бонкӣ сурат мегирад.

**103.Мафҳуми Шартномаи суратҳисоби бонкӣ**

Шартномаи суратҳисоби бонкӣ - шартномаест, ки мутобқи он як тараф - бонк уҳдадор мешавад, ки маблағҳои пулии ба ҳисоби тарафи дигар (муштарӣ) воридшударо қабул кунад ва ба ҳисоб ворид кунад, фармоишҳои муштариро оид ба пардохт ва додани маблағҳои дахлдор аз суратҳисоб ва гузаронидани амалётҳои дигар аз руи ҳисоб мутобқи шартномаи басташуда ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намояд.

Молики суратҳисоб (муштарӣ) маблағҳои пулии худро, ки дар суратҳисоби бонк мавҷуд аст, мустақилона ихтиёрдорӣ мекунад. Бонк ҳуқуқ надорад самти истифодаи воситаҳои пулии молики суратҳисобро таъин ва назорат кунад ва ё дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқи ӯро тибқи салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ намудани маблағҳои пули, ки дар қонун ё дар шартнома пешбинӣ нашудаанд, муқаррар намояд (моддаи 868 КГ ҶТ). Бонк метавонад, маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбудаи молики суратҳисобро бо кафолати ихтиёрдорӣ кардани ин маблағҳо аз тарафи молик (муштарӣ) истифода барад.

Ҳамин тавр, аз руи хусусиятҳои худ шартномаи суратҳисоби бонкиро ба гурӯҳҳои шартномаҳои консенсуалӣ, дутарафа, музднок, оммавӣ ва шартномаи ҳамроҳшавӣ дохил кардан мумкин аст.

### 104. Аломатҳои шартномаи суратҳисоби бонкӣ

Тарафҳои шартномаи суратҳисоби бонкӣ. Ҳама вақт як тарафи шартномаи суратҳисоби бонкӣ - бонк ё дигар ташкоти кредити мебошанд, ки иҷозатнома (литсензия)-и Бонки миллии Тоҷикистонро доранд. Тарафи дигар бошад муштарии бонк, яъне молики суратҳисоб мебошад. Ба сифати муштарӣ тамои шахсони воқеи (аз ҷумла ноболиғон) ё шахсони ҳуқуқи баромад карда метавонанд. Вале аз қобилияти ҳуқуқдории муштарӣ категории суратҳисобе, ки кушода мешавад вобастагӣ дорад. Дар як қатор ҳолатҳо «молики суратҳисоб» дар маънои маҳдуд умуман наметавонад тарафи шартнома бошад. Ин дар он маврид мумкин аст, ки агар шахси ҳуқуқие, ки суратҳисоб дорад, ба бонк оид ба филиал ё намояндагии худ барои кушодани суратҳисоби бонкии ба ҳамин монанд ё ҷорӣ муроҷиат намояд. Дар ин сурат филиал ё намояндагӣ дорандаи суратҳисоб буда метавонад, вале он ҳеҷ гоҳ тарафи шартнома (муштарӣ) шуда наметавонад.

Предмети шартномаи суратҳисоби бонкӣ маблағҳои пулии дар суратҳисобшудаи муштарӣ мебошанд, ки ба воситаи онҳо амалиётҳои бонкии дар шартнома пешбинишуда амалӣ карда мешавад.

Шакли бастани шартномаи суратҳисоби бонкӣ. Шартномаи суратҳисоби бонкӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Риоя накардани шакли хаттии бастани шартномаи суратҳисоби бонкӣ боиси беэътибор донистани ин шартнома мегардад. Чунин шартнома қурб надорад.

Шартномаи суратҳисоби бонкӣ бо роҳи аз ҷониби бонк тибқи шартҳои аз ҷониби тарафҳо мувофиқадшуда ба муштарӣ ё шахси зикрнамудаи ӯ кушодани суратҳисоб дар бонк баста мешавад.

**105.Намудҳои суратҳисоби бонкӣ**

Вобаста аз мазмуни қобилияти ҳуқуқдории муштарӣ ва доираи амалиётҳо бо маблағҳои пулии дар суратҳисоби он гузаронидашуда намудҳои зерини суратҳисобҳоро номбар кардан мумкин аст:

а) суратҳисоби ҳисоббаробаркунӣ;

б)суратҳисоби ҷорӣ (суратҳисоби ҷории буҷетӣ, суратҳисоби ҷории асъорӣ, қарзӣ, корреспондентӣ) ва ғайраҳо.

Суратҳисоби ҳисоббаробаркунӣ ба ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ, инчунин соҳибкорони инфиродӣ кушода мешавад. Ғайр аз ин, суратҳисоби ҳисоббаробаркуниро филиал ва намояндагиҳо ҳангоми машғул шудан ба фаъолияти тиҷоратӣ бо дархости шахсони ҳуқуқӣ мекушоянд. Ҳангоми таъсис додани ширкат ва ё ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ муассисони онҳо суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунии муваққатӣ мекушоянд. Дар онҳо маблағҳои пулии сармояи оинномавӣ нигоҳ дошта мешавад. Баъдан он маблағҳо ба суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунии муқаррарӣ (оддӣ) гузаронида мешаванд.

Суратҳисоби ҷорӣ ба баъзе муассисаҳо, инчунин ба филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқие кушода мешавад, ки онҳо ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул намебошанд. Доираи амалиётҳои суратҳисоби ҷорӣ ба хароҷотҳои маъмурӣ, аз он ҷумла музди меҳнат маҳдуд мешавад. Ҳамчун анъана суратҳисоби ҷорӣ барои шаҳрвандон кушода мешавад. Аз руи чунин суратҳисобҳо шаҳрвандон ҳақ доранд, ки пулдиҳии ғайринақдиро амалӣ намоянд. Ягона маҳдудият аз он иборат аст, ки пардохти ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд буда ба воситаи он гузаронида намешавад.

### 106. Мазмуни шартномаи суратҳисоби бонкӣ

Мазмуни шартномаи суратҳисоби бонкиро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо (бонк ва мизоҷ) ташкил медиҳанд. Уҳдадориҳои асосии бонк инҳо шуда метавонанд: 1) иҷро намудани амалиётҳо бо маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда, ки дар қонун, қоидаҳои бонкӣ, одатҳои муомилоти бонкӣ ва шартномаи суратҳисоби бонкӣ пешбинӣ шудаанд; 2) нигоҳ доштани сирри бонкӣ.

Уҳдадории мизоҷ бошад иборат аст аз:1) риояи қоидаҳои бонкӣ ҳангоми иҷро намудани амалиёт дар суратҳисоб; 2) пардохти хароҷоти бонк барои иҷро намудани амалиёти бонкӣ дар суратҳисоб.

Ҳуқуқ ва уҳдадории тарафҳо вобаста ба кредитонии суратҳисоб, агар дар шартномаи суратҳисоби бонкӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, тибқи қоидаҳо дар бораи қарз, мутобиқи моддаҳои 827-830, 833 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

### 107.Бекор кардани шартномаи суратҳисоби бонкӣ

Шартномаи суратҳисоби бонкӣ метавонад тибқи аризаи молики он дар ҳар лаҳза бекор карда шавад. Бонк дар сурате ки агар маблағи воситаҳои пулии дар суратҳисоб мавҷуда аз андозаи ҳадди ақали пешбининамудаи қонун ва қоидаҳои мувофиқи он муқаррарнамудаи бонкҳо ё шартнома камтар бошад, ҳуқуқ дорад бекор кардани шартномаи суратҳисоби бонкиро талаб намояд. Бекор кардани шартнома барои бастани суратҳисоб асос мебошад. Бақияи маблағҳои пулии суратҳисоб ба молики он баргардонида мешавад ё тибқи дастури у ба дигар суратҳисоб гузаронида мешавад.

### 108. Мафҳуми ҳисоббаробаркунӣ

Ҳисоббаробаркунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи ҳисоббаробаркунии нақдӣ ва ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад. Ба сифати воситаи қонунӣ ҳисоббаробаркунӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пулӣ сомонӣ эътироф шудааст, ки қабули он аз руи арзиши эътибориаш ҳатмист. Истифодаи асъори хориҷӣ ба сифати воситаи пардохт танҳо дар ҳолатҳои, тартиб ва шартҳои пешбининамудаи қонун мумкин мебошад.

Ҳисоббаробаркунӣ байни шаҳрвандон ва ҳисоббаробаркунӣ бо иштироки шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ вобаста намебошанд, бо пули нақд бидуни маҳдудияти маблағ анҷом дода мешавад. Ҳисоббаробаркунӣ байни шахсони ҳуқуқӣ, инчунин ҳисоббаробаркунӣ бо иштироки шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ба таври ғайринақдӣ анҷом дода мешавад. Баъзан ҳисоббаробаркунӣ байни шахсони мазкур, инчунин бо пули нақд анҷом ёфтанаш мумкин аст. Иштироккунандагони ҳатмии ҳисоббаробаркунӣ дар ҳисоббаробаркунии ғайринақдии бонк ва дигар ташкилотҳои кредитӣ мебошанд. Яъне ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути бонкҳо ва дигар ташкилотҳои кредитӣ анҷом дода мешавад. Ҳисоббаробаркунӣ бо пули нақд байни пулгиру пулдеҳ бе иштироки бонк сурат мегирад.

**109. Шаклҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ**

Қонунгузорӣ номгуи пурраи ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро барои иштирокчиёни муомилоти гражданӣ пешбинӣ накардааст. Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳисоббаробаркунӣ оид ба супориши пардохт, тибқи аккредитив, чекҳо, ҳисобу китоб тибқи инкассо муқаррар гардидааст. Қонунгузор истифодаи дигар шаклҳои ҳисоббаробаркуниро, ки қонунҳо қоидаҳои бонкии мутобиқи онҳо таҳиягардида ва анъанаҳои муомилоти кории амалияи бонкӣ пешбинӣ намудааст, инкор наменамояд. Мутобиқи қонунгузорӣ шаклҳои зерини ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ иҷозат дода мешавад: ҳисоббаробаркунӣ бо супоришномаи пардохт, аккредитив, чекҳо, ҳисобу китоб тибқи инкассо, инчунин ҳисоббаробаркунӣ бо шаклҳои кортҳои пластики, ордерноӣ ёдбуд[1] (танҳо барои бонкҳо ва муассисаҳои кредитии ғайрибонкӣ). Тарафҳои шартнома ҳуқуқ, доранд дар шартнома ҳама гуна шаклҳои ҳисоббаробаркуниро интихоб ва пешбинӣ намоянд[2].

---

[1] Маҳмудов М.А. Ҳуқуқи граждани. Қисми 2. - Душанбе: «ЭР - граф», 2007. - С -182.

[2] Дастурамали №112 "Дар бораи ҳисоббаробаркунии ғайринақди дар

**110. Ҳисоббаробаркуни бо супоришномаи пардохт**

Чи тавре қайд гардид, тибқи қонунгузории ҷорӣ яке аз шаклҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ин ҳисоббаробаркуни бо супоришномаи пардохт мебошад.

Ҳангоми ҳисоббаробаркуни бо супоришномаи пардохт (пулдиҳӣ) бонк уҳдадор мегардад, ки бо супориши муштарӣ аз ҳисоби маблағҳое, ки дар суратҳисоби муштарӣ мавҷуданд, маблағи муайяни пулиро ба суратҳисоби шахси зикргардидаи муштарӣ на дертар аз як рузи ба он ворид гардидани ҳуҷҷатҳои дахлдори пардохт, агар тартиби дигаре дар шартнома муайян шуда набошад, ба ҳамин ё дигар бонк гузаронад (банди 1 м. 888 КГ ҶТ). Аз мафҳуми овардашуда нишонаҳои зерини ҳисоббаробаркуни бо супоришомаи пардохт (пулгузаронии бонкӣ) ба миён меояд. 1 Пул ба суратҳисоби шахси зикргардидае гузаронида мешавад, ки муштарӣ дар ҳамин бонк ё бонкӣ дигар нишон додааст; 3. Пул на дертар аз як руз баъд аз рузи ба бонк ворид гардидани ҳуҷчатҳои дахлдори пардохт гузаронида мешавад, агар дар шартнома муҳлати дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

Мазмуни супориши пардохт ва ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунии якҷоя ба он пешниҳодшаванда ва шакли онҳо бояд ба талаботи муқарраргардидаи қонун ва қоидаҳои бонкӣ мутобиқат намоянд. Барои гузаронидани маблағҳои пулӣ пулдиҳанда ба бонк супоришро дар бланкаи шакли муқаррарнамуда пешниҳод менамояд. Супориш аз рӯзи навишта шуданаш дар давоми даҳ рӯз ҳақдонӣ ҳисобида мешавад. Супориш ба муҳлатнок, пеш аз муҳлат ва аз муҳлаташ дарозкардашуда ҷудо мешавад. Пулгузаронии муҳлатнок бо мақсади пешпардохт, инчунин баъди молро фиристонидан ва ба сифати пардохти қисман ҳангоми аҳдҳои калон содир карда мешавад. Пардохти пеш аз муҳлат ва муҳлаташ дарозкардашуда бо розигии тарафҳо анҷо мдода шуда, шакли муҳими кредитикунонии тиҷоратӣ мебошад. Ғайр аз ин, супориши пулдиҳӣ ҳангоми мунтазам ва баробар фиристонидани молҳо татбиқ карда мешавад. Дар чунин сурат супориши пулдиҳӣ намуди пардохтҳои намунавиро мегирад, ки тарафҳо махсус дар шартнома пешбинӣ

---

Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26.03.2002, М. 57.

менамоянд. Бояд қайд намуд, ки дар сурати номутобиқатии супориши пулдиҳӣ ба талаботи қонуну қоидаҳои амалкунии бонкӣ бонк метавонад мазмуни супоришро аниқ намояд. Чунин дархост баъди гирифтани супориш ба пулдиҳанда бояд фавран пешниҳод карда шавад. Дар сурати нагирифтани ҷавоб дар муҳлати пешбиникардаи қонун ё қоидаҳои мутобиқи он муқарраркардаи бонк ва ҳангоми вуҷуд надоштани онҳо, агар дар қонун ва қоидаи бонкии дар асоси он муқарраргардида ё шартномаи байни бонк ва пулдиҳанда тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, дар муҳлати қобили қабул бонк метавонад супоришномаро бидуни иҷро монад ва онро ба пулдиҳанда баргардонад (б. 2 м. 889 КГ ҶТ).

**111. Ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи аккредитив ( )**

Шакли дигари ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи аккредитив сурат мегирад. Дар ҳисоббаробаркунии аккредитив бонке, ки бо супориши пулдиҳанда оид ба кушодани аккредитив ва мутобиқи нишондоди ӯ (бонк - эмитент) амал мекунад, уҳдадор мешавад маблағҳоро ба маблағгиранда гузаронад ё пардохт намояд, аксепт кунад ё вексели интиқолиро ба инобат гирад ё ваколатеро ба бонки дигар (бонки иҷрокунанда) оид ба гузаронидани маблағ, аксепт кардан ё ба инобат гирифтани вексели интиқолиро диҳад (м. 891 КГ ҶТ).

Аккредитив ҳамчун шакли ҳисоббаробаркунӣ дорои нишонаҳои зерин мебошад:1) Аккредитив уҳдадории пулӣ буда, танҳо ҳангоми пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ иҷро карда мешавад; 2) Бонк пулдиҳиро аз руи аккредитив аз ҳисоби маблағҳои худ ё маблағҳои муштарӣ анҷом медиҳад; 3) Бонк пардохтро аз руи аккредитив аз номи худ, вале бо супориши муштарӣ анҷом медиҳад; 4) Аккредитив аҳдест, ки аз шартномаи ҳисоббаробаркунии аккредитивиро пешбиникунанда ҷудо буда, бонк дар ичро намудани шартнома иштирок намекунад.

Дар уҳдадориҳои аккредитиви ҳамчун қоида пулдиҳанда (харидор), бонки пулдиҳанда (бонки эмитент), бонки пулқабулкунанда (бонки иҷрокунанда) ва маблағгиранда (фурушанда) иштирок менамоянд. Дар ҳолатҳои муайян ҳисоббаробаркунӣ дар байни фурушанда ва харидор дар як бонк гузаронида мешавад. Ин дар ҳолате мумкин аст, ки агар

дар бонки мазкур суратҳисобҳои ҳар ду тарафи шартнома ҷой дошта бошад. Дар чунин сурат нисбат ба бонки эмитент, ки пардохтҳоро ба маблағгиранда мегузаронад ё худ пардохт мекунад, аксепт менамояд ё вексели интиқолиро ба инобат мегирад, қоидаҳо оид ба бонкӣ иҷрокунанда истифода бурда мешавад.

Маблағгузарони тибқи аккредитив бо тарзи пулдиҳӣ ва вексел анҷом дода мешавад. Тарзи векселии маблағгузарони аз тарафи бонк пардохтани векселии интиқолиро, ки бенефитсиар пешниҳод намудааст ва аз тарафи бонк аксепт кардани чунин векселро бо пардохти минбаъда ё ба ҳисоб гирифтани вексел ба манфиати бенефитсиариро дар бар мегирад. Қонун истифодаи якчанд намуди аккредитивро, ки дар амалияи бонкӣ татбиқ карда мешавад, пешбинӣ менамояд.

1. Аккредитиви пушонидашуда (ба депозит гузошташуда) ва пушониданашуда (кафолатнок);

2. Аккредитиви бозхостшаванда ва бозхостнашаванда.

3. Аккредитиви тасдиқшуда.

Дар ҳолати қушодани аккредитиви пушонидашуда (ба депозит гузошташуда) бонки эмитент уҳдадор аст, ки маблағи аккредитив (пушонидани он)-ро аз ҳисоби пардохткунанда ё кредити ба у пешниҳодшуда барои тамоми муҳлати амали уҳдадории бонкӣ эмитент ба ихтиёри бонкӣ иҷрокунанда гузаронад. Дар ин ҳолат ҳамаи ҳисоббаробаркуни бо бенифитсиар аз тарафи бонкӣ иҷрокунанда ва аз ҳисоби маблағҳое, ки бонкӣ эмитент гузаронидааст, анҷом дода мешавад.

Дар ҳолати кушодани аккредитив пушониданашуда (кафолатнок) ба бонки иҷрокунанда ҳуқуқ дода мешавад, ки аз суратҳисоби бонкӣ эмитент, ки пешбурди онро анҷом медиҳад, ҳамаи маблағи аккредитивиро аз эътибор сокит гардонад (б. 2 м. 892КГҶТ).

**112.Ҳисоббаробаркуни ба воситаи инкассо**

Инкассо амалиёти бонкӣ буда, бонк тавассути он аз руи супориши муштарии худ дар асоси ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунии корхонаю иттиҳодияҳо, ташкилоту муассисаҳо барои ба номи онҳо бор кардани дороии молию

моддӣ ва хизматрасонӣ музд мегирад ва ин маблағро ба ҳисоби ӯ дар бонк мегӯ заронад.

Ҳангоми ҳисоббаробаркӯ нӣ тибқи инкассо мӯ штарӣ ба бонки хӯ д (бонки эмитент) сӯ поришнома мефиристад, ки аз ҳисоби мӯ штарӣ аз пардохтгар пардохтпӯ лӣ бигирад. 1. Сӯ пориши мӯ штарӣ барои пӯ лро аз маблағдиҳанда гирифтан; 2. Сӯ пориш аз ҳисоби мӯ штарӣ иҷро карда мешавад; 3. Иҷрои сӯ пориш аз тарафи бонки эмитент мӯ стақилона ё бо ёрии бонки иҷрокӯ нанда амалӣ карда мешавад, зеро бонки эмитент барои иҷроиши сӯ пориш бонки иҷрокӯ нандаро бояд ҷалб намояд.

Ҳамин тавр, инкассо дорои  чӯнин хӯсӯсиятҳо мебошад:

Бонке, ки аз мӯ штарӣ сӯ пориши инкассавӣ гирифтааст, бонки эмитент номида мешавад. Аз ин ҷо бонки эмитент ҳӯ ҷҷатҳоро аз мӯ штарӣ гирифта, ҷараёни инкассокӯ нониро хӯ д оғоз менамояд ё ба бонки иҷрокӯ нанда мефиристонад. Ҳангоми вӯ ҷӯ д надоштани ягон ҳӯ ҷҷат ё аз рӯ и аломатҳои зоҳирӣ номӯ тобиқатии ҳӯ ҷҷатҳо ба сӯ поришномаи инкассавӣ бонки иҷрокӯ нанда ӯ ҳдадор аст, ки аз ин хӯ сӯ с шахсеро, ки аз номи ӯ  сӯпоришнома гифтааст, фавран огоҳ созад. Дар ҳолати бартараф нагардидани камбӯ диҳои зикршӯ да бонк ҳӯ қӯ қ дорад ҳӯ ҷҷатҳоро бидӯ ни иҷро баргардонад. Ҳӯ ҷҷатҳо ба маблағпардозанда дар ҳамон шакле, ки гирифта шӯ дааст, баргардонида мешавад. Агар иҷро накардан ё бо таври дахлдор иҷро накардани сӯ пориши мӯ штарӣ бинобар вайронкӯ нии қоидаҳои анҷом додани амалиёти ҳисоббаробаркунӣ аз ҷониби масъулони бонки иҷрокӯ нанда ба миён омада бошад, ҷавобгарӣ мӯ мкин аст дар назди мӯ штарӣ ба зиммаи намояндаи бонки мазкӯр гӯзошта шавад.

### 113. Ҳисоббаробаркӯнӣ бо чек

Дар ҳисоббаробаркӯ нии ғайринақдӣ чек ниҳоят васеъ истифода бӯ рда мешавад. Чек қоғази қимматнокест, ки дастӯ ри бе ягон қайдӯ  шарти чекдиҳанда ба бонк ҷиҳати ба дорандаи чек додани пардохти маблағи дар он зикргардидаро дар бар мегирад. Хӯ сӯ сияти фарққӯ нандаи мӯ носибатҳо оид ба ҳисоббаробаркӯ нӣ бо чек ҳайати сӯ бъектҳои, махсӯ си он мебошад. Ба сифати иштирокчиёни асосии ин мӯ

носибатҳо чекдиҳанда, чекдоранда ва пӯ лдиҳанда баромад менамоянд. Чекдиҳанда шахсе ҳисоб карда мешавад, ки чекро навиштааст. Чекдоранда шахсест, ки дорандаи чеки навишташӯ да мебошад. Пӯ лдиҳанда бонке мебошад, ки ба чеки пешниҳодшӯ да маблағ медиҳад. Ба ҳайси маблағпардозандаи чек танҳо бонке метавонад зикр гардад, ки дар он чекдиҳанда маблағ дорад ва метавонад онро бо роҳи пешниҳоди чек ихтиёрӣ намояд.

Бояд қайд кард, ки додани чек ӯ ҳдадории пӯ лиеро, ки ҷиҳати он дода шӯ дааст, намепӯ шонад, зеро чек ӯ ҳдадории пешинаи қарзии чекдиҳандаро бартараф накарда, балки танҳо иваз менамояд. Ӯ ҳдадории қарзии пешинаи чекдиҳанда то лаҳзаи пардохти чек аз тарафи пӯ лдиҳанда боқи мемонад. Танҳо аз ҳамин лаҳза дорандаи чек ҳӯ қӯ қи талабкӯ ниро ба чекдиҳанда аз даст медиҳад. Бозхости чек то гӯ заштани мӯ ҳлати манзӯ р кардани он мӯ мкин нест. Барои чек ба монанди ҳамагӯ на қоғазҳои қимматнок риояи шакл ва дӯ рӯ ст пӯ р кардани ҳамаи реквизитҳои боқимондаи он ниҳоят зарӯ р мебошад.

Чек ҳатман бояд дорои маълӯ мотҳои зерин бошад:

1. Номи «чек», ки дар матни ҳӯ ҷҷат ворид гардидааст;

2. Сӯ поришнома ба пардозанда оид ба пардохти маблағи мӯ айяни пӯлӣ;

3. Номи пардохткӯ нанда ва зикри сӯ ратҳисобе, ки аз он бояд пардохт анҷом дода шавад;

4. Маблағи пардохт;

5. Зикри асъори пардохт

6. Зикри сана ва маҳалли мӯ раттаб сохтани чек;

7. Имзои шахсе, ки чекро навишта додааст.

Дар ҳӯ ҷҷат мавҷӯ д набӯ дани яке аз реквизитҳои зикршу да чекро беэътибор мегардонад. Шакли чек ва тартиби пӯ р кардани он тибқи қонунҳо ва қоидаҳои бонкии мӯ тобиқи онҳо қабулгардида мӯайян карда мешавад.

Чек аз ҳисоби маблағҳои чекдиҳанда пардохта мешавад. Дар ҳолати ба депозит гузоштани маблағ тартиб ва шарти ба депозит гузаронии маблағ барои пушонидани чек тибқи қоидаҳои бонкӣ муқаррар карда мешаванд. Чекро бояд пардохткунанда бо шарти дар муҳлати муқарраркардаи

қонун барои пардохт пешниҳод кардани он пардозад. Пардозандаи чек вазифадор аст, кӣ бо ҳамагу на усули ба у дастрас бо ҳаққонӣ; будани чек, инчу нин ба он ки пешниҳод кунанда нисбат ба он, шахси ваколатдор мебошад, боварӣ ҳосил намояд.

Чекҳо номӣ, манзуршаванда ва ордерӣ мешавад. Моддаи 905 Кодекси граждании Ҷумҳу рии Тоҷикистон ибораи чеки интиқолиро истифода мебарад, ки мафҳумҳои чеки манзуршаванда ва ордериро дар бар мегирад.

Вобаста ба намудҳои чек додани ҳуқуқ ба чек амалӣ карда мешавад. Вай ба қоидаҳои умумие, ки дар моддаи 160 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст,бояд мутобиқ бошад. Додани ҳуқуқ аз руи чек мутобиқи чеки интиқолӣ ба манфиати ҳама гуна шахс, аз ҷумла худи чекдиҳанда роҳ дода мешавад. Додани ҳуқуқ ба пулдиҳанда қувваи навиштаҷоти интиқолӣ муқаррариро гум карда, танҳо ҳамчун забонхат барои гирифтани пардохт баромад менамояд.

Аз ин ҷо бо сабаби беэътибор ҳисоб карда нашуданаш додани ҳуқуқе (индосамент), ки пулдиҳанда анҷом додаст, мумкин намебошад.

**114.Кортҳои пластикии бонкӣ**

Кортҳои пластикии бонкӣ воситаест барои ташкил кардани ҳисоббаробаркунӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки ҳисоби мизоҷ ба роҳ монда мешавад, мебошад.

Кортҳои пластикии бонкӣ дар ҳолатҳои ҳисоббаробаркуниҳои моҳона, стипендия ва нафақа барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ истифода шуданашон мумкин аст. Қоидаи истифодабарии кортҳои пластикӣ мутобиқи Дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон танзим карда мешавад

Иштирокчиёни муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи кортҳои пластикӣ инҳо мебошанд:

Ташкилот -эмитенти корт;

Нигоҳдорандаи корт;

Ташкилоти таъминкунандаи корт - ташкилотҳои савдо, кортҳои таъминкунанда, яъне бо воситаи онҳо пардохтҳо ва дигар хизматҳо пешкаш мегарданд;

Ташкилотҳои қарзӣ - эквайер;

Маркази протсессингӣ;

Агенти пардохт.

Эмитент интишори кортҳои бонкӣ, кушодани суратҳисоб ва хизматрасонии ҳисоббаробаркунии мизоҷонро зимни амалиёти бонкӣ ва истифода бурдани кортҳо ба роҳ мемонад. Эмитент метавонад ба мизоҷони худ - шахони воқеӣ ва ҳуқуқӣ душакли кортро корти пардохти ва корти кредитиро пешкаш кунад.

Ба сифати ташкилоти таъминкунандаи корт чун қоида муассисаҳои дар соҳаи савдо ё соҳаи хизматрасоние, ки дар асоси шартномаи бо эквайер басташуда барои қабули ҳуҷҷатҳо, ки барои сифати пардохти маҳсулоти худ бо истифодаи корт тартиб додаст, уҳдадорӣ гирифтааст, баромад менамояд.

Нуқтаҳои савдои кортӣ, ки ба кортҳои пластикии бонкӣ хизмат мерасонанд, бояд бо таҷҳизоти махсуси электронӣ таъмин шуда бошанд, ки ба воситаи онҳо авторизатсияи кортҳои пластикии бонкӣ ва тартиби додани ҳуҷҷатҳо ба роҳ монда шавад.

Авторизатсия (муаллифсозии амалиёт) «маъқул донистани пардохтҳо, розӣ будан ва додани иҷозат барои гузаронидани амалиёт аз як корт ба дигар корт» аст.

Бонк-эквайер ташкилоти қарзие мебошад, ки бо ёрии кортҳои бонкӣ ҳисоббаробаркуниро бо муассисаи савдо ва соҳаи хизматрасонӣ бо амалиёти бонкӣ ба роҳ мемонад, инчунин бо додани пули нақд ба шахсоне, ки дорои корти бонкӣ ҳастанд, хизмат мерасонад.

Амалиёти қабул ва додани пули нақд ба шахсони дорои кортҳои бонкӣ ба воситаи банкоматҳо ва нуқтаҳои пулдиҳандае, ки аз ҷониби эквайерҳо кушода мешаванд, ба роҳ монда мешавад.

Банкомат маҷмуи барномакунонидашудаи техникӣ-электроние мебошад, ки барои додан ва қабул намудани пули нақд ва пешниҳоди ахборот оид ба ҳолати суратҳисоби мизоҷ, инчунин барои ба анҷом расонидани пардохти ғайринақдӣ ба роҳ монда мешавад.

Маркази ба назмоварш иттилоот (протсессингӣ) ширкатест, ки низоми пардохти ахбороти технологияи

мутаассилро байни иштирокчиён таъмин мекунад. Хусусияти ин марказ аз ҷамъ кардан, коркард ва фиристодани ахборот ба иштирокчиёни низом мебошад, ки бо кортҳои пластикии бонкӣ амалиёт мегузаронанд.

Агенти пардохт ташкилоти кредитие мебошад, ки ҳисоббаробаркуниро дар байни бонкҳо - аъзоёни низоми пардохт дар асоси маълумотҳое ба роҳ мемонад, ки аз маркази протсессингӣ гирифта шудааст. Бинобар ин байни бонкҳо муносибатҳои корреспондентӣ муқаррар карда мешавад. Бо ҳамин тартиб бонкӣ ҳисоббаробаркунанда маблағро ба суратҳисоби корреспондентӣ, бонк-эквайерҳо мегузаронад ва маблағро аз суратҳисоби бонкӣ корт эмитент аз ҳисоб мебарорад.

**115. Шартномаи Қарз**

Тибқи шартномаи қарз яқ тараф (қарздиҳанда) ба тарафи диғар (қарзгиранда) моликият, пул ё ашёи дорой аломати навъи муайянро месупорад ва қарзгиранда уҳдадор мешавад, қи ба қарздиҳанда ба таври якдафъаина ё давра ба давра ба ҳамин андоза маблағ ё баробар ба теъдоди ашёи ба қарзгирифташудаи дорои ҳамон навъ ва сифат (маблағи қарз)-ро баргардонад (б. 1 м. 827 КГ).ҶТ

Шартномаи қарз аз лаҳзаи супоридани пул ё ашё басташуда ба ҳисоб меравад. Аз ин ру, он шартномаи реалй ва яктарафа мебошад. Характери яктарафа доштани шартномаи мазкур дар он ифода меёбад, қи қарзгиранда барои худ қарзи ҳушқуҳолиро ба вучуд оварда, арздиҳанда бошад, ҳуқуқи талабкуниро доро мегардад. Ҳамчун қоидаи умуми, шартномаи қарз музднок мебошад. Зеро қарздиҳанда аз қарзгиранда аз маблағи қарзи дода-аш, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинй нашуда бошад, ҳуқуқи гирифтани фоизро дорад.

Ҳатто ҳолатҳое, ки дар шартнома пешбинй нашудани андозаи фоиз низ шартнома бе музд ҳисоб карда намешавад. Чунки мувофиқи б. 1 м. 829 КГ ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳо оид ба фоиз андозаи он тибқи ставкаи ба таври дахлдор муайяншудаи фоизи бонк дар ру зи аз ҷониби қарзгиранда баргардонидани қарзи худ ё яқ қисми дахлдори он муайян карда мешавад.

Дар ҳолати пешбинӣ намудаи қонун шартномаи қарз мумкин аст бемузд бошад. Чунончй, шартномаи қарзе, ки байни шаҳрвандон ба маблағи на бештар аз андозаи панҷоҳкаратаи маоши ҳадди ақали тибқи қонун пешбинигардида баста шудааст ва ба анҷом додани фаъолияти соҳибкорй аз ҷониби ҳатто яке аз тарафҳо алоқаманд намебошад, агар дар он мустақиман тартиби дигаре пешбинй нагардида бошад, ҳамчун бефоиз дар назар дошта шуданаш мумкин аст (б. 2 м. 829 КГ ).

Агар мувофиқи шартномаи қарз ба қарзгиранда ашёи дорои аломатҳои навъи муайян супурда шавад, фоиз дар ҳолате бояд пардохта шавад, ки агар андоза ва шакли он (пул ё дар шакли асл) дар шартнома пешбинй шуда бошад (б. 3 м. 829 КГ ).

Тарафҳои шартномаи қарз - қарзгиранда ва қарздиҳанда мебошад. Дар нақши ҳам қарзгиранда ва ҳам қарздиҳанда ҳамагуна субъекти ҳуқуқи гражданй баромад карда метавонад. Танҳо шартномаи қарзи давлатӣ дорои ҳайати субъекти махсус мебошад. Аз ин ҷо шахсоне, ки доро қобилияти амалкунии махсус, қисман ё маҳдуд мебошанд (корхонаҳои ҳукуматӣ, муассисаҳо, ноболиғон ва ғайраҳо) метавонанд аҳдҳои қарзиро дар доираи мақсадҳои оинномавиашон ё ҳаҷми қобилияти амалкуниашон, ки қонун муайян намудааст, содир намоянд. Чунончи, муассиса ҳақ дорад даромади фаъолияти хоҷагиашро, ки ба он соҳибмулк иҷозат додааст, ихтиёрдорй намояд (б. 2 м. 315 КГҶТ ) ва аз ин ҷо танҳо аз ҳисоби ҳамин воситаҳо ҳуқуқи қарз додан дорад.

Пул ё дигар ашё дорои аломати навъи муайян буда предмети шартномаи қарз шуда метавонад. Бо ҳамин хусусияташ шартномаи қарз аз шартномаҳои кироя (иҷора)-и молумулк ва ройгон (истифодаи бемузд), ки предметашон танҳо ашёи инфиродии муайян шуда метавонад, фарқ менамояд. Ғайр аз ин, дар ҳарду шартномаи зикршуда кирогиранда ва ройгонгиранда танҳо ҳуқуқи истифодабарии ашёро дошта, на ҳуқуқи моликиятро ба даст медоранд ва барои ҳамин ҳам таваккали тасодуфан нобудшавии ашёро ба зимма надоранд.

Шартнома дар шакли хаттӣ баста мешавад. Истисно аз ин қоида низ ҷой дорад. Чунончӣ, агар тарафҳои шартномаи қарз

шаҳрвандон ва маблағи он аз даҳ андозаи маоши ҳадди ақал қамтар бошад, онро даҳонӣ бастан мумкин аст (б. 1 м. 828 ҶТ ). Дар ҳамаи ҳолатҳои дигар, нисбати шакли аҳдҳо қоидаҳои моддаҳои 183-186 ҶТ татбиқ карда мешавад.

Хусусиятҳои бастани шартномаи қарз ва дар навбати аввал байни шаҳрвандонро ба назар гирифта, қонун ичозат медиҳад, қи шартномаи қарз бо роҳи гирифтани забонхат ё дигар ҳуҷҷат аз қарзгиранда, ки ба ӯ аз ҷониби қарздиҳанда додани маблағи муайян ё теъдоди муайяни ашёро тасдиқ мекунад, ба расмият даровардашуда эътироф карда шавад (б. 3 м. 828 ҶТ ).

Забонхат ё дигар ҳуҷҷат ба имзои қарзгиранда ба расмият даровAPарда мешавад ва дорои аҳамияти далели шайъй мегардад. Дар ин маъно забонхат ба шакли шартномаи оддии муқаррарӣ баробар дониста мешавад. Риоя накардани шакли хаттии шартномаи қарз боиси оқибатҳои пешбининамудаи моддаи 187 ҶТ , яъне аз такя ба баёноти шоҳидон маҳрум сохта, вале онҳоро аз ҳуқуқи овардани далелҳои хаттӣ ва далелҳои дигар махрум намесозад.

Кодекси граждании ду намуди ҳуҷҷатҳоеро пешбинӣ менамояд, ки ба воситаи онҳо додани маблағи қарз тасдиқ карда мешавад. Ба сифати онҳо қоғазҳои қимматнок, ба монанди вексел (м. 837) ва вомбарг (м. 838) баромад менамоянд.

Аз лаҳзаи додани вексел ё вомбарг, ки қарзро ба расмият медароранд, меъёрҳои параграфҳои Кодекси гражданӣ нисбати муносибатҳои қарзӣ татбиқ карда мешаванд, агар ки онҳо ба Қонун «Дар бораи вексели интиқолӣ ва оддӣ» (б. 2 м. 837 КГ ) ё дигар қонунҳо (б. 3 м. 838 КГҶТ ) мухолифат нанамояд. Оид ба вексел ва вомбарг ҳамчун намуди қоғазҳои қимматнок дар боби 9 қисми 1 Кодекси граждани муфассал маълумот дода шудааст.

Шартномаи қарз яктарафа мебошад. Аз ин ҷо мазмуни онро ҳуқуқӣ талаб кардани қарздиҳанда оид ба баргардонидани қарз ва уҳдадории қарзгиранда доир ба баргардонидани қарз ташкил медиҳад. Тартиб ва муҳлати иҷрои уҳдадории қарзгирандаро шартнома муайян менамояд. Одатан муҳлат ба шартҳои муҳими шартномаи қарз дохил намешавад. Қонун танҳо ҳолат пешбинӣ намудани муҳлати баргардонидани қарз ё ин ки лаҳзаи пешниҳод намудани талаботро ба танзим медарорад.

Дар чунин ҳолат ба қарзгиранда муҳлати имтиёзноки 30-руза дода мешавад, ки дар давоми он қарзгиранда бояд қарзро баргардонад (б. 1 м 830 КГ). Вале ин муҳлат ҳам диспозитивӣ буда, дар шартнома тағйир дода шуданаш мумкин аст. Ҳамзамон маблағи қарзро пеш аз муҳлат бо розигии қарздиҳанда баргардонидан мумкин аст. Вале ин ҳам бояд нисбати қарзи бефоиз татбиқ карда шавад. Нисбати пеш аз муҳлат баргардонидани қарзи фоизнок гирифтани розигии қарздиҳанда зарур аст. Дар баробари ин агар дар шартномаи қарз тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, маблағи қарз аз лаҳзаи ба қарздиҳанда додани қарз ё гузаронидани маблағи пулии дахлдор ба суратҳисоби бонкии у  баргардонидашуда ба ҳисоб меравад.

Дар ҳаёт ба ҳолатҳое дучор шудан мумкин аст, ки пул ё ашёи дигарро қарздиҳанда аз қарзгиранда дар ҳақиқат пурра намегирад ё ба ҳаҷме мегирад, ки нисбат ба ҳаҷми дар шартнома пешбининамуда камтар мебошад. Барои ҳамин ҳам, бо мақсади ҳимояи манфиати қарздиҳанда аз қарзгирандаи бевиҷдон моддаи 832 КГ тартиби иҷро намудани шартномаи қарзро ҳангоми бепулӣ (набудани пул) пешбинӣ менамояд.

Қарзгирандае, ки чунин тартиботро истифода мебарад, дорои  бартарии муайян мегардад. Чунончӣ, агар шартномаи қарз, бо вайрон кардани шакли оддии хаттӣ содир карда шуда бошад, қарзгиранда ҳуқуқ дорад аз нишондоди шоҳид истифода барад (м. 204 КГ ), агар қарз таҳти таъсири фиреб, зурӣ, таҳдид, созиши бадқасдонаи намояндаи як тараф бо тарафи дигар, инчунин шартҳои асоратовар баста шуда бошад. Баъди дар суд исбот шудани характери бепулии шартномаи қарз он бастанашуда ҳисобида мешавад.

Ҳамзамон, дар сурате ки агар пул ё ашё (маблағи қарз) нисбат ба оне, ки дар шартнома зикр гардидааст, камтар бошад, шартнома ба андозаи ҳамин маблағ ё теъдоди ашё басташуда ба ҳисоб меравад.

Дар Кодекси граждании ду  намуди шартномаи қарз пешбинӣ карда шудааст. Шартномаи қарзи мақсаднок (м. 834 КГ ) ва шартномаи қарзи давлатӣ (м. 836 КГ). Бояд қайд намуд, ки дар фарқият аз шартномаи кредит, шартномаи қарзи муқаррарӣ ҳамчун қоида мақсаднок намебошад. Яъне дар он шартномаи оид ба истифодаи воситаҳои гирифташуда барои

вазифаҳои муайян ифода карда намешавад. Вале тарафҳо ҳақ доранд ба шартномаи қарз характери қатъиян мақсаднок диҳанд. Дар ҳолати шартномаи қарз бо шарти аз ҷониби қарзгиранда барои мақсадҳои муайян фоида бурдани маблагҳои гирифташуда баста шудан, қарзгиранда уҳдадор аст, ки ба қарздиҳанда имконияти назорати тибқи мақсад истифода бурдани маблағи қарзро фароҳам оварад (б. 2 м. 834 КГ ). Дар сурати аз ҷониби қарзгиранда ичро накардани шарти шартнома оид ба истифодаи мақсадноки маблағи қарз қарздиҳанда ҳуқуқ дорад аз қарзгиранда пеш аз муҳлат пардохтани қарзро талаб намояд.

Намуди дигари шартномаи қарз шартномаи қарзи давлатӣ ба шумор меравад. Мувофиқи шартномаи қарзи давлатӣ ба сифати қарзгиранда давлат ва ба сифати қарздиҳанда шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ ё шахсони ҳуқуқии хориҷӣ баромад мекунанд. Давлат чунин шартномаро баста, бо ҳамин бошуурона қарзи дохилии худро зиёд менамояд. Андозаи қарзи дохилӣ дар шакли қонуни ҳарсолаи буҷети давлатӣ тасдиқ карда мешавад. Ба тартиби қарзи давлатӣ кредите, ки Ҳукумати ҶТ гирифтааст, вомбарги давлатие, ки ҳамчун қоғази қимматнок аз номи Ҳукумат бароварда шудааст ва дигар уҳдадориҳои қарзие, ки аз тарафи Ҳукумат кафолат дода шудааст, дохил мешаванд. Қарзи дохилии давлат бо ҳамаи активҳое, ки дар ихтиёри Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, таъмин карда мешавад. Шарномаи қарзи давлатӣ шарномаи ҳамроҳшавӣ (м. 460 КГ ҶТ) мебошад. Зеро он бо шартҳои эмиссионии тасдиқнамудаи давлат бо роҳи аз тарафи қарздиҳанда харидани вомбарг ё дигар қоғазҳои қимматнок баровардани давлат баста мешавад. Вомбарг ва дигар қоғазҳои қимматноки давлатӣ ҳуқуқӣ қарздиҳандаро барои аз қарзгиранда гирифтани маблағҳои пулии қарзӣ додашуда ё вобаста ба шарти қарз додани дигар молумулк, фоизҳои муқарраршуда ё дигар ҳуқуқӣ молумулкиро дар муҳлатҳои пешбининамудаи шартҳои ба муомилот баровардани вомбаргҳо тасдиқ менамоянд. Қарзҳои давлатӣ ихтиёрӣ буда, ба тағйир додани шартҳои вомбаргҳои ба муомилот баровардашуда иҷозат дода намешаванд.

Ба қарздоре, ки қобилияти қарзадокуниаш барои қарздиҳанда шубҳанок мебошад, мумкин аст уҳдадорӣ оид ба

таъмини баргардонидани маблағи қарз гузошта шавад. Чунин таъминнамои дар боби 22 КГҶТ пешбини шуда, ба монанди гарав, байъона, нигаҳдорй, кафолат ва ғайраҳо амалй карда мешавад.

Ҳангоми аз тарафи қарзгиранда иҷро накардани уҳдадории худ оид ба баргардонидани маблағи қарз, инчунин дар мавриди гум кардан ё кам шудани қобилияти таъминот, дар сурати набудани гуноҳи қарздиҳанда, охирин ҳақ дорад аз қарзгиранда пеш аз муҳлат иҷро намудани шарномаро, агар бо созиши тарафҳо тартиби дигаре муқаррар карда нашуда бошад, талаб намояд.

Дар амал зарурияти табдил додани қарзи аз ягон шартнома (харидуфуруш, иҷора ва ғайраҳо) ҷой дошта ба уҳдадории қарзии дигар ба миён меояд. Чунончи, ҳангоми хариди мол харидор то ба охир ба фурушанда ҳисобро баробар наменамояд ва мехоҳад, ки муҳлати пулдиҳиро ба вақти дигар гузаронад. Дар чунин ҳолат фарқи байни маблағи пулие, ки бояд дода шавад ва аллакай дода шудааст, предмети шартномаи қарзро ташкил медиҳад. Дар ин маврид сухан дар бораи иваз намудани қарз ба уҳдадории қарзии дигар меравад (м. 835 КГ ҶТ). Иваз намудани қарз ба уҳдадории қарз бояд бо риояи қоидаҳои Кодекси гражданй оид ба нав шудани уҳдадори (м. 446 КГҶТ) ва дар шакли барои шартномаи қарз муқаррар гардида (м. 828 КГҶТ) анҷом дода мешавад.

Ҷавобгарӣ низ дар шартномаи қарз характери яктарафаро дорад. Ҳангоми қарзгиранда дар муҳлати муайяншуда барнагардонидани қарз (вайрон кардани шартнома) нисбати он оқибати дар моддаи 831 КГ пешбинишуда татбиқ карда мешавад. Ба қарзгиранда уҳдадорие, ки дар б. 1 моддаи 426 Кодекси гражданй оид ба додани фоиз барои ичро накардани уҳдадорӣ пешбинӣ шудааст, татбиқ карда мешавад. Андозаи фоиз бо назардошти ставкаи миёнаи фоизи бонк, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи иҷрои уҳдадории пули ё қисми дахлдори ин уҳдадори муайян кардааст, ба ҳисоб гирифта шуда, аз ҳамон рӯзе, ки қарз бояд баргардонида шавад, то рузи баргардонидани он ба қарздиҳанда пардохта мешавад.

Агар дар шартнома қисман давра ба давра баргардонидани қарз пешбинй гардида бошад, дар ин сурат ҳангоми аз ҷониби қарзгиранда вайрон кардани муҳлати барои баргардонидани

қисми навбатии қарзи муқарраргардида қарздиҳанда ҳуқуқ дорад, ки пеш аз муҳлат баргардонидани ҳамин маблағҳои қарзи боқимондаро якҷоя бо фоизҳои марбута талаб кунад. Агар қарзгиранда беш аз нисфи маблағи қарзро баргардонида бошад, қоидаи мазкур татбиқ намегардад. Ҳамзамон ҳангоми дар шартнома пардохтани фоизи қарз дар муҳлате, ки аз муҳлати баргардонидани худи қарз пештар аст, пешбинӣ гардида бошад, он гоҳ дар сурати вайрон кардани чунин уҳдадори қарздиҳанда ҳуқуқ дорад аз қарзгиранда пеш аз муҳлат баргардонидани маблағи қарзро якҷоя бо фоизҳои марбута талаб кунад.

**116. Шартномаи кредит**

Тибқи шартномаи кредит як тараф - бонк ё ташкилоти дигари кредитӣ (кредитор) уҳдадор мешавад ба тарафи дигар (қарзгиранда) мувофиқи андоза ва шартҳои пешбининамудаи шартнома маблағҳои пулӣ (кредит) диҳад ва қарзгиранда бошад, уҳдадор мешавад маблағи пулии гирифтаашро баргардонад ва барои он фоиз супорад (б. 1 м. 839 КГҶТ ).

Шартномаи кредит яке аз намудҳои шартномаи қарз мебошад. Барои ҳамин ҳам нисбат ба муносибатҳо оид ба шартномаи кредит, агар тибқи қоидаҳои зербоби кредитро батанзимдароранда ва аз моҳияти шартномаи кредит тартиби дигаре ба миён наояд, қоидаҳои Кодекси гражданӣ дар бораи шартномаи қарз татбиқ мегарданд. Ҳамин тавр, ҳамаи қоидаҳое, ки доир ба гирифтани фоиз аз руи шартномаи қарз ба миён меояд, уҳдадории қарзгиранда оид ба баргардонидани маблағи қарз, характери мақсаднокии қарз, оқибатҳои аз тарафи қарзгиранда вайрон намудани шартномаи қарз ва ғайраҳо, нисбат ба шартномаи кредит татбиқ мегардад, агар аз Қонун ва моҳияти шартнома тартиби дигаре ба миён намояд.

Аз руи табиати ҳуқуқии худ шартномаи кредит консенсуалӣ, музднок ва дутарафа мебошад. Дар фарқият аз шартномаи қарз, шартномаи кредит аз лаҳзаи ноил шудани тарафҳо ба созиши дахлдор, то ба таври реалӣ додани пул ба қарзгиранда ба қувваи қонунӣ медарояд. Ин ба қарзгиранда имконият медиҳад, ки дар мавриди зарурӣ кредиторро барои

додани кредит маҷбур намояд, ки чунин ҳолат дар муносибатҳои қарзӣ ғайриимкон мебошад.

Аз шартномаи қарз шартномаи кредит бо ҳайати субъектҳояш фарқ менамояд. Дар нақши кредитор бонк ё дигар ташкилоти кредитӣ, ки дорои иҷозатномаи (литсензияи) Бонки миллии Тоҷикистон барои иҷро намудани чунин амалиётҳо мебошад баромад менамояд. Дигар субъектҳои ҳуқуқи граждании имконияти додани кредитро аз руи шартномаи кредит надошта, танҳо метавонанд дар нақши қарздиҳанда баромад намоянд.

Предмети шартномаи кредит танҳо пул шуда метавонад. Ба зиммаи он додани аксарияти кредитҳо дар шакли бенақд амалӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, предмети шартномаи кредит маблағҳои пули, на ашёҳои дигар шуда метавонанд. Аз ин ҷо шартномаи кредит ҳам бо ҳайати субъектҳои худ ва ҳам бо предмети худ, нисбат ба шартномаи қарз доираи маҳдуди татбиқнамоиро дорад.

Шартномаи кредит ҳамавақт музднок мебошад. Пардохт барои кредит дар намуди фоиз вобаста ба маблағи кредит барои ҳама вақти истифодабарии он дода мешавад.

Мувофиқи б. 1 м. 840 КГҶТ шартномаи кредит бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Одатан ташкилотҳои кредитӣ шаклҳои чунин шартномаҳоро пешкаш менамоянд, ки ворид намудани тағйирот ба онҳо осон намебошад. Ғайр аз ин, ҳангоми кушодани ба ном «хати кредит», ки мувофиқи он бонк уҳдадор мешавад ба қарзгиранда қарзро бо қисмҳо дар доираи меъёри маслиҳатшуда пешкаш намояд, уҳдадориҳои муҳлатнок ба расмият дароварда мешавад. Дар он андозаи қарз ба қисмҳои алоҳидаи ба расмият даровард мешавад.

Мазмуни шартномаи кредит умуман ба мазмуни шартномаи қарз мувофиқ, мебошад. Хусусияти шартномаи кредит дар он ифода меёбад, ки кредитор ё қарзгиранда имконияти яктарафа бекор кардани шартномаро дорад. Чунончӣ, кредитор ҳуқуқ дорад ба қарзгиранда додани кредити дар шартнома пешбинигардидаро пурра ё қисман ё дар сурати ғайри қобили пардохт эътироф гардидани қарзгиранда, аз ҷониби у иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба таъмини кредит, вайрон кардани уҳдадории дар шартнома пешбинигардидаи мақсадноки истифодаи кредит, инчунин дар дигар ҳолатҳои

пешбининамудаи шартнома рад намояд (б. 1 м. 841 КГҶТ ). Дар навбати худ қарзгиранда ҳуқуқ дорад аз гирифтани кредит пурра ё қисман бо сабаби ба он эҳтиёҷ надоштан бе ягон хел овардани далел даст кашад. Дар ин бора бояд кредиторро то мухлати муқаррарқардашудаи додани кредит огоҳ созад. Ҳамзамон дар шартнома мумкин аст, ки ҷавобгарии қарзгиранда барои даст кашидан аз гирифтани кредит пешбинӣ карда шавад ё имконияти рад кардан мумкин аст ҷой надошта бошад.

Муҳлат шарти муҳими шартномаи кредит ба ҳисоб меравад. Пеш аз муҳлат иҷро намудани шартномаи кредит бе розигии кредитор мумкин намебошад. Вобаста аз давомнокии шартнома ва мақсади он кредит ба кутоҳмуддат (то як сол) ва дарозмуддат (зиёда аз як сол) ҷудо мешавад.

Аз руи шартномаи кредит чавобгариро ба зиммаи қарзгиранда ва кредитор гузоштан мумкин аст. Ҷавобгарии қарзгиранда мувофиқи талаботи моддаи 831 КГҶТ амалӣ карда мешавад, ба шарте ки дар қонунгузорй ва шартномаи кредит тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Ҷавобгарии вай аз маблағҳои пулии иловагие иборат буда метавонад, ки ба супоридани фоизи барзиёд аз руи кредити муҳлаташ гузаронидашуда алоқаманд мебошад. Андозаи фоиз мутобиқи моддаи 426 КГҶТ муайян қарда шуда ва одатан дар шартнома то дараҷае зиёд карда мешавад, ки ба манфиати бонк мувофиқ мебошад. Ғайр аз ин, дар шартнома ҷавобгарии махсус барои мақсаднок истифода набурдани маблағҳои пулии гирифташуда ё ин ки паст шудани қиммати таъмини кредит пешбинй карда шавад. Инчунин бонк ҳуқуқ дорад, ки мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ба Суди иқтисодй оид ба муфлис эътироф намудани қарзгиранда муроҷиат намояд. Барои иҷро накардани уҳдадориҳояш кредитор низ ба ҷавобгарии молумулкй кашида мешавад. Чунончй, дар шартнома нисбати кредитор ҷавобгариро барои беасос даст кашидан аз додани кредит, додани кредит ба андозаи кам, ё бо вайрон кардани муҳлатҳо пешбинӣ намудан мумкин аст. Дар баробари додани ноустуворона тарафи гунаҳкор ба тарафи дигар бояд пурра товони зарареро, ки дар натиҷаи иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадорӣ

расонида шудааст, диҳад, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

**117. Кредити моли ва тиҷоратӣ**

Дар фаъолияти хоҷагидорӣ ҳолатҳое мешаванд, ки муваққатан талабот барои ба қарз гирифтани ашё, мавод, тухмӣ ва чизучораи дигари ба онҳо монанд пайдо мешавад. Ҳатто харидор ба бардавом будани чунин муносибатҳо дар аксар вақт ҳавасманд мебошад. Дар чунин ҳолатҳо шартномаи кредити моли истифода бурда мешавад. Мувофиқи шартномаи кредити моли як тараф ухдадор мешавад, ки ба тарафи дигар ашёи дорои аломатҳои навъи муайянро диҳад (б. 1 м. 842 КГҶТ). Дар ҳамин фарқи асосии шартномаи кредити моли аз шартномаи кредити муқаррарӣ зоҳир мегардад. Ғайр аз ин, шартномаи кредити молиро ҳамаи субъектҳои муносибатҳои қарзӣ ҳуқуқи бастан доранд. Ҳатто барои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои кредита ҳамчун кредитор шартномаи кредити моли аз ҷиҳати назариявӣ имконпазир бошад ҳам, аз ҷиҳати амалӣ истиснои ниҳоят нодир (кредит дар намуди қоғазҳои қимматнок ё баъзе арзишҳои асъорӣ) мебошад.

Ҳамчун қоида, предмети шартномаи кредити моли чунин молҳо, ба монанди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, маҳсулоти нимтайёр, ашё, ва сузишворӣ шуда метавонад. Дар фаъолияти субъектҳои ҳоҷагӣ норасоии маҳсулотҳои номбаршуда дар давраи муайян аз ҳисоби қарзи шахсони дигар пурра карда мешавад. Аз сабабе, ки шартномаи кредити молӣ, ҳамчун қоида, бо мақсади истеҳсолӣ баста мешавад, нисбати он на танҳо қоидаҳо оид ба шартномаи қарз (кредит), балки қоидаҳо оид ба шартномаи хариду фуруш дар бораи шумора, сифат, навъ, зарф, бандубасти ашёи пешниҳодшуда ва ғайраҳо татбиқ карда мешавад, ба шарте ки дар шартномаи кредит тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Ҳамин тавр, шартномаи кредити моли характери консенсуалӣ, музднок ва ду тарафа дошта, ҳатман бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

Кредити тиҷоратӣ аҳди намуди қарзи мустақил набуда, балки шарти шартномаи музднок мебошад. Мувофиқи он ба моликияти дигар тараф додани маблағи пули ё молумулки дорои аломатҳои навъи муаяйнро як тараф ё тарафи ҳамин кредит, аз он ҷумла дар шакли бунак (аванс), пешпардохт, дароз

кардани муҳлат, давра ба давра пардохтан, пардохти мол, кор ва хизмат пешбинӣ менамояд (б. 1 м. 843 КГ ). Чунин шакли кредиткунонӣ дар қонунгузории амалкунанда васеъ истифода бурда мешавад. Зеро кредити тиҷоратӣ ба шартномаҳое алоқаманд мебошад, ки худ шарти он мебошад. Умуман кредити тиҷоратӣ ҳамагуна уҳдадориҳои мутақобилан дар асоси шартнома баста шудааст, ки аз руи он молҳо пеш аз пул додан фиристода (кор ичро карда, хизмат ба ҷо оварда) мешавад ё ин ки пардохти пеш аз додани молҳо (иҷрои кор, расонидани хизмат) ба ҷо оварда шуда, ҳисоб карда шуданаш мумкин аст. Барои ҳамин ҳам кредити тиҷоратӣ на танҳо дароз қардани мухлат ё қисман давра ба давра пардохтан, балки раванди пешпардохт ва ғайраҳо шуда метавонанд. Чунончӣ, ба сифати пардохти маҳсулоти фиристодашуда векселро қабулнамуда, фурӯшанда ба харидор қарз медиҳад ва баръакс ба сифати оғози кор дар шартномаи пудрат авансро қабул намуда, супоришдиҳанда ба пудратчӣ қарз медиҳад.

**118. Шартномаи пасандози бонкӣ**

Тибқи шартномаи пасандози бонк (депозити бонк) як тараф (бонк), ки мабалағ (пасандоз)-и ба ҳисоби тарафи дигар (амонатгузор) воридшударо қабул кардааст, уҳдадор мешавад, ки ба амонатгузор ин маблағро баргардонад ва барои он фоиз ё дар шакли дигар мувофиқи шарт ва тартиби пешбининамудаи шартнома даромад пардозад.

Шартномаи пасандози бонки реалӣ мебошад, зеро аз лаҳзаи ворид шудани пасандоз ба бонк басташуда ва ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо бавуҷудомада ҳисоб карда мешавад. Шартномаи пасандози бонкӣ яктарафа ва музднок мебошад, чунки амонатгузор дорои ҳуқуқӣ талаб кардани баргардонидани маблағҳои пули, инчунин додани фоиз буда, дар назди рақиби худ ягон хел уҳдадорӣ надорад. Ғайр аз ин, агар ба сифати амонатгузор шаҳрванд бошад, шартномаи мазкур оммавӣ ҳисоб карда мешавад. Аз ин ҷо бонк ҳақ надорад, ки аз бастани шартномаи пасандози бонкӣ бо шаҳрванд даст кашад, инчунин барои амонатгузорони гуногун шароити ҳархела, аз ҷумла додани фоиз аз руи пасандоз, ё ягон хел бартарӣ ба як амонатгузор нисбат ба дигараш муқаррар намояд. Шартномаи пасандози бонкие, ки бо шахсони ҳуқуқӣ

баста мешавад дорои  хусусияти оммавӣ намебошанд ва бонк аз руи пасандозҳо ба шахсони алоҳида сиёсати иқтисодии гуногунро ҷорӣ карда метавонад[1].

Ба сифати предмети шартномаи пасандози бонки пул (пасандоз) эътироф мешавад. Маблағи пулие, ки ба сифати пасандоз баромад менамояд, дар шакли сомонӣ ва асъори хориҷӣ ифода меёбад. Амонатгузор онро метавонад бо пули нақд ё ғайринақдӣ диҳад. Вале дар ҳама ҳолат бонк ба маблағҳои пулии ба у   таалуқдошта ҳуқуқӣ соҳибмулкиро (ҳангоми додани пули нақд) аз даст дода, дорои  ҳуқуқӣ уҳдадорӣ, ё ин ки ба худ ҳуқуқӣ талабкуниро, ки аз шартномаи пасандози бонкӣ ба миён меояд, (ҳангоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ) нигоҳ медорад. Ҳамзамон ҳуқуқӣ амонатгузор ба маблағҳои пулие, ки ба бонк ба сифати пасандоз гузошта шудааст, ҳуқуқӣ ашъёи набуда, балки ҳуқуқӣ талабкунӣ оид ба баргардонидани пул ва фоиз барои он мебошад.

Мувофиқи моддаи 858 КГҶТ  пасандозҳо асосан вобаста аз муҳлати баргардонидани онҳо ба ду   намуд ҷудо мешаванд. Барои ҳамин ҳам шартномаи пасандози бонкӣ ба шарти тибқи талаби аввалини амонатгузор додани пасандоз (пасандози талаб карда гирифташаванда) ё тибқи шарти баргардонидани пасандоз бо гузашти муҳлати дар шартнома муқарраргардида (пасандози муҳлатнок) баста мешавад. Ҳамзамон дар шартнома мумкин аст гузоштани пасандоз бо дигар шартҳои баргардонидани онҳо, ки ба қонун зид намебошад пешбинӣ карда шавад. Ба онҳо пасандозҳои шартӣ дохил шуданаш мумкин аст. Аз руи он пулдиҳӣ ҳангоми саршавии ҳолатҳои муайяне, ки дар шартномаи онҳо пешбинӣ шудааст, оғоз меёбад. Чунончи, ба синни муайян расидан, ақди никоҳ бастан, ба нафақа расидан ва ғайраҳо. Инчунин намудҳои гуногуни пасандозҳои бурднок ва асъорӣ мавҷуд аст, ки дар баробари ин вобаста аз шахсияти амонатгузор онҳоро ба пасандозҳои шахсони воқеӣ ҳуқуқӣ ҷудо намудан мумкин аст. Фарқият дар байни онҳо аз озодии шартномавии зиёди бонкҳо ва шахсони ҳуқуқӣ иборат буда, дараҷаи ками кафолати баргардонидани пасандозҳои бонкӣ барои шахсони ҳуқуқӣ мебошад. Инчунин

[1] Маҳмудов М.А. Ҳуқуқӣ гражданӣ. Қисмӣ 2. - Душанбе: «ЭР - граф», 2007. - С -197.

шахсони ҳуқуқӣ ҳақ надоранд, ки маблағҳои пулии дар пасандоз мавҷудбударо ба шаҳсони диғар гузаронанд.

Мувофиқи моддаи 863 КГҶТ пасандозҳоро ба пасандозҳои ба манфиати амонатгузор ва пасандозҳои ба манфиати шахси сеюм ҷудо намудан мумкин аст. Ҳамин тавр, пасандоз мумкин аст ба манфиати шахси сеюм гузошта шавад. Ҳамчун қоидаи умумӣ чунин шахсе аз лаҳзаи ба бонк пешниҳод намудани талаботи аввалине, ки ба ҳамин ҳуқуқ асос меёбад ё ин ки ба тарзи дигар истифода намудани чунин ҳуқуқ дорои ҳуқуқӣ амонатгузор мегардад. Тартиби дигари шахсе ба даст даровардани ҳуқуқӣ амонатгузориро дар шартномаи пасандози бонкӣ пешбинӣ намудан мумкин аст.

Тарафҳои шартномаи пасандози бонкӣ - бонк ва амонатгузор мебошанд. Амонатгузор ҳамагуна шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ шуда метавонад. Бонк ҳуқуқӣ ҷалб намудани маблағҳои пулиро ба сифати амонат танҳо дар мавриди доштани иҷозатнома (литсензия) дошта метавонад (м.855 КГ).

Амонатгузор ҳақ дорад на танҳо худаш пасандоз гузорад, балки дар суратҳисоби худ маблағҳои пулии аз ҳисоби шахсони сеюм воридшударо қабул намояд. Зеро мувофиқи талаботи м.863 КГҶТ , агар дар шартномаи пасандози бонкӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ба пасандоз мабалғхое, ки ба бонк ба номи амонатгузор аз шахсони сеюм ба зикри маълумотҳои зарурӣ оид ба суратҳисоби ӯ вобаста ба пасандоз ворид гардидаанд, гузаронида шуданаш мумкин аст. Дар айни замон чунин эҳтимол меравад, ки амонатгузор барои аз шахси сеюм гирифтани маблағи пулӣ розигӣ изҳор кардас бо ӯ оид ба пасандози худ дар суратҳисоб маълумоти зарурӣ додааст. Дар баробари ин пасандоз мумкин аст дар бонк ба номи шахси сеюм гузаронида шавад. Чунончи, ҳангоми гузаронидани пасандоз аз тарафи падару модарон ба номи фарзандон ё аз номи эҳсонкор барои музей (нафъгиранда) рух доданаш мумкин аст. Дар чунин маврид зикри номи шаҳрванд номи шахси ҳуқуқие, ки ба манфиати он пасандоз гузаронида шудааст, шарти муҳими шартномаи дахлдори бонкӣ мебошад. Шахси сеюме, ки ба номаш пасандоз гузошта шудааст, аз лаҳзаи ба номаш ворид шудани маблағ дорои ҳуқуқи амонатгузор мегардад. Агар шахси сеюме, ки ба номаш пасандоз ворид гаштааст, аз пасандоз даст кашад, шахси ба номи шахси

сеюм шартномаи пасандози бонкй баста ҳуқуқ дорад пасандозҳоро пас талаб карда гирад, ё ки онро ба номи худ ё ба номи шахси дигар гузаронад.

Бояд қайд намуд, ки пасандозро ба манфиати шаҳрвандоне, ки то лаҳзаи бастани шартнома фавтидаанд, ё шахси ҳуқуқии то ҳамин лаҳза вуҷуднадошта гузаронидан мумкин намебошад. Аз ин ру  чунин шартнома беэътибор дониста мешавад. (м.864 КГҶТ ).

Шартномаи пасандози бонкӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Шакли хаттии шартномаи пасандози бонкй ба шарте риоягардида ба ҳисоб меравад, ки агар гузаронидани пасандоз ба дафтарчаи амонат, сертификати бонкӣ ё дигар ҳуҷҷати ба амонатгузордода тасдиқ гардида, инчунин ба талаботи барои чунин ҳуҷҷатҳои муайяннамудаи қонун, қоидаҳои мутобиқи он муқаррарнамудаи бонкӣ ва дар амалияи анъанаҳои муомилоти кории бонкй истифодашаванда ҷавобгу  бошад.

Мазмуни шартномаи пасандози бонкиро ҳуқуқи амонатгузор ва уҳдадории бонк оид ба амонатгузор баргардонидани пасандоз ва барои истифодаи он додани фоиз мебошад. Фоиз арзиши кредите мебошад, ки амонатгузор ба бонк додааст. Андозаи он одатан дар шартнома муқаррар карда мешавад. Вале бо сабаби музднок будани муносибатҳои шартномаи пасандози бонкӣ фоиз дар ҳама ҳолат бояд супорида шавад, ҳарчанд ки байни тарафҳои шартнома оид ба андозаи он маслиҳат ба миён наомада бошад. Дар чунин ҳолат бонк уҳдадор аст, ки онро ба андозае диҳад, ки мувофиқи қоидаҳои шартномаи қарз пешбинй шуда бошад. Ба монанди муносибатҳо оид ба додани кредит бонк ҳуқуқ надорад, ки яктарафа ставкаи фоизро аз ру и шартномаи пасандози бонкӣ тағйир диҳад, ба ғайр аз ҳолате, ки дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинй нашуда бошад. Чунин ҳолат дар б.2 м.859 КГҶТ нишон дода шудааст. Мувофиқи он агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинй нагардида бошад, бонк ҳуқуқ дорад андозаи фоизи пасандози талаб карда гирифташавандаро тағйир диҳад. Дар сурати аз ҷониби бонк кам кардани андозаи фоиз, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинй нагардида бошад, андозаи нави фоизҳо нисбат ба пасандозҳое истифода бурда мешавад, ки то лаҳзаи хабар додани амонатгузор оиди кам қардани фоиз бо гузашти як моҳ

аз лаҳзаи додани чунин иттилоот татбиқ карда мешавад. Барои ҳимояи беҳтари манфиати амонатгузорон фоизи оиди пасандозҳои муҳлатнок ва шарти гузаштаи онҳо, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинй нагардида бошад, аз ҷониби бонк яктарафа кам карда шуданаш мумкин намебошад.

### 119. Шартномаи суратҳисоби бонкӣ

Тибқи шартномаи суратҳисоби бонк як тараф (бонк) ё дигар ташкилоти кредитӣ уҳдадор мешавад, ки маблағи пулии ба суратҳисоби тарафи дигар (молики суратҳисоб) воридшударо қабул кунад ва гузаронад, супориши молики суратҳисобро оиди аз суратҳисоб гузаронидан ва пардохти маблагҳои дахлдор ва вобаста ба суратҳисоб иҷро намудани дигар амалиётро анҷом диҳад (м. 866 КГҶТ ). Ҳамзамон бонк метавонад маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷуд будаи молики суратҳисобро бо кафолати ихтиёрдорӣ кардани ин маблағҳо аз тарафи молик (муштарӣ) истифода барад. Аз мафҳуми овардашуда маълум мегардад, ки шартномаи суратҳисоби бонк консенсуалӣ мебошад. Вай на аз лаҳзаи гузаронидани маблағҳои пули ба суратҳисоб, балки аз лаҳзаи дар байни тарафҳо оиди ҳамаи шартҳои муҳими шартнома ба миён омадани созиш басташуда ҳисоб карда мешавад. Мувофиқи б. 2 м. 886 КГ ҳисоббаробаркунӣ байни шахсони ҳуқуқӣ, инчунин ҳисоббаробаркунии шаҳрвандони соҳибкор бояд бо таври ғайринақдӣ анҷом дода шавад. Аз ин ҷо кушодани суратҳисоби бонкӣ уҳдадории шахсони номбаршуда буда, онҳо наметавонанд, ки аз бастани чунин шартнома даст кашанд. Пас уҳдадорӣ оид ба нигоҳ доштани маблағ ҳои пули дар муассисаҳои кредитӣ ҳарчанд ки дар чорчубаи мафҳуми дар м. 866 КГ сабтёфтаи он нағунҷад, ҳам вале аз моҳияти қонун ба миён меояд. Ғайр аз он молике (муштарие), ки шартномаи суратҳисоби бонкиро бастааст, уҳдадор аст на танҳо талаботи қонунгузорӣ оиди бонк, балки қоидаҳои махсуси дохилии бурдани амалиётҳои бонкиро, ки дар муассисаи кредитии мазкур ҷой дорад, иҷро намояд. Ҳамин тавр, шартномаи ҳисоби бонкӣ, дутарафа мебошад. Ҳамзамон мувофиқи м.876 КГ музднокии шартномаи суратҳисоби бонк дар назар дошта мешавад, агар дар созиши тарафҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Бонк барои истифодаи

маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда ба молики он фоиз мепардозад. Фоизҳо аз ҷониби бонк тибқи андозае, ки дар шартнома, муайян гардидааст ва ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳои дахлдор ба андозае, ки маъмулан бонк ба пасандозҳои талаб карда гирифташаванда (м.859 КГ ) мепардозад, гирифта мешавад. Маблағи фоизҳо мувофиқи муҳлатҳои пешбинишудаи шартнома ва дар ҳолатҳои дар шартнома пешбинӣ нагардидани чунин муҳлатҳо бо гузашти ҳар семоҳа ба суратҳисоб гузаронида мешавад.

Аз руи характери худ шартномаи суратҳисоби бонкӣ ба шартномаи оммавӣ наздик мебошад. Зеро бонк уҳдадор аст ба ҳама гуна шахсе, ки ба умуроҷиат намудааст шартнома бандад. Албатта дар доираи шартҳои эълон намудаи кушодани суратҳисоб, қону н ва қоидаҳои бонкӣ. Вале ин ҳам қатъӣ намебошад. Зеро бонк метавонад дар ҳолати имконияти хизмат расониданро ба шахсе надоштан ё ин ки дар ҳолатҳои қонун ё дигар санадҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ намудан аз кушодани суратҳисоб даст кашад. Дар ҳолати беасос даст кашидани бонк аз бастани шартнома бо муштариён, онҳо ҳуқуқ доранд ба суд барои маҷбуран бастани шартнома бо бонк ва руёнидани товони зараре, ки дар натиҷаи он расонида шудааст, муроҷиат намоянд. Ҳамин тавр, на бонк ва на шахси ҳуқуқӣ (муштарӣ) ҳақ надоранд аз бастани шартнома даст кашанд. Ва маҳз дар ҳамин хусусияти шартномаи суратҳисоби бонк ифода меёбад. Дар ҳолати мазкур уҳдадории муштарӣ оиди бастани шартнома аз қоидаҳои ҳисоббаробаркунии шахсони ҳуқуқӣ бо тартиби ғайринақдй ва уҳдадории бонк бошад, аз хусусияти субъекти он, ки қонун пешбинӣ намудааст, ба миён меояд.

Тарафҳои шартнома бонк ё дигар ташкилоти тиҷоратие, ки иҷозатнома (литсензия) доранд ва муштарӣ (молики суратҳисоб) шуда метавонанд. Ба сифати муштарӣ ҳамагуна шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ баромад карда метавонад. Вале аз қобилияти ҳуқуқдории муштарӣ категорияи суратҳисобе, ки кушода мешавад вобастагӣ дорад. Зеро дар як қатор ҳолатҳо молики суратҳисоб дар маънои маҳдуд умуман наметавонад тарафи шартнома бошад. Ин дар он маврид мумкин аст, агар шахси ҳуқуқие, ки суратҳисоб дорад ба бонк оиди ба филиал ё намояндагии худ кушодани суратҳисоби бонкии ба ҳамин

монанд ё ҷорӣ муроҷиат намояд. Дар ин сурат филиал (намояндагӣ) дорои суратҳисоб, тарафи шартнома (муштарӣ) мегардад.

Предмети шартномаро маблағҳои пулии дар суратҳисоббудаи муштарӣ, ки ба воситаи онҳо амалиётҳои бонкии дар шартнома пешбинишуда амалӣ карда мешавад, ташкил медиҳад. Ҳамзамон муштарӣ ба ин маблағҳои пули ҳуқуқи соҳибмулкӣ надорад, зеро онро ҳангоми гузаронидан ба суратҳисоб аз даст медиҳад. Аз ин ҷо ҳуқуқи муштарӣ ба маблағҳои пулӣ характери уҳдадорӣ дошта, дар намуди бақия дар суратҳисоб ба ҳисоб гирифта мешавад.

Вобаста аз мазмуни қобилияти ҳуқуқдории муштарӣ ва доираи амалиётҳо бо маблағҳои пулии дар суратҳисоби он гузаронидашуда суратҳисобҳоро бо намудҳои зерин ҷудо менамоянд:

а) суратҳисоби ҳисоббаробаркунӣ;

б) суратҳисоби ҷорӣ;

в) суратҳисоби махсус (буҷетӣ, асъорӣ, қарзӣ, қорреспонденти) ва ғайраҳо.

Суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунӣ ба ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ, инчунин шаҳрвандони соҳибкор кушода мешавад. Ғайр аз, он суратҳисоби ҳисоббаробаркуниро филиал ва намояндагиҳо ҳангоми машғул шудан ба фаъолияти тиҷоратӣ бо дархости шахсони ҳуқуқӣ мекушоянд. Ҳангоми барпонамудани ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ муассисони онҳо суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунии муваққатӣ мекушоянд. Дар онҳо маблағҳои пули сармояи оинномавӣ нигоҳ дошта мешавад. Баъдан ба суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунии муқаррарӣ гузаронида мешаванд.

## 120. Хабардор кардани Бонки миллии Тоҷикистон дар хусуси мушкилоти ташкилоти қарзӣ

Роҳбарон ва саҳмиядорони (иштирокдорони) ташкилоти қарзӣ у ҳдадоранд ба Бонки миллии Тоҷикистон фавран хабар диҳанд, агар ба онҳо яке аз ин ҳолатҳо маълум бошад:

- аз ҷониби ташкилоти қарзӣ иҷро нагардидани у ҳдадории пулӣ дар назди ҳар гуна қарздеҳ;

- сатҳи нокифояи сармоя ё пардохтпазирӣ нисбати талаботе, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд;

- риоя накардани меъёрҳои мақбул, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва талаботи қонунии Бонки миллии Тоҷикистон;

- қабули ҳар гуна қарори мақомоти ваколатдори ташкилоти қарзӣ дар бораи барҳамдиҳии он;

- пардохтнопазирии ташкилоти қарзӣ ё мавҷудияти таҳдиди он;

- амалҳои бевиҷдонона, су иистифода аз мансаб, ришваху рӣ, қаллобӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунии роҳбарон, аъзои Шу рои нозирон ё саҳмиядорони ташкилоти қарзӣ, ки метавонанд боиси пайдо шудани мушкилоти молиявии ташкилоти қарзӣ гарданд.

**121. Расмиёти барҳамдиҳӣ**

Расмиёти барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ дар шакли барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва барҳамдиҳии маҷбурӣ гузаронида мешавад. Барҳамдиҳии ихтиёрӣ бо тариқи ғайрисудӣ ва барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ бо тариқи судӣ гузаронида мешаванд. Барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ дар асоси аризаи Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори суд амалӣ мегардад.

Баъди бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ, талаботи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба талаб кардани ҳисоботи молиявӣ ва дигар ҳисобот қатъ мегардад.

Бонки миллии Тоҷикистон мониторинги ташкилоти қарзии барҳамху рандаро то пурра тамом шудани ҳамаи расмиёт ва ворид намудани сабт ба феҳрист оид ба қатъи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба сифати шахси ҳуқуқӣ, дар доираи ваколатҳои пешбининамудаи қонун анҷом медиҳад.

**122. Тартиби барҳамдиҳии ихтиёрӣ**

Барҳамдиҳии ихтиёрии ташкилоти қарзӣ бо тариқи ғайрисудӣ тибқи асосҳои пешбинигардидаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон сурат мегирад.

Қарор дар бораи барҳамдиҳии ихтиёрии ташкилоти қарзӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори он дар ҳолати қобили пардохт будани ташкилоти қарзӣ қабул карда мешавад.

Ташкилоти қарзӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон оид ба бозхонди иҷозатнома бо дархост муроҷиат мекунад, ки ба он бояд нақшаи муфассали чорабиниҳо дар бораи мухлати омодагии ташкилоти қарзӣ оид ба қатъи фаъолияти худ, тартиб ва муҳлати қонеъ гардонидани талаботи қарздеҳон замима гарданд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар муддати на дертар аз як моҳ дархости ташкилоти қарзиро баррасӣ карда, қарори дахлдор қабул менамояд.

Ҳангоми аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон қонеъ гардонидани дархости ташкилоти қарзӣ дар бораи барҳамдиҳии ихтиёрӣ мақомоти ваколатдори ташкилоти қарзӣ комиссияи барҳамдиҳӣ таъсис медиҳад, ки он барои анҷом додани расмиёти барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва ҳисоббаробаркунӣ бо қарздеҳони ташкилоти қарзӣ масъул мебошад.

Комиссияи барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст дастрасии Бонки миллии Тоҷикистонро ба биноҳои ташкилоти қарзӣ, ҳисобот, ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба фаъолияти ташкилоти қарзӣ дахлдор таъмин намояд.

Қонеъ гардонидани дархости ташкилоти қарзӣ имкон дорад аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон рад гардад, агар муайян карда шавад, ки дороиҳои мавҷудаи ташкилоти қарзӣ барои пурра қонеъ гардонидани талаботи қарздеҳон кофӣ намебошанд ва ё барои бозхонди иҷозатнома дигар асосҳо мавҷуд бошанд.

Комиссияи барҳамдиҳӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоботи тавозунӣ ва дигар маълумоти заруриро пешниҳод менамояд. Шахсоне, ки барои қасдан пешниҳод кардани маълумоти нодуруст гунаҳгоранд, дар рафти ба миён гузоштани масъалаи барҳамдиҳии ихтиёрӣ бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Агар Бонки миллии Тоҷикистон муайян кунад, ки комиссияи барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ тартиби

барҳамдиҳии ихтиёриро муваффақона таъмин накарда, талаботи Бонки миллии Тоҷикистонро иҷро намекунад ё ҳуқуқу манфиатҳои қонунии қарздеҳон риоя намегарданд, Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад бо мақсади таъмини ҳифзу нигоҳдории дороиҳои ташкилоти қарзӣ мудир таъин карда, ба суд бо ариза дар бораи барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ муроҷиат намояд.

**123. Барҳамдиҳии маҷбурӣ**

Барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ тибқи қарори суд бе асосҳои муфлисшавӣ ё бо асосҳои муфлисшавӣ амалӣ мегардад.

Пешниҳоди ариза дар бораи барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ ба суд ҳуқуқи истисноии Бонки миллии Тоҷикистон мебошад.

Мақомоти дигари ваколатдор ва қарздеҳон метавонанд ҷиҳати барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон муроҷиат намоянд. Бонки миллии Тоҷикистон у ҳдадор аст дар муҳлати на дертар аз як моҳ муроҷиати мазкурро баррасӣ намуда, қарори дахлдор қабул намояд.

**124. Оғози барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ бе асосҳои муфлисшавӣ**

Аз ру зи қабули санади судӣ дар бораи барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ расмиёти барҳамдиҳии маҷбурӣ оғозшуда ҳисоб мешавад ва суд барҳамдиҳандаеро, ки шаҳодатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро дорад, таъин мекунад. Бонки миллии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ талаботи тахассусии барҳамдиҳанда ва тартиби гирифтани шаҳодатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро муқаррар менамояд.

Мудир ба воситаи тартиб додани санади қабулу супурди молумулк ва ҳуҷҷатҳо идоракунӣ ва назорати ташкилоти қарзиро ба ихтиёри барҳамдиҳанда месупорад.

Агар дар рафти барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ ғайри қобили пардохт будани он маълум шавад, он гоҳ суд тибқи пешниҳоди барҳамдиҳанда расмиёти барҳамдиҳии

маҷбурии ташкилоти қарзиро бо асосҳои муфлисшавӣ оғоз мекунад.

Барҳамдиҳанда на дертар аз ду рузи баъди таъин шудан дар бораи оғози расмиёти барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ дар воситаҳои ахбори омма хабарнома нашр мекунад.

**125. Барҳамдиҳии маҷбу рии ташкилоти қарзӣ бо асосҳои муфлисшавӣ**

Ташкилоти қарзӣ ҳангоми ғайри қобили пардохт буданаш муфлис эътироф мешавад, агар он ҳангоми фаро расидани муҳлати пардохт талаботи қонунии қарздеҳонро оид ба пардохти қарз ва иҷрои дигар у ҳдадориҳо қонеъ карда натавонад ё рад намояд, сармояаш камтар аз 25 % талаботи меъёрии муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон бошад ё ки у ҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ аз дороиҳои он зиёд бошад.

Ҳангоми оғоз намудани мурофиаи муфлисшавӣ нисбат ба ташкилоти қарзӣ инҳо ба эътибор гирифта намешаванд:

- дар оянда имконият доштани ташкилоти қарзӣ барои пардохти у ҳдадориҳои пулӣ;

- мавҷудияти маблағҳое, ки ба дороиҳои ташкилоти қарзӣ шомил набуда, дар ихтиёри саҳмиядорон ё сармоягузорони эҳтимолии ташкилоти қарзӣ қарор доранд, даромаднокии ташкилоти қарзӣ дар гузашта, обрую нуфузи он ва ғайра;

- далел ва ҳуҷҷатҳои иловагии ташкилоти қарзӣ, ки қаблан ё зимни қабули қарор оид ба бозхонди иҷозатнома дар Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи онҳо маълумот мавҷуд набуд.

Ҳангоми муфлисшавии ташкилоти қарзӣ амалҳое, ки ташкилоти қарзӣ анҷом додааст ё аз номи он анҷом дода шудаанд, беэътибор диниста мешаванд, ба истиснои амалҳое, ки мудири махсус ё шахси ваколатдори у анҷом медиҳанд.

# БАРНОМАИ КОРӢ
## аз фанни ҳуқуқи бонкӣ барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ва ихтисосҳои иқтисодӣ

| | | Миқдори соатхо | | |
|---|---|---|---|---|
| | Мавзӯъхо | ҳамагӣ | Машғулиятҳои назариявӣ лексия | машғулиятҳои амалӣ |
| | Мафҳум, предмет ва низоми ҳуқуқи бонкӣ | 4 | 2 | 2 |
| 2 | Низоми ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4 | 2 | 2 |
| | Бонки Миллии Чумҳурии Тоҷикистон ва ҳолати ҳуқуқии он | 4 | 2 | 2 |
| | Мафҳум ва ҳолати ҳуқуқии бонки тиҷоратӣ | 4 | 2 | 2 |
| | Иттилооти бонкӣ ва ҳуқуқи сирри бонкӣ | 4 | 2 | 2 |
| | Фаъолияти бонкҳо оид ба қабули амонатҳо. Амалиётҳои қарздиҳию ҳисоб-бробаркунии бонкӣ | 4 | 2 | 2 |
| | Амалиётҳои асъории бонкҳои тиҷоратӣ | 4 | 2 | 2 |
| | Амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнок ва дигар намудҳои амалиётҳои бонкӣ | 1 | 1 | |
| | Шартномаи амонати бонкӣ | 4 | 2 | 2 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни фаъолияти бонкӣ | 2 | 2 | |
| | ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ҲУҚУҚИ БОНКИИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ | 1 | 1 | |
| | Ҳамагӣ | 36 | 20 | 16 |

**Мавзӯи 1. Мафҳум, предмет ва низоми ҳуқуқи бонкӣ**

Ҳуқуқи бонки дар замони муосир. Мафҳуми ҳуқуқи бонкӣ. Мафҳуми фаъолияти бонкӣ. Муносибатҳои дар ҷараёни фаъолияти бонкӣ ба вуҷудомада.

Мавқеи ҳуқуқи бонкӣ дар низоми ҳуқуқ. Таносуби ҳуқуқи бонкӣ бо ҳуқуқи граждани, соҳибкорӣ, тиҷоратӣ, молия ва ҳуқуқи байналхалқӣ. Методи ҳуқуқи бонкӣ. Низоми бонкӣ.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи бонкӣ. Қонунҳо ва санадҳои зери қонунӣ. Санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ ва одатҳо. Қоидаҳои бонкӣ ва одатҳо. Санадҳои локалии бонкҳои тиҷоратӣ.

**Мавзӯи 2. Низоми ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мафҳуми низоми бонкӣ. Наму дҳои низоми бонкӣ. Сохтори қисмҳои алоҳидаи низоми бонкӣ. Ҳолати ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи бонкҳо.

Ташкилотҳои кредитии ғайрибонкӣ дар низоми бонкӣ

Бонкҳои хориҷӣ, намояндагӣ ва шӯъбаю филиалҳои онҳо.

Ҳолати ҳуқуқии иттиҳод ва ширкатҳои бонкӣ, гуруҳҳои бонкӣ ва холдингҳо.

Шаклҳои ҳуқуқии баҳамтаъсиррасонии унсурҳои низоми бонкӣ, суратҳисобҳои корреспондентӣ. Захираҳои бонкии Чумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзӯи 3. Бонки миллии Чумҳурии Тоҷикистон ва ҳолати ҳуқуқии он**

Ҳолати ҳуқуқии Бонки миллии Чумҳурии Тоҷикистон. Тобеияти Бонки миллии Тоҷикистон. Вазифа ва функсияҳои Бонки миллӣ ваколатҳои Бонки миллӣ дар ҷодаи ҳуқуқ эҷодкунӣ.

Асосҳои молиявии фаъолияти Бонки миллӣ. Сармояи оинномавӣ, фоида ва фондҳо. Масунияти (иммунитетм) андозии Бонки миллӣ.

Сохтор ва мақомотҳои идоракунии Бонки миллӣ. Раёсати Бонки миллӣ ва ваколатҳои он.Раиси Бонки миллӣ ва салоҳияти он. Хизматчиёни Бонки миллӣ.

Ҳамкории Бонки миллӣ Чумҳурии Тоҷикистон бо мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ. Муносибатҳои Бонки миллӣ бо дигар бонкҳо ва ташкилотҳои кредитӣ.

Сиёсати асъорӣ ва пулию қарзии Бонки миллӣ. Пешниҳоди кредитҳо ба бонкҳо ва танзими кредитҳо.

Функсияҳои назоратии Бонки миллӣ. Назорат танзимкунонии бонкӣ. Бонки миллӣ-мақомоти назоратӣ ва танзимкунандаи бонкҳ. Меъёрҳои муқаррркардаи иқтисодии Бонки миллӣ. Санҷиши фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои кредитӣ. Чораҳои бартарафкунандаи қоидавайрпонкунии қонунгузории бонкии аз таоафи Бонки миллӣ қабулшаванда.

**Мавзӯи 4. Мафҳум ва ҳолати ҳуқуқии бонки тиҷоратӣ**

Мафҳум ва аломатҳои бонки тиҷоратӣ. Намудҳои бонкҳои тиҷоратӣ. Ширкат ва намояндагиҳои бонкҳо, бонкҳои фаръӣ.

Тартиби ташкил ва фаъолияти бонкҳо. Оинномаи бонк. Ташкили фонди оинномавии бонкҳо ва иштирокчиёни онҳо. Ҳуҷҷатҳои барои ташкилибонк зарурӣ. Бақайдгирии бонкҳо.

Қатъшавии фаъолияти бонки тиҷоратӣ. Асосҳо, тартиб ва хусусиятҳои муфлисшавии бонк ва оқибатҳои он.

**Мавзӯи 5. Иттилооти бонкӣ ва ҳуқуқи сирри бонкӣ**

Иттилооти кушоди бонкӣ, мазмун ва ҳаҷми он. Муқаррар кардани ахбори кушоди бонкӣ. Тартиби ошкор кардан ва пешниҳод кардани ахбори кушоди бонкӣ.

Мафҳуми сирри бонкӣ. Сирри бонкӣ ва сирри тиҷоратӣ. Реҷаи махсуси онҳо. Ҳаҷм ва мазмун.

Асос ва тартиби пешниҳод кардани маълумотҳое, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд. Шахсоне, ки ҳуқуқи шиносоӣ бо сирри бонкиро доранд. Кафолати қонунии сирри бонкӣ.

Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани сирри бонкӣ. Татбиқи ҷавобгарии ҷиноӣ барои вайрон кардани реҷаи сирри бонкӣ.

**Мавзӯи 6. Фаъолияти бонкҳо оиди қабули амонатҳо. Амалиётҳои қарздиҳию ҳисоббробаркунии бонкӣ**

Амалиёт оиди қабули амонат. Мафҳуми амонат (депозит). Намудҳои суратҳисоб. Тартиби кушодани суратҳисоби депозитӣ. Амалиёт аз ру и ҳисоби депозитӣ.

Амалиётҳои ҳисоббаробаркунии бонкҳо. Мафҳуми муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ. Шаклҳои ҳисоббаробаркунии ғайнақдӣ. Ҳисоббаробаркунӣ бо тариқи супориши пардохтӣ. Ҳисоббаробаркунии инкассо. Ҳисоббаробаркуни тавассути чекҳо.

Ҳисобукитоби байнибонкӣ дар қаламрави Чумҳурии Тоҷикистон. Ҳисоббаробаркуни дар байни Иттиҳоди давлатҳои мустақил.

Амалиёти қарздиҳии бонкҳо. Мафҳуми муносибатҳои қарздиҳӣ. Намудҳои қарздиҳӣ. Табиати юридикии қарздиҳии бонкӣ ва тавофути он аз дигар намудҳои қарздиҳӣ.

**Мавзӯи 7. Амалиётҳои асъории бонкҳои тиҷоратӣ**

Мафҳуми асъор ва қонунгузорӣ оиди асъор. Таркиби қонунгузорӣ оид ба асъор ва ташкилотҳои татбиқи он. Ҳайати субъектҳои амалиётҳои асъории бонкҳо.

Хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии бонкҳои тиҷоратӣ дар амалиётҳои асъорӣ. Мафҳуми агенти назорати асъорӣ. Мафҳуми реҷа ва намудҳои амалиётҳои съорӣ. Амалиётҳои асъории ҷорӣ. Ҳисоббаробаркуни бо асъори ҳозира дар ҳудуди Чумҳурии Тоҷикистон. Аҳдҳои конверсионии бонкҳо. Мафҳуми мавқеи асъорӣ: мавқеи кушод ва пу шидаи мавқеи асъорӣ. Муомилоти ғайриқонунии фузулот ва сангҳои қимматбаҳо.

**Мавзӯи 8. Амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнок ва дигар намудҳои амалиётҳои бонкӣ**

Мафҳуми қоғази қимматнок. Амалиёт бо қоғазҳои қимматноки ху дӣ. Эмиссияи саҳмияҳо ва вомбаргҳо аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ. Эмиссияи дигари қоғазҳои қимматнок аз ҷониби тиҷоратӣ. Амалиётҳо бо қоғазҳои

қимматноки дигар эмитентҳо. Амалиётҳои бонкҳои тиҷоратӣ бо саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳҳомитӣ, вомбаргҳо, қоғзҳои қимматноки давлатӣ, чекҳои хусусигардонӣ.

Мавқеи бонҳои тиҷоратӣ дар бозори қоғазҳои қимматнок.

Мафҳум ва табиати ҳуқуқии амалиётҳои эътимодноки бонкҳои тиҷоратӣ.

Дигар наму дҳои амалиётҳои бонкӣ. Лизиги бонкӣ. Факторинг. Форфейтинг. Баҳисобгирии векселҳо.

**Мавзӯи 9. Шартномаи амонати бонкӣ**

Шартномаи амонати бонкӣ. Мафҳум, мазмун ва тарафҳои шартномаи амонати бонкӣ. Табиати ҳуқуқии шартномаи амонати бонкӣ. Тафовути шартномаи амонати бонкӣ аз дигар у ҳдадориҳои ҳамҷаворӣ ҳуқуқӣ-гражданӣ (қарз, супориш, маҳфуздорӣ, нигоҳдорӣ).

Ҷавобгарии тарафҳо барои вайрон кардани у ҳдадориҳо аз ру и шартномаи амонати бонкӣ.

Шартномаи ҳисоби бонкӣ. Мафҳум ва тарафҳои шартномаи ҳисоби бонкӣ. Намудҳои ҳисоби бонкӣ ва тартиби кушодани онҳо.

Табиати ҳуқуқии шартномаи ҳисоби бонкӣ. Тафовути шартномаи ҳисоби бонкӣаз шартномаи амонати бонкӣ ва дигаро шартномаи ҳамҷавори ҳуқуқӣ- гражданӣ (қарз, маҳфуздорӣ).

Шартҳои шартномаи ҳисоби бонкӣ. Ҳуқуқ ва у ҳдадориҳои тарафҳо. Шакли шартномаи ҳисоби бонкӣ.

Ҷавобгарии тарафҳо барои вайрон кардани у ҳдадориҳо аз ру и шартномаи ҳисоби бонкӣ.

Шартномаи қарздиҳӣ (шартномаи қарзи бонкӣ).

Мафҳум ва тарафҳои шартномаи қарзи бонкӣ. Табиати ҳуқуқии шартномаи қарздҳӣ. Тафовути шартномаи қарздҳӣ аз шартномаи қарзӣ муқаррарӣ.

Ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни шартномаи қарздҳӣ. Шартҳои шартнома. Шакли шартномаи қарзӣ. Ҷавобгарии тарафҳо барои вайрон кардани у ҳдадориҳо аз руи шартномаи қарздҳӣ.

Шартномаи гарав дар фаъолияти бонкӣ.

Мафҳум ва намудҳои гарав. Доираи истифодабарии шартномаи гарав дар фаъолияти бонкӣ.

Табиати ҳуқуқии шартномаи гарав. Тарафҳои шартномаи гарав, ҳуқуқ ва у ҳдадориҳои онҳо.

Шакли шартномаи гарав.

Ҷавобгарии тарафҳо барои вайрон кардани у ҳдадорӣ аз ру и шартномаи гарав.

**Мавзӯи 10. Ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни фаъолияти бонкӣ**

Муқаррароти умумӣ оид ба шаклҳои ҳифзи ҳуқуқии иштирокчиёни фаъолияти бонки. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи субъектони муносибатҳои бонкӣ. Намуди тарзҳои ҳифз. Тарзи маъмурӣ ва судии ҳифзи ҳуқуқи субъектони фаъолияти бонкӣ.

Баррасии баҳсҳо бо иштироки бонкҳо тавассути судҳои иқтисодӣ. Баррасии баҳсҳо бо иштироки бонкҳо тавассути судҳои иқтисодии Иттиҳоди давлатҳои мустақил.

Арбитражи тиҷоратии байналхалқӣ.

Иҷроиши санадҳои ҳуқуқии судҳои иқтисодӣ ва дигар мақомотҳо.

**Мавзӯи 11. Хусусиятҳои асосии ҳуқуқи бонкии мамлакатҳои хориҷӣ**

Ҳуқуқи бонкии мамалакатҳои хориҷӣ чун соҳаи ҳуқуқи комплексӣ.Асосҳои хусусияти ҳуқуқи умум ва ҳуқуқи хусусидоштаи ҳамкории байналхлқии бонкҳо.Ҳолати ҳуқуқии бонкҳои миллӣ ва тиҷоратӣ дар мамолики мухталиф. Мафҳуми бонкҳои умум. Сохтор ва намудҳои низоми бонкӣ. Танзими ҳуқуқи ва ҳифзи иттилоотии бонкӣ. Қоидаҳои асосӣ оид ба ҷавобгарии бонкҳо.

# МАСЪАЛАҲО ВОБАСТА БА МАВЗӮЪҲО

## Мавзӯи 1. Мафҳум, предмет ва манбаъҳои ҳуқуқи бонкӣ

**Масъалаи 1**.

ҶСП «Кафолатбонк» дар зерсохторҳои таркибиаш воқеъ дар ҳудуди шаҳрҳои Душанбе, Ку лоб, Хуҷанд ва Хоруғ фурӯши лотереяҳоро ба шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ба роҳ монд. Дар натиҷаи тафтиши сохтори дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон гузаронидашуда, дастур дода шуд, ки фаъолияти мазкур қатъ гардад. Дастур пешбинӣ менамуд, ки фаъолияти мазкур ҳамчун фаъолияти бонкӣ иҷозат дода нашудааст ва амалӣ намудани он аз ҷониби бонк манъ гардида ба фаъолияти савдо дахл дорад.

**Ба ҳаракатҳои сохтори идории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 2.**

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои хизматрасонии шахсони ба синни нафақа расида ва иштирокчиёни ҶБВ аз ҷониби ташкилотҳои кредитӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид.

Барои вайрон намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллии Тоҷикистон нисбати ташкилотҳои қарздиҳии хурде, ки муқаррароти онро риоя нанамуданд чораҳои таъсиррасонӣ андешида онҳоро муҷозот намуд. Ташкилотҳои қарздиҳии хурд дар навбати худ ба суди иқтисодӣ муроҷиат намуданд.

**Суд ба чӣ қарор омада метавонад, тахминан муайян намоед.**

**Масъалаи 3.**

Аз санаи 01.01.2013 сол ҶСК «Бонки Эсхата» ба шахсони воқеӣ хизматрасонии кушодани «Пасандози суғуртавии бонкиро» пешниҳод менамуд. Мувофиқи хизматрасонии мазкур дар ҳолате, ки ставкаи фоизи вобаста ба ҳамин пасандоз– ЛИБОР (LIBOR) дар вақти пардохти фоизҳо аз 3%

солона бо доллари ШМА кам гардад, он гоҳ бонк у ҳдадор мешавад, ки фарқияти онро ҷуброн намояд. Ширкати давлатиии «Тоҷиксуғурта» бинобар ба фаъолияти суғуртавӣ дахл доштани амалиёти мазкур норозигнамуда, санаде кабул кард, ки мувофиқи он ба бонкҳои тиҷоратӣ анҷом додани ба ҳамин монанд амалиёт мамнуъ эълон гардид.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 4.**

Ба ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» шаҳрванди ШМА оид ба бастани шартномаи пасандози бонкӣ бо шарту шароити аз ҷониби бонки мазку р пешниҳодшаванда муроҷиат наму д. Бонк кушодани суратҳисобро бинобар сабаби он, ки ҳуқуқи пасандоз намуданро танҳо шахсони воқеӣ-…….

**Ба ҳаракатҳои бонки мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 5.**

Ҳангоми бастани шартномаи харидуфуру ши асъори хориҷӣ байни резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бонки ваколатдор ба сифати вакил дар асоси шартномаи супориш баромад намуд, ки бо фуру шандаи асъори хориҷӣ – резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шуда буд. Дар ҷараёни тафтиши фаъолияти фуру шандаи асъори хориҷӣ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи мазкурро ҳамчун аҳде унвон кард, ки ба қонунгузории асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат менамояд. Агентии мазкур дар ин бора санади дахлдор қабул намуд. Фуру шандаи асъори хориҷӣ – резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби судӣ аз ру и қарори қабулнамудаи мақомоти мазкур шикоят намуд.

**Суд бояд ба чӣ қарор ояд?**

**Масъалаи 6.**

ҶСК «ИМПЕКС – БОНК» фаъолияташро дар самти додани қарзҳо ба корхонаҳои кишоварзӣ амалӣ менамуд. Дар доираи ҳамин фаъолият роҳбарияти бонки мазкур ба қароре омад, ки самти нави фаъолият-истеҳсоли маҳсулоти кишовар-

зиро ҷиҳати қонеъ намудани талаботҳои кормандон ва ошхонаи ҳамин бонк ба роҳ монад. Дар баробари ин қайд гардид, ки бонки мазкур фаъолияти тиҷоратиро ба роҳ намонда танҳо маҳсулоти истеҳсолшавандаро ба кормандонаш бемузд пешкаш менамояд.

**Тақозо мешавад, ки ба ҳаракатҳои бонки мазкур баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.**

**Масъалаи 7.**

ҶММ «МММ-КАПИТАЛ» дар давоми 5 соли охир мунтазам ба шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ тариқи фоиз ва бефоиз аз ҳисоби муассион иштирокчиён қарз пешниҳод менамуд. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон амр намуд, ки фаъолияти мазкур қатъ карда шавад зеро, ки бастани шартномаи қарз бо шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ амалиёти бонкӣ эътироф мегардад.

Пурсон мешавад, ки ба ҳаракатҳои ҶММ «МММ-КАПИТАЛ» ва **Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.**

**Масъалаи 8.**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ бо мақсади беҳтар намудани сифати хизматрасонии бонкии аҳолии ҳамин вилоят ба ҳамаи филиал ва намояндагиҳои бонкҳо ва ташкилотҳои қарзие, ки дар ҳудуди он ҷойгиранд, дастури хаттӣ дод, ки дар муддати 1 сол банкоматҳо насб намоянд. Як қатор филиал ва намояндагиҳои бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ аз иҷрои ин дастур саркашӣ намуда ба мақомоти судӣ муроҷиат намуданд.

**Лутфан гуед, ки суд бояд ин масъаларо чӣ гуна ҳал намояд?**

**Масъалаи 9.**

Ширкати суғуртавии «Муин» бо мақсади таъмини иҷрои шартномаи маҳсулотсупорӣ ба ҶММ «Душанбеагросервис» ба фоидаи ҶСП «Гандум-99» кафолати бонкӣ пешниҳод намуд. ҶММ «Душанбеагросервис» уҳдадориҳояшро дар назди ҶСП «Гандум-99» иҷро накард. Ҳангоми муроҷиати ҶСП «Гандум-

99» ба ширкати суғуртавии «Муин» оиди анҷоми пардохтҳо ширкати мазкур ҷавоби рад дод. Ширкати суғуртавӣ изҳор намуд, ки аҳди басташуда беэътибор аст, зеро, ки додани кафолати бонкӣ ба гуруҳи амалиётҳои бонкӣ дохил мешавад ва ширкатҳои суғуртав ҳуқуқи додани онро надоранд.

**Ба ҳаракатҳои ширкати суғуртавӣ баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

## Мавзӯи 2. Низоми ҳуқуқӣ бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Масъалаи 1.**

Бонки хориҷӣ «Тиҷорат»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон 1 филиал дар шаҳри Душанбе ва 2 намояндагии худро дар шаҳрҳои Ху ҷанд бо дастрасӣ аз моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009 кушод.

Тақозо мешавад, ки ба ҳаракатҳои бонки хориҷии мазкур дар ҳудуди Тоҷикистон баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.

**Оё дар ҳаракатҳои ҳамин бонк вайронкунии қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, ё не?**

**Масъалаи 2.**

Ташкилоти қарздиҳии хурди «ФЕНИКС» дар биржа шартномаи маҳсулотсупории фючерсии маводи сузишвориро ба муҳлати иҷрои 20 декабри соли 2013 харидорӣ намуд. Дар натиҷаи тафтиши гузаронидаи Бонки миллии Тоҷикистон як қатор ҳуқуқвайронкуниҳо, аз ҷумла, дар шакл ва шарту-шароитҳои супоридани маҳсулот ошкор гардид.

Бонки миллии Тоҷикистон оид ба бартараф намудани ин ҳуқуқвайронкуниҳо вобаста ба қонунгузории бонкӣ дастур дод.

**Фаъолияти тафтишотии Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилоти қарздиҳиро баҳогузорӣ намоед.**

**Масъалаи 3.**

Ташкилоти ғайритиҷоратии «Ассотсиатсияи маъюбони Тоҷикистон» аз якчанд шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ вомбаргҳои

бурднокро ба даст овард. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни тафтиши фаъолияти ташкилоти мазкур санади дахлдор қабул намуда талаб намуд, ки бо тартиби судӣ аҳдҳои мазкур беэътибор дониста шаванд. Мавқеи мақомоти прокуратура ба он асос меёфт, ки ассотсиатсия ва иттифоқҳо ҳуқуқи анҷом додани амалиётҳои бонкиро вобаста ба ҷалби маблағҳои пулӣ аз шахсони сеюм надоранд.

**Ба ҳаракатҳои мақомоти прокуратура баҳои ҳуқуқи дода шавад.**

**Масъалаи 4.**

Ташкилоти қарздиҳии хурди «Самандар-80» дар савдои озод ба шахсони сеюм мизукурсиҳояшро бинобар сабаби ба бинои нав гузаштанаш фуру хт.

Бонки миллии Тоҷикистон ташкилоти зикргардидаро бинобар сабаби машғул шудан ба фаъолияти савдо айбдор намуда, тибқи моддаи 535 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати он муҷозот дар шакли бастани ҷарима таъин намуд.

**Ба ҳаракатҳои ташкилоти кредитӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 5.**

Шахси воқеӣ Б се ширкати хусусӣ «ТК-Банк», «Ҷайра-Банк» ва «ВВ-Банк» таъсис дода дар мақомоти дахлдор онҳоро ба қайд гирифтанӣ шуд. Мақомоти бақайдгиранда ба шахси мазкур ҷавоби рад дод. Раддияи мазкур ба он асос меёфт, ки ширкатҳои номбурда ғайрикредитӣ буда наметавонанд дар номи худ истилоҳи «банк»-ро дошта ба анҷом додани амалиёти бонкӣ ишора намоянд.

**Ба ҳаракатҳои шахси муассис ва мақомоти бақайдгиранда баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 6.**

Дар натиҷаи ба таври зарурӣ нашр нашудани ҳисоботи муҳосиботии мунтахаби гурӯҳи бонкӣ барои соли 2013 нисбати

ҳамаи гурӯҳи мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон чораҳои маҷбурӣ андешида шуд.

**Ба ҳаракатҳои Бонки миллии Тоҷикистон баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 7.**

Бонки миллии Тоҷикистон ба суд оид ба тариқи маҷбурӣ барҳам додани ҶММ «Симурғ», ки вазифаи агенти пардохти бонкиро иҷро менамуд бинобар сабаби ба қайд нагирифтан дар китоби давлатии ташкилотҳои қарздиҳӣ муроҷиат намуд. Суд талаби Бонки миллии Тоҷикистонро қонеъ намуд.

**Ба ҳаракатҳои суд ва мақомоти назорати бонкӣ баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 8.**

Ҳангоми бастани аҳди иқтисодии берунӣ бо ташкилоти қарзии «ИМОН», ки соли 2012 ба қайд гирифта шудааст, ташкилоти хориҷӣ талаб намуд, ки шаҳодатномаи бақайдгирии давлатиашро, ки Бонки миллии Тоҷикистон додаст пешниҳод намояд. Ташкилоти қарзии «ИМОН» изҳор намуд, ки шаҳодатномаи мазкурро нагирифтааст ва бинобар ин пешниҳод намуда наметавонад. Ташкилоти хориҷӣ дар навбати худ бастани аҳдро бинобар сабаби пешниҳод накардани шаҳодатнома рад намуд.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 9.**

Дар ҷараёни тафтиши фаъолияти ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» аз ҷониби кормандони шуъбаи дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон як қатор вайронкуниҳои қонунгузории бонкӣ оид ба нигоҳдории захираҳои ҳатмии пулӣ ошкор гардид. Бонки миллии Тоҷикистон ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таври маҷбурӣ барҳам додани ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» бинобар сабаби хатар доштани

фаъолияти он ба муътадилияти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон арз намуд.

**Ба талаботи Бонки миллии Тоҷикистон баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

## Мавзӯи 3. Бонки миллии Тоҷикистон - мақоми танзимкунанда ва ҳолати ҳуқуқӣ он

**Масъалаи 1.**

Биржаи коғазҳои қимматноки «ТоҷФОНД» ворид намудани Бонки миллии Тоҷикистонро ба руйхати иштирокчиёни савдо дар биржаи фондӣ бинобар надоштани иҷозатномаи иштирокчии касбии бозори қогазҳои қимматнок барои анҷом додани фаъолияти брокерӣ ва дилерӣ рад намуд.

**Ба ҳолати бамиёномада баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 2.**

Бонки миллии Тоҷикистон дар биржаи коғазҳои қимматнок 10 % саҳмияҳои ҶСК «Ориёнбонк»-ро ба даст оварда ба ҶСК «ИМПЕКС-МЕНЕҶМЕНТ» фуру хт.

**Ба ҳаракатҳои Бонки миллии Тоҷикистон баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.**

**Масъалаи 3.**

Дар асоси санади қабулнамудааш Бонки миллии Тоҷикистон нияти баровардани вомбарг (облигатсия)-ро тариқи обунаи кушода байни шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон намуд.

**Ба ҳаракатҳои Бонки миллии Тоҷикистон баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.**

**Масъалаи 4**.

Хизматчии Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ба даст овардани манзили истиқоматӣ ба андозаҳои бозории муқаррарӣ қарзи ипотекавӣ гирифт.

**Ба ҳаракатҳои хизматчии бонки мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 5**.

Бонки миллии Тоҷикистон дар биржаи коғазҳои қимматнок бо ташаббуси худ вомбаргҳои (облигатсияҳои) давлатиро аз ташкилоти қарздиҳии хурди «Тиҷорат» ба даст овард.

**Оё Бонки миллии Тоҷикистон ҳақ дошт, ки ин гуна аҳд бандад?**

**Масъалаи 6**.

Муассисаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб бо гузашти 3 сол аз лаҳзаи гузаронидани тафтишоти комплексии як қатор ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ тафтишоти такрориро нисбат ба қисме аз масъалаҳое, ки дар санади қаблӣ пешбинишуда қайд гардида, таъин намуд. Дар байни ташкилотҳои қарздиҳии хурди минтақавӣ ташкилоти «АНСОЛ» аз иҷрои талаботи муассисаи мазкур саркашӣ намуда, пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро вобаста ба масъалаҳое, ки дар санади қаблӣ мавриди тафтиш қарор гирифта буданд, рад намуд.

**Ба ҳаракатҳои ташкилоти қарздиҳии хурди мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 7.**

Дар шаҳри Ху чанд ҶММ «КАПИТАЛ» билетҳоеро ба муомилот баровард, ки арзиши номиналиашон 100 сомонӣ буда барои иваз кардани онҳо ба пули сомонӣ ҳангоми пешниҳод уҳдадорӣ муқаррар намуд. Ҳамзамон, уҳдадорӣ гирифта шуд, ки ин билетҳо ҳамчун воситаи пардохти дорандагони онҳо дар назди корхонаҳои фаръӣ ва вобастаи ҶММ «КАПИТАЛ» қабул карда шаванд.

**Ба ҳаракатҳои ҶММ «КАПИТАЛ» баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 8.**

Вобаста ба ҷамъбасти молиявии соли 2012 маблағи умумии даромадҳои Бонки миллии Тоҷикистон 100 млрд. сомонӣ ва хароҷоти он 30 млрд. сомониро ташкил дод.

**Маблағи пулии ба буҷети давлатӣ воридшавандаро (ба ҳолати 20-уми майи соли 2013) ҳисобукитоб намоед.**

**Масъалаи 9**.

Давоми соли 2012 аъзои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба Ҳизби аграрии Тоҷикистон шомил гардида, ру зҳои истироҳат аз чорабиниҳои динӣ, фарҳангӣ ва маросиму маъракаҳо дидан менамуд. Ҳамсари у бошад аз ташкилоти қарздиҳӣ қарзи ипотекавӣ гирифта ба якчанд конфронс, мизҳои мудаввар, ки дар онҳо ташкилотҳои қарздиҳӣ фуршетҳо ташкил намуда буданд, ташриф оварда ҳатто аз намояндаи бизнеси бонкии Ҷумҳурии Халқии Хитой ту ҳфаҳо гирифт.

**Ба ҳаракатҳои аъзои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 10**.

Дар Тоҷикистон соли 2013 сатҳи таваррум ба 10 % солона расид. Ҳангоми сатҳи баланди таваррум Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқи андешидани чораҳои дахлдорро дар низоми сиёсати пулӣ-қарзӣ пайдо менамояд.

Пурсида мешавад, ки дар ҳолати бамиёномада Бонки миллии Тоҷикистон бояд аз кадом усулҳо истифода намояд.

**Усулҳоро номбар намоед ва оид ба тавсифи ҳуқуқӣ ҳар яки онҳо мухтасар маълумот диҳед.**

**Масъалаи 11.**

**Ба саволҳои зерин посух диҳед:**

1. Оё Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун саҳмдори мажоритарии Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» метавонад тафтиши фаъолияти онро ба амал барорад?

2. Оё Бонки миллии Тоҷикистон метавонад бо истифода аз саҳмияҳои худ дар Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» аҳдҳо бубандад?

3. Оё Бонки миллии Тоҷикистон Хазинаи суғуртавии пасандозҳои шахсони воқеӣ иҷозатномаи барои фаъолият медиҳад?

4. Оё Бонки миллии Тоҷикистон ҳақ дорад, ки ба Хазинаи суғуртавии пасандозҳои шахсони воқеӣ бинобар нигаҳ доштани маблағҳояшон дар суратҳисоби бонки мазкур фоиз пардохт намояд?

**Мушаххас оид ба ҳар як ҳолати номбаршуда баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

## Мавзӯи 4. Мафҳум ва ҳолати ҳуқуқӣ бонки тиҷоратӣ

**Масъалаи 1.**

Раёсати минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ оид ба мувофиқа намудани номзадии ҷонишини раиси раёсати ташкилоти қарздиҳии «ВАЛЮТА-Банк» санаи 10.10.2012 огоҳинома дод. Дар асоси ин огоҳинома маълум гардид, ки санаи 12.05.2013 Бердибоев Ш. Р. ҷонишини раиси раёсати ташкилоти қарздиҳии «ВАЛЮТА-Банк» таъин гардидааст. Дар навбати худ Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон қабули кортро бо намунаи имзои шахси мазкур бо сабаби ба таври ғайриқонунӣ таъин гардидани у рад намуд.

**Ба ҳаракатҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 2.**

ҶММ «Вароруд», ки як иштирокчии ҶММ «Ориён»-ро дошт бо мақсади ба даст овардани 100 % ба даст овардани ҳиссаи иштирок ва таъси, бақайдгирии давлатии ташкилоти қарздиҳии «Жасмин» ба намояндагии минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хучанд арз намуд. Намоянда-

гии мазкур ба ҶММ «Вароруд» бинобар вайрон намудани қонунгузории корпоративӣ ба арзи мазкур ҷавоби рад дод.

**Ба ҳаракатҳои намояндагии минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Ху ҷанд баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 3**.

Шахси воқеӣ Г, ки маълумоти олии техникӣ дошта ба ҳайси сардори шуъбаи барасмиятдарории амалиётҳои бонкии ташкилоти қарздиҳии «НОВ» тайи 2 соли охир кор мекард, ҳуҷҷатҳояшро барои мувофиқа ва бастани шартномаи меҳнатӣ ҷиҳати ишғоли вазифаи ҷонишини раиси раёсати ташкилоти қарздиҳии мазкур равон намуд.

**Оё зарурат ҳаст, ки номзадии шахси воқеии мазкур бо Бонки миллии тоҷикистон мувофиқа карда шавад.**

**Масъалаи 4**.

ҶММ «НИЛ» санаи 12.12.2012 сол дар ҳаҷми 200 млн. сомонӣ ба суратҳисоби худ, ки дар ташкилоти қарздиҳӣ кушода буд заём интиқол намуд. Дар ин суратҳисоб то интиқоли заёми мазкур 210 млн. сомонӣ маблағҳои пулӣ мавҷуд буд. Ру зи дигар ҶММ «НИЛ» бо мақсади пардохти пурраи сармояи оинномавии ташкилоти қарздиҳие, ки дар он суратҳисоб дошт дар ҳаҷми 200 млн. сомонӣ яъне 100 %-и сармояи оинномавӣ маблағ интиқол намуд.

**Оё дар ҳолати зерин пардохти сармояи оинномавӣ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд?**

**Масъалаи 5.**

ҶММ «Т-Транс» ҳамчун муассиси ташкилоти қарздиҳии ҶММ «Осиё-кредит» (бо ҳиссаи 0,01%), ки соли 2009 созмон ёфта буд санаи 13.12.2012 сол дар асоси шартномаи оддии хариду фуру ш ба шаҳрванд П ҳиссаи худро фурухт.

**Ба ҳаракатҳои ҶММ «Т-Транс» баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 6.**

Шаҳрванд Б Раиси Шу рои директорони ташкилоти қарздиҳии «АВАТАР» интихоб гардид. Ҳамзамон у дар як вақт вазифаи раисии Раёсати ташкилоти қарздиҳии ҶСК «Ободон»-ро ба уҳда дошт. Намояндагии минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Қурғонтеппа барои мувофиқа намудани у дар вазифаи нав яъне Раиси Шу рои директорони ташкилоти қарздиҳии «АВАТАР» розигӣ надод.

**Ба масъалаи ба миёномада баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 7.**

ҶММ «Зарнисор» ҷиҳати пардохти сармояи оинномавӣ ташкилоти қарздиҳии аз нав таъсисшавандаи худ бинои анбореро пешниҳод намуд, ки ба маблағи 2 млн. сомонӣ ба даст оварда буд. Раёсати намояндагии минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар Рашт додани иҷозатномаро барои пешбурди амалиётҳои бонкӣ бинобар тариқи дахлдор пешниҳод нанамудани сармояи оинномавӣ рад намуд.

**Масъалаи мазкурро ҳаллу фасл намоед.**

**Масъалаи 8.**

Ба ташкилоти қарздиҳии азнавтаъсисдодашудаи ҶСП «Фаровон» иҷозатномаи генералӣ оид ба гузаронидани амалиётҳои бонкӣ, аз ҷумла, тавассути металҳои қимматбаҳо дода шуд. Бо гузашти 1 моҳ Бонки миллии Тоҷикистон иҷозатномаи мазкурро бозхонд намуд.

**Ҳаракатҳои минбаъдаи ҶСП «Фаровон»-ро муайян намоед.**

**Масъалаи 9.**

Ба муассисони ташкилоти қарздиҳие, ки сармояи оинномавиашон 100% ба шахсони воқеии хориҷи мутааллиқ буд ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ҷавоби рад дода шуд. Мақомоти бақайдгирандаи давлатӣ ин тасмими худро бо он асоснок намуданд, ки ҳангоми ба қайд гирифтани ташкилоти қарздиҳӣ

квотаи муқаррарнамуда дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз пардохти сармояи оинномавӣ зиёд мегардад.

**Ҳолати ба вуҷудомадаро баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 10.**

Ду нафар шахси воқеӣ А ва Б дар шакли оддии хаттӣ шартномаи хариду фуруш баста дар он ҳиссаи иштироки ташкилоти қарзиро дар ҳаҷми 20 % сармояи оинномавӣ муқаррар намуданд. Шартнома мебоист, ки аз лаҳзаи аз ҷониби тарафи А гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳукми амал дарояд.

**Ба шартҳои бастани шартномаи мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 11.**

Шаҳрванд В, ки ба сини 17 солагӣ расида буд оиди аъзо шудан ба иттифоқи қарзии «ГРОСС» мурочиат намуд. Раёсати иттифоқи мазкур аъзошавии у ро бинобар сабаби нарасидани синну сол рад намуд.

**Ба ҳаракатҳои Раёсати иттифоқи мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

## Мавзӯи 5. Ҳисоббаробаркуниҳои бонкӣ

**Масъалаи 1.**

ҶММ «Тарбод» ва ҶСП «Некобод» шартномаи хариду фуру ши маҳсулоти кишоварзиро бастанд. Мувофиқи шартнома ҶММ «Тарбод» мебоист нархи шартномаро ба маблағи умумии 3000 ҳаз. сомонӣ дар 3 давра мутаносибан 1500, 1000 ҳаз. ва 500 сомонӣ пардохт менамуд.

**Ба шартҳои шартномаи басташуда вобаста ба ҳисоббаробаркунӣ баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 2.**

ҶММ «Банк-Олимп» ба соҳибкори инфиродӣ –муштарӣ додани маблағҳои пулиро ба миқдори 50 ҳаз. сомониро, ки барои пардохти ҳақи иҷораи офис равон гардида буданд, рад

намуд. Далел ин буд, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати мазкурро маҳдуд намудааст.

**Ба ҳаракатҳои «Банк-Олимп» баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 3.**

Шаҳрванд А 17.12.2010 сол дар ҶСК «Ориёнбонк» суратҳисоби бонкии ҷорӣ кушода ҷиҳати аз ҳисоб баровардани 100 ҳаз. сомонӣ супоришоти пардохт дод. Маблағҳои пулӣ санаи 17.01.2011 сол аз ҳисоб бароварда шуданд вале шаҳрванд А барои расонидани зарар бинобар гузаронидани муҳлати иҷрои супоришоти пардохт ба суд мурочиат намуд.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 4.**

Ҳангоми интиқоли маблағҳои пулӣ аз су ратҳисоби шаҳрванд П ҶСП «Бонки Дурдона» маблағҳои пулиро 2 руз дертар ба суратҳисоби корреспондентии ташкилоти қарздиҳӣ, ки дар бонки он суратҳисоби гирандаи маблағ кушода шуда буд, интиқол дод. Шаҳрванд П ба суди умумӣ бо аризаи даъвогӣ оид ба ҷавобгарии граждани-ҳуқуқӣ ҷалб кардани ҶСП «Бонки Дурдона» мурочиат намуд.

**Суд чӣ гуна қарор қабул карда метавонад?**

**Масъалаи 5.**

ҶММ «Макс» ба суди иқтисодӣ бо даъвои талофӣ намудани зараре, ки аз ҷониби ҶСП «Муслим-Банк», ки ба пардохткунандагони дар ҳуҷҷатҳои аккредитив оид ба шартномаи маҳсулотсупорӣ, ки қабл аз дуру зи пардохт бэътибор дониста шуда пешбинигардида пардохт намудааст арз намуд.

**Суд чӣ гуна қарор қабул карда метавонад?**

**Масъалаи 6.**

Пас аз пардохт аз руи аккредитиви кафолатдодашуда бонки иҷрокунанда ба бонки эмитент оиди пардохти маблағи пулӣ, ки аз руи аккредитив ба пардохткунанда пешбинӣ гардида буд, мурочиат намуд. Банк-эмитент пардохти

маблағҳои пулиро рад намуда далел овард, ки муштарии пардохткунанда ҳану з аз ру и аккредитив маблағҳои пулиро насупоридааст.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 7.**

ҶММ «Дарвоз» ва ҶММ «Давлатшаҳр» байни худ шартномаи маҳсулотсупории мебелбаста дар он қайд намудаанд, ки ҳисоббаробаркуниро тариқи пешниҳоди талаботи пардохтӣ анҷом диҳанд. Гирандаи маблағ ҶММ «Дарвоз» талаботи пардохтиро ба бонки хизматрасонии худ пешниҳод намуд, ки номбурда баъдан онро ба банки пардохткунанда фиристонид. Вале бонки пардохткунанда талаботи мазкурро бе иҷроиш баргардонида, қайд намуд, ки мутобиқи шартномаи суратҳисоби бонкиаш бо пардохткунанда истифодаи ин намуди ҳисоббаробаркуниро муқаррар нанамудаанд. Гирандаи маблағ ба суди иқтисодӣ оид ба ру ёнидани зарари расонидашу да аз ҷониби бонки хизматрасонии пардохткунанда аризаи даъвогӣ пешниҳод намуд.

**Ба ҳолати мазку р баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 8.**

Дар асоси шартномаи суратҳисоби бонкӣ ҶСП «Банк-Транс» хизматрасонии хазинавии ҶММ «Хуттал»-ро анҷом медод. Аз санаи 01.01.2011 то 01.05.2011 сол чекҳо ба миқдори умумии 100 ҳаз. сомонӣ дода шуданд. Минбаъд маълум гардид, ки ҶММ «Хуттал» чекҳоро надодааст. Дар доираи парвандаи ҷиноӣ маълум карда шуд, ки чекҳо, аз ҷумла, бо имзои директории генералӣ ва сармуҳосиби ҶММ «Хуттал» аз ҷониби корманди шу ъбаи молиявӣ шаҳрванд Б қалбакӣ карда шудаанд. Дар баробари ин ҶММ «Хуттал» ҳар моҳ бақияи маблағҳоро дар суратҳисоби бонкиаш тасдиқ менамуд. ҶММ «Хуттал» ба суди иқтисодӣ бо аризаи даъвогӣ оид ба талофии зарар нисбати ҶСП «Банк-Транс» муроҷиат намуд.

**Суд чӣ гуна қарор қабул карда метавонад?**

**Масъалаи 9.**

ҶММ «Ҳасанобод» векселҳои худро дар шакли ғайри-ҳуҷҷатӣ дар ҳаҷми 100 ҳаз. бо арзиши номиналии 1 ҳаз. сомонӣ бароварда онҳоро ба сифати воситаи пардохт аз ру и шартно-маҳои ҳуқуқӣ-граждании ҶММ «Сариосиё» пешниҳод намуд.

**Ба ҳаракатҳои ҶММ «Ҳасанобод» баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 10.**

Дар асоси шартномаи хариду фуру ши маҳсулоти истеъмоли умумӣ ҶММ «Зарнисор» (пардохткунанда тибқи шартнома) барои пардохти молҳо сертификатҳои амонатиро пешниҳод намуд. ҶММ «Фондара» қабули онҳоро бинобар он, ки тарзи мазкури ҳисоббаробаркунӣ беэътибории аҳдро ба миён меорад, рад намуд.

**Ба ҳаракатҳои тарафҳои шартнома баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 11.**

Ба ҶСП «Кафолатбонк» нисбати суратҳисоби бонкии ҶММ «Умеда» варақаи пардохт оиди аз ҳисоб баровардани маблағи пулӣ дар ҳаҷми 100 ҳаз. сомонӣ дар доираи талаботи арзнамудаи мақомоти андоз ва 20 ҳаз. сомонӣ ҷиҳати пардохти музди меҳнати кормандони ҶММ «Умеда» ворид гардид.

**Пурсида мешавад, ки ҶСП «Кафолатбонк» бо кадом тартиб воситаҳои пулии дар суратҳисоби ҶММ «Умеда» мавҷударо аз ҳисоб барорад?**

**Масъалаи 12.**

Ҷамъияти саҳҳомии«Нозанин» аз Ҷамъияти «Зайнаб» дар маблағи умумии 50 000 сомонӣ маводи хурокворй харид. Воситахои пулӣ дар суммаи нишондодашуда бояд ба сифати аванс дар асоси супоршиномаи пули ба суратҳисоби фурушанда дохил мешуд. Аммо ба сабаби ба хатогӣ роҳ додани мутахассиси бонк, маблағи пули ба суратҳисоби дигар муассиса гузаронида шудааст. Дар натиҷа баъди як моҳ, Ҷамъияти саҳҳомӣ и «Зайнаб» аз Ҷамъияти саҳҳомӣ и «Нозанин» оид ба пардохтани ҷарима барои гузаронидани мухлати маҳсулоти

хуроквории харидашуда ба маблағи умумии 6000 сомонӣ талаб кард.

Дар навбати худ Ҷамъияти саҳҳомӣ и «Нозанин» аз бонк барои нодуруст гузаронидани амалиёти бонкӣ пардохтани зарарро ба маблағи умумии 15000 сомонӣ, ки аз фоида қафо монда буд талаб намуд. Бонк дар асоси дар шартномаи суратҳисоби бонки миёни ин ду ҷамъият муқаррар намудани ягон хел ҷавобгарии бонк барои вайрон намудани уҳдадориҳояш аз ҳамаи ин талаботхо даст кашид.

Баръакс дар ин шартнома банди мазкур пешбинй шудааст, ки он ҳамагуна ҷавобгариро барои аз фоида қафо мондани мизоҷ бартараф мекунад.

**Дар ин баҳс, ки ҳақ мебошад?**

## Мавзӯи 6. Шартномаи суратҳисоби бонкӣ

### Масъалаи 1.

Ба бонки ҶСП «Фононбанк» шахси воқеӣ (муштарӣ А) оид ба кушодани суратҳисоб бо шартҳои фарққунанда нисбат ба қоидаҳои дар бонки мазкур муқарраргардида мурочиат намуд. Бонки номбурда барои кушодани суратҳисоб розигӣ дод. Ҳамзамон, ҶСП «Фононбанк» ба шахси воқеии дигар, ки ҳангоми кушодани суратҳисоб ҳузурдошт ку шодани суратҳисобро бо шартҳои муштарии А мувофиқакардааш рад намуд.

**Ба ҳаракатҳои ҶСП «Фононбанк» баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

### Масъалаи 2.

ҶММ «Ромсар» дар ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» суратҳисоб кушод, ки ба он ҳар рӯз маблағҳои пулии муштариёнаш ворид мегардид. ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» дар навбати худ маблагҳои пулии воридшавандаро бинобар он, ки воситаҳои мазкур ҷиҳати пардохти қарзи дар назди бонк мавҷудаи ҶММ «Ромсар» ба суратҳисоби дахлдор интиқол надод.

**Ба ҳаракатҳои ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 3.**

ҶСК «Бонки Эсхата» ба ҶММ «Tcell» қарз дод, ки барои таъмини он гарав дар шакли маблағҳои пулӣ дар суратҳисоби муштарӣ мавҷуда пешбинӣ гардида буд. ҶММ «Tcell» ба ҶСК «Бонки Эсхата» оид ба бастани суратҳисоби мазкур ва баргадонидани маблағҳои пулӣ шакли нақдӣ дар ҳаҷми 1 млн. сомонӣ арз намуд. Дар навбати худ ҶСК «Бонки Эсхата» бинобар таҳти гарав қарор доштан бастани суратҳисоби мазкурро рад намуд.

ҶММ «Tcell оид ба ин масъала » ба суди иқтисодӣ арз намуд.

**Лутфан бигуед, ки суди иқтисодӣ бояд ба чӣ қарор ояд?**

**Масъалаи 4.**

ҶСК «Соҳибкорбонк» дар сомонаи интернетиии худ иттилоотеро, ки гуё муштариёнаш ҳунармандони машҳури синамои тоҷик, ки дар филми «Беҳуда хорам мекунӣ» нақш бозидаанд, ҷойгир намуд.

**Ба ҳаракатҳои ҶСК «Соҳибкорбонк» баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 5.**

ҶСК «Тироз» нияти кушодани суратҳисоби бонкиро дар ҶСП «Бонки аввалини молиявии хурд» дошт. Муовини директори раёсати ҶСП «Бонки аввалини молиявии хурд» ба намояндаи ҶСК «Тироз» тавсия дод, ки суратҳисоби амонатӣ кушояд, зеро, ки маҳз ҳамин суратҳисобҳо мутобиқи қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» аз 2.08.2011 сол қарор мегиранд.

**Ба ин ҳолат тавсифи ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 6.**

ҶСП «Кафолатбонк» бо ҶММ «Умед-88» тавассути мубодила ба воситаи иттилоотии факс шартномаи суратҳисоби бонкӣ баст. ҶММ «Умед-88» баъдан оид ба беэътибор

донистани шартномаи мазкур ба суди иқтисодӣ бинобар риоя нагардидани шакли шартнома муроҷиат намуд.

**Ба ҳаракатҳои ҶММ «Умед-88» баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 7.**

Дар шартномаи суратҳисоби бонкӣ бо ҶММ «Мададгор» пешбинӣ гардида буд, ки «Менатеп-Банк» хизматрасонии хазинавии муштариёнро амалӣ намекунад. Аз ин ру , бонки мазкур додани 100 ҳаз. сомониро ба ҶММ «Мададгор» рад наму д. ҶММ «Мададгор» дар навбати худ ба суд арз намуда арзи худро бо он асоснок намуд, ки мувофиқи иҷозатномаи ба бонки хизматрасон додашуда бевосита ҳуқуқи анҷом додани хизматрасонии хазинавии шахсони воқеӣ ва ҷисмонӣ пешбинӣ гардидааст.

**Ба ҳаракатҳои тарафҳои шартнома баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 8.**

ҶММ «Ҳумоюн» ба ҶСП «Казкомбанк» барои ҷуброни зараре, ки бинобар ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳояш вобаста ба супоришоти пардохтие, ки 15.05.2009 сол дода буд арз намуд. Маблағҳои пулӣ вобаста ба супоришоти пардохтии мазкур 19.05.2009 сол ба суратҳисоби гирандаи он интиқол дода шуда санаи 16.05.2009 сол ба суратҳисоби корреспондентии бонки гиранда ворид гардидаанд. ҶСП «Казкомбанк» талофӣ намудани зарарро рад намуд.

**Ба ҳаракатҳои тарафҳо баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 10.**

Бонки «Ҳиндукуш» супоришоти пардохтиеро иҷро намуд, ки баъдан сохтакорӣ эътироф гардид. Дар баробари ин ташхис нишон дод, ки тариқи муоинавӣ сохтакории онро муайян кардан номумкин буд. Муқаррар гардид, ки супоришоти сохтакорикардашуда ба бонк бо имзои шахсе пешниҳод шуда буд, ки дар корти намунаи имзоҳо ва тасҳеҳи муҳр мавҷуд буда, ҳамагӣ 2 ҳафта қабл аз вазифааш сабукдуш гардидааст. Дар

хусуси сабукдуш шудани ин шахс аз вазифааш бонк огоҳ карда нашудааст. Дорандаи суратҳисоби бонкӣ ба суд арз намуд.

**Суд бояд ба чӣ қарор ояд муайян намоед.**

**Масъалаи 11.**

Шахси воқеӣ Д аз ҶСП «Таксабанк» талаб намуд, ки ба шартномае, ки бо ин бонк бастааст қоидаҳои шартномаи пасандози бонкиро татбиқ намояд. Ин нуқтаро Д бо он далел асоснок менамуд, ки шартномаи суратҳисоби бонкӣ пардохти фоизҳоро аз ҳисоби маблағи дар суратҳисоб буда пешбинӣ менамояд.

**Фарқияти шартномаи суратҳисоби бонкӣ ва шартномаи пасандози бонкӣ дар чӣ зоҳир мешавад?**

**Масъалаи 12.**

Ҳангоми қатъи шартномаи суратҳисоби бонкӣ муштарӣ – шахси воқеӣ дар аризаи худ, ки дар шакли озод тартиб дода шуда буд қайд намуд, ки маблағҳои пулии боқимонда ба кадом реквизитҳои суратҳисоби бонкӣ метавонанд интиқол дода шаванд. ҶСП «Дантрансбанк» интиқоли маблағҳои пулиро бе барасмиятдарории супоришоти пардохтӣ рад намуд.

**Ба ҳаракатҳои банк баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 13.**

Дар шартномаи суратҳисоби бонкӣ пешбинӣ шуда буд, ки муштарӣ – шахси ҷисмонӣ уҳдадор аст, ки дар суратҳисобаш на кам аз 500 ҳаз. сомонӣ бақия дар ҳар ру зи амалиётӣ мононда, маблағҳои пулиро фақат ба нишонии шахсони бонуфуз гузаронад. Дар ҳолати акс эълом гардид, ки суратҳисоби мазкур ба таври як тарафа баста хоҳад шу д.

**Ба ҳаракатҳои бонк баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 14.**

ҶСП «Ромсарбанк» ба соҳибкори инфиродӣ П бастани суратҳисоби ҷориашро рад намуд. Ин ҷиҳат бо он асоснок гардида буд, ки нисбати суратҳисоби мазкур дуталаботи

пардохтӣ, яке супоришоти пардохтӣ бе аксепт аз ҷониби супорандагони маҳсулот пешниҳодгардида, дигаре қарзи вобаста ба овердрафт, ки онҳоро соҳибкор барнагардонидааст, муқаррар шудааст. Соҳибкори инфиродӣ П бо супоришоти пардохтӣ вобаста ба талаботи супорандагон маҳсулот розӣ нагардида, шарҳи овердрафтро бо суратҳисоб бинобар мувофиқа нашуданаш қабул накард.

**Ба ҳаракатҳои соҳибкори инфиродӣ П баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 15.**

Ба бонки саҳҳомӣ чор ариза оид ба кушодани суратҳисоб дохил гардид:

1. Аз Директори генералии Муассисаи ҷангал ва аз номи шахсони дигари ваколатдор –иштирокчиёни ширкати пурра барои кушодани суратҳисоб ба охирин.

2. Аз Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд бо хоҳиши кушодани дуюм суратҳисоб на дар ҷойи ҷойгиршудаи муассиса ва суратҳисоби асъори хориҷа бо маркаи олмони.

3. Аз шаҳрванд Қурбонов, шахсе, ки ба сифати соҳибкор ба қайд гирифта шудааast, бо хоҳиши он, ки бо вай шартномаи суратҳисоби бонкӣ барои ҳисоббаробаркунӣ бо мизоҷон банданд.

4. Аз гурӯҳи шаҳрвандоне, ки мақсади таъсис додани Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдудро доранд, бо хоҳиши кушодани суратҳисоб барои гузаронидани маблағ ба пардохти 50% фонди оинномавӣ.

Чӣ хел ҷавоб ба ҳар як ҳолат идораи хизмати ҳуқуқии бонк бояд диҳад?

Тартиби умумии кушодани суратхисоб дар бонкҳои тиҷоратӣ хел мебошад ва барои кушодани суратҳисоб кадом намуди ҳуҷҷатҳо лозим аст? Фарқияти байни шартномаи суратҳисоби бонкй аз амонати бонкӣ дар чист?

## Мавзӯи 7. Шартномаи пасандозии бонкӣ

**Масъалаи 1.**

Шаҳрванди хориҷӣ D.K. ба ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» барои бастани шартномаи нигаҳдории маблағҳои пулӣ муроҷиат намуд. ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» кушодани суратҳисобро бинобар сабаби он, ки шартномаи мазкур танҳо бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешавад рад намуд.

**Ба ҳаракатҳои ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» аз лиҳози ҳуқуқӣ баҳо диҳед.**

**Масъалаи 2.**

Дорандаи суратҳисоб дар ҶСК «Ориёнбонк» супориши пардохтиро оид ба гузаронидани маблағҳои нигаҳдоштшавандаи пулиаш ба фоидаи ширкати аффилии худ «Асри 25» содир намуд. ҶСК «Ориёнбонк» иҷрои супориши пардохтиро рад намуд.

**Ба ҳаракатҳои мизоҷ ва бонк баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 3.**

Бо мақсади тасдиқ ва баста шудани шартномаи пасандозии бонкӣ ба шахси воқеӣ хатчае рақами тартибӣ гузошташуда дода шуд, ки дар он маблағ ва фоизи муайян пешбинӣ гардида буд. Аз суханони намояндаи ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» бармеомад, ки ин хатча ҳуҷҷатест, ки тасдиққунандаи бастани шартномаи пасандозии бонк мебошад.

**Ба ҳаракатҳои намояндаи ҳамин бонк баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 4.**

Дар шартномаи пасандозии бонкӣ шарте пешбинӣ гардида буд, ки тибқи он бо гузаштани муҳлати ин шартнома ба амонатгузор мебоист маблағи пасандоз баргардонида шуда, фоизҳо пардохт ва ба ҳуқуқи моликият техникаи маишӣ мегузашт.

**Ба ҳолати бамиёномада дар шартномаи пасандози бонкӣ баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 5**.

Ҳангоми баргардонидани маблағи пасандоз ва ҳисобӣ намудани фоизҳои пасандоз амонатгузор тариқи накдӣ маблағеро гирифт, ки 10% кам карда шуда буд. Ташкилоти қарздиҳӣ ин ҷиҳатро бо он далел асоснок менамуд, ки гуё дар банк барои хизматрасониҳо 10% комиссия муқаррар гардидааст ва аз он имкони озод шудан мавҷуд аст ба шарте, ки амонатгузор маблағи мазкурро тариқи ғайринакдӣ ба суратҳисоби дигари ташкилоти қарздиҳӣ гузаронад.

**Вобаста ҳолати бамиёномада баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 6.**

ҶММ «Авасто» ба ҶСП «Мармарбанк» бо талаби пеш аз муҳлат қатъ кардани шартномаи муҳлатноки депозити бонкӣ ва баргардонидани маблағи депозит мурочиат намуд. ҶСП «Мармарбанк» ичрои талаби мазкурро бинобар сабаби он, ки танҳо шахсони воқеӣ метавонанд шартномаи муҳлатноки депозити бонкиро қабл аз муҳлат бекор намоянд, рад намуд.

**Ба ҳаракатҳои бонк баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 7.**

Ҳисобукитоби маблағҳои фоизҳои пардохтшавандаро дар санаи ҷорӣ вобаста ба намудҳои амонатҳои зерин ба амал бароред:

Фарзияи аввал

1) маблағи амонат – 100 ҳаз. сомонӣ

2) микдори фоиз – 10% солона

3) муҳлати амонат – 3 сол

4) фоизҳо ҳар семоҳа ҳисобӣ ва камитализатсия карда мешаванд

5) амонатгузор шахси воқеӣ

Фарзияи дувум

1) маблағи амонат – 100 ҳаз. сомонӣ

2) миқдори фоиз – 12% солона

3) муҳлати амонат – 10 моҳ

4) фоизҳо ҳар шашмоҳа ҳисобӣ (бе камитализатсия) карда мешаванд

5) амонатгузор шахси воқеӣ

Дар баробари ҳисобукитоби мазкур тартиби ҳисобӣ намудани фоизҳои оддӣ ва мурккабро вобаста ба амонати бонкӣ ва депозитҳо шарҳ диҳед.

**Масъалаи 8.**

Тули як рузи корӣ то фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ ҶММ «Геракл» аз суратҳисоби худ ба суратҳисоби шахси воқеӣ дар ҳаҷми 400 ҳаз. сомонӣ маблағ гузаронид. Ташкилоти қарздиҳӣ қонеъ гардонидани шахси воқеиро оиди пардохти ин миқдор маблағро, ки дар низоми суғуртаи амонатҳои шахслни воқеӣ дар бонкҳо анҷом дода мешавад, рад намуд. Ҷиҳати мазкур бо он асоснок карда мешуд, ки интиқоли маблағҳои пулӣ на дар доираи муносибатҳои шартномавии ҳуқуқӣ-гражданӣ балки бо мақсади «наҷоти» маблағҳои пулии шахси ҳуқуқӣ ба истиснои маблағҳое, ки дар суратҳисобҳои бонкӣ таҳти суғуртаи ҳатмии амонатҳо қарор намегиранд, роҳандозӣ гардидааст.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 9.**

Ба ҶСП «Ҷавҳар-Бонк» ноболиғ Ш соли тав. 1997 муроҷиат намуд хоҳиши бастани шартномаи пасандози бонкиро намуд ва дар ин хусус раддияи бонкро бинобар сабаби ба лоғат нарасиданаш гирифт.

**Ба ҳаракатҳои бонк баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 10.**

Андози даромадеро, ки бояд шахси воқеӣ вобаста ба:

1) маблағи амонат – 100 ҳаз. сомонӣ

2) миқдори фоиз – 20% солона

3) муҳлати амонат – 3 моҳ

4) фоизҳо охири семоҳа ҳисобӣ карда мешаванд

5) амонатгузор шахси воқеӣ

6) миқдори азнавмолиякунонии Бонки миллии Тоҷикистон – 8% супорад.

**ҳисобӣ намоед.**

## Мавзӯи 8. Шартномаи қарз (кредит)

**Масъалаи 1**.

Дар шартномаи қарз пешбинӣ шуда буд, ки он аз лаҳзаи интиқоли маблағ ба суратҳисоби қарзгиранда эътибор пайдо менамояд. Ташкилоти қарздиҳӣ интиқоли ин маблағҳоро ба суратҳисоби қарзгиранда рад намуд. Қарзгиранда ба суд бо талаби маҷбур намудани ташкилоти қарздиҳанда барои додани қарз, ки дар шартнома пешбинӣ гардидааст, арз намуд.

**Суд бояд ба чӣ қарор ояд?**

**Масъалаи 2.**

Дар шартномаи қарз пешбинӣ шуда буд, ки қарз дар шакли вексел бо арзиши номиналӣ дар ҳаҷми маблағи қарзи ширкат – қарзгиранда дода мешавад. Карзгиранда ба суди иқтисодӣ арз намуда тақозо намуд, ки талаботи мазкур беэътибор дониста шавад.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 3.**

Баъди бастани шартномаи кредит қарзгир аз гирифтани қарз даст кашида, рузе, ки мебоист қарзро гирад ба суратҳисоби корреспондентии ташкилоти қарздиҳанда маблағҳои пулиро интиқол дод. Ташкилоти қарздиҳанда ба манъ будани иҷрои қабл аз муҳлати уҳдадориҳои қарздор вобаста ба гардонидани қарз ҳавола намуда, талаб намуд, ки ҷуброни зарар бинобар нагирифтани фоизҳо аз даромади шартномаи қарз пардохта шаванд.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 4.**

ҶСП «Соҳибкор-Банк» ва ҶСК «Мансур» санаи 13.12.2013 сол шартномаи кредитро имзо намуданд, ки мутобиқи он ташкилоти кредитӣ мебоист дар ҳаҷми 100 ҳаз. сомонӣ то санаи 15 марти соли 2013 уҳдадори додани кредитро ба зимма гирад. ҶСП «Мансур» дар ҳисоботи солонаи худ, ки тибқи Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ (МСФО) пешниҳод ва нашр намуда дар ҳаҷми 10 млн. сомонӣ зарар диданашро қайд намуд. ҶСП «Соҳибкор-Банк» ба ташкилоти тиҷоратии мазкур дар асоси ҳисоботи нашрнамудааш додани кредитро рад намуд.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 5.**

Кооперативи истеҳсолии «Кадучӣ» ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани истеҳсоли кадуи аълосифати маҳаллӣ қарзи мақсаднок барои харидории техникаи кишоварзӣ (1 адад трактори МТЗ-82 соли бароришаш 2013, истеҳсоли Беларус) гирифт. Дар баробари гирифтани кредит маблағҳо барои додани маоши миёнаи кормандон масраф гардиданд. Бонки қарздиҳанда иҷрои қабл аз муҳлати у ҳдадориҳоро вобаста ба қарз ва пардохти фоизҳоро талаб намуд. Кооперативи истеҳсолии «Кадучӣ» баргардонидани кредитро рад намуд.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 6.**

ҶСП «Сохт-Мон» бо мақсади таъмини уҳдадориҳояш аз руи шартномаи кредит ба ҳайси гарав бинои ғайриистиқо-матии нотамомеро пешниҳод намуд. Дар натиҷаи заминҷунбӣ бинои мазкур пурра вайрон гардид. ҶСК «Фарёдрас-Банк» иҷрои қабл аз муҳлати уҳдадориҳоро аз руи шартномаи кредит талаб намуд ва ҶСП «Сохт-Мон» дар навбати худ иҷрои ин талаботро рад намуд.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 7.**

ҶММ «Орзу» бо ҶСК «Каргас» шартномаи қарз баст, ки мувофиқи он ҶСК «Каргас» мебоист дар ҳаҷми 100 ҳаз. сомонӣ қарз медод. ҶСК «Каргас» ба суд оиди беэтибор донистани шартномаи мазкур бо далели он, ки шартномаи қарз танҳо байни ташкилотҳои қарздиҳӣ баста мешавад, арз намуд.

**Муайян намоед, ки суд ба чӣ қарор ояд?**

**Масъалаи 8.**

ҶСК «Помир-банк» ба шахси воқеӣ қарз дода қаблан оиди арзиши он у ро огоҳ нанамуд. Шахси воқеӣ ба суд оиди қатъ намудани шартномаи қарз ва талофӣ намудани зарар арз намуд.

**Ба ин ҳолат баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 9.**

ҶММ «Муҳрсоз» қарзи мартабошударо ба ҶСП «Трас-банк», ки то ба миён омадани пардохт муфлис гардид. ҶММ «Муҳрсоз» аз идоракунандаи конкурсӣ талаб намуд, ки маблағҳои пулӣ дар ҳаҷми арзиши қарз то қонеъ гардидани дигар талаботи кредиторон пардохта шаванд.

**Ба ин ҳаракатҳои ҶММ «Муҳрсоз» баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 10.**

ҶММ «СИПАР» дар шакли асъори хориҷӣ аз ҶСК «Парасту-банк» қарз ба даст овард. Мақоми назораткунандаи молиявӣ талаб намуд, ки шартномаи қарзи мазкур бинобар сабаби он, ки амалиётҳои асъорӣ байни резидентони Ҷумҳурии тоҷикистон манъ гардидааст беэътибор дониста шавад.

**Ба ин ҳолат баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 11.**

Корхонаи «Ормон- компания» бо хоҳиши Ҷамъияти саҳҳомӣ и «Хайём» ба суратҳисоби охирин 200 000 сомонӣ барои харидани таҷҳизоти ошхона гузаронид. Маблағгузарони дар асоси мактуби ҶС «Хайём», ки барои баргардонидан ухдадор шуда буд, баргузор шуда буд. Бо гузаштани муҳлат ҶС «Хайём» пулро барнагардонд, дар асоси ин корхонаи «Ормон компания» ба суди ҳакамӣ аризаи даъвоӣ навишт. Дар суди ҳакамӣ намояндаи ҶС арз кард, ки миёни тарафҳо ухдадории кредитӣ ба вуҷуд омадааст, ки кредитдиҳии муассиса - ин як намуди фаьолияти бонкӣ мебошад, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки Миллӣ ба амал бароварда мешавад. Корхона бошад аҳди кредитиро бе гирифтани иҷозатномаи муқарраршуда ба амал баровардааст. Ҳимоятчи, ки манфиати корхонаро ҳимоя мекард, арз кард, ки миёни тарафҳо шартномаи қарз баста шудааст, на ин ки шартномаи кредит. Барои бастани шартномаи қарз иҷозатномая зарур нест. Ба ғайр аз у ба суд пешниҳод намуд, ки фарқияти байни шартномаи қарз, шартномаи кредитӣ ва қарзӣ бонкиро муайян кунад.

**Дар ин баҳс ки ҳақ аст? Шартномаи қарз, шартномаи кредит ва шартномаи қарзӣ бонкиро тавсиф дихед.**

**Масъалаи 12.**

Шаҳрванд Қурбонов аз зани пиронсол ба маблағи калон пул қарз гирифт. Шартномаи қарз дар асоси додани забонхат расмӣ кунонида шуда буд, дар асоси чи бо пешниҳоди қарздиҳанда барои паст намудани беқурбшавии пул, пули додаашро бо ченаки доллари америкоӣ ҳисоб карда, муҳлати баргардонидани пулро аз ҳолати додани забонхат шаш моҳ, муқаррар кард. Дар ҳуҷҷат муқаррар карда шуда буд, ки барои кредити гирифтааш 2,5 % фоиз фоида то ру зи баргардонидани қарз медиҳад.

Дар ру зи муқарраршудаи баргардонидани пул қарзгиранда сари вақт пулҳои гирифтаашро бо фоидааш барнагардонид. Дар вақти мурофиаи суди Қурбонов арз кард, ки забонхат қонунӣ нест, чунки пули қарз бо сомонӣ нею бо доллар ҳисоб карда шудааст. Ғайр аз ин фоидае, ки бояд у  дар асоси

шартнома пардохт менамуд, бисёр баланд буда у танҳо ба хотири он ба ин шарт розӣ шудабуд, ки вазъияти молиявиаш аз ҳад мушкил буд.

**Ҳалномаи суд, чӣ хел бояд бошад.**

## Мавзӯи 9. Шартномаи кафолати бонкӣ

### Масъалаи 1.

ҶСП «Симмат-Банк» ба ҶСК «Пайвандгар» мактубе пешниҳод намуд, ки мувофиқи он ташкилоти кредитӣ мебоист уҳдадор гардад, ки ҳамчун кафили иҷрои шартномаи хариду фуру ши коғазҳои қимматноки он баромад намояд. Кредитор ҶММ «Транс-авиа» ҳамчун кафил вобаста ба шартномаи хариду фуру ши коғазҳои қимматнок ба ҶСП «Симмат-Банк» ҷиҳати таҳвили коғазҳои қимматноке, ки аз тарафи ҶСК «Пайвандгар» мебоист ба он дода шавад, мурочиат намуд. ҶСП «Симмат-Банк»қонеъ гардонидани талаботи мазкурро напазируфт, ба он далел, ки бо ҶСП «Симмат-Банк» шартномаи кафолати бонкӣ сари вақт баста нашудааст.

**Ба ҳаракатҳои мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

### Масъалаи 2.

ҶММ «Восеъ» бо ҶСК «Зарафшон» оид ба кафил шудан вобаста ба шартномаи хариду фурӯш, ки мебоист ҶСК «Зарафшон» соли 2013 шартнома бубандад, ҶСК «Зарафшон» бо ҶСП «Саразм» 12.06.2013 сол оид ба хариди коғазҳои қимматнок шартномаи хариду фуруш баста уҳдадориҳояшро ба таври дахлдор иҷро накард. ҶСП «Саразм» ба ҶММ «Восеъ» оиди ҷуброни зарар мурочиат намуд.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

### Масъалаи 3.

ҶММ «Нурон» бо ташкилоти кредитӣ шартнома баст, ки мувофиқи он мебоист барои ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадориҳои кредитии ҶММ «Марказ» кафолат диҳад. Баъди он, ки ҶММ «Марказ» иҷрои уҳдадории кредитиро рад намуд,

ташкилоти кредитӣ ба ҶММ «Нурон» барои пурра пардохт намудани маблағи кредит ва фоизҳои он муроҷиат намуд. ҶММ «Нурон» ин талаботро вобаста ба он, ки дар шартномаи мазкур танҳо ҷавобгарии иловагӣ ва танҳо нисбати пардохти маблағи қарзи асосӣ мебарад, рад намуд.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 4.**

ҶММ «Таъминот» бо ҶСП «Пахтакор» оиди ҷавобгарӣ вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои асосии ҶСК «Маҳсул» ҷиҳати супоридани маҳсулот, яъне молҳои ниёзи мардум ба мувофиқа расида шартнома бастанд. Дар давраи амали шартномаи маҳсулотсупорӣ якчанд маротиба муҳлати иҷрои уҳдадориҳо аз руи шартномаи маҳсулотсупорӣ тағйир ёфтанд ва дар натиҷа ҶСК «Маҳсул» ҳамаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшро оид ба шартномаи маҳсулотсупорӣ ба ширкати бонуфузи худ ҶММ «Сардор» супорид. Ширкати бонуфуз уҳдадориҳояшро вобаста ба шартномаи маҳсулотсупорӣ иҷро карда натавонист. ҶСП «Пахтакор» ба ҶММ «Таъминот» оиди иҷрои уҳдадориҳо аз руи шартномаи маҳсулотсупорӣ муроҷиат намуд.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 5.**

ҶММ «Сарв» ва ҶСП «Сорбон» санаи 11.01.2012 сол шартномаи кафолат бастанд, ки мутобиқи он муҳлати қатъ гардидани он аз лаҳзаи гирифтани шаҳодатномаи соҳибмулкӣ ба молумулки ғайриманқул ҳисоб карда мешуд. Санаи 15.11.2013 сол ҶСП «Сорбон» ба ҶММ «Ҳофиз» оид ба пардохтҳо дар доираи шартномаи кафолат талабот пешниҳод намуд зеро ки санаи 12.10.2013 сол уҳдадориҳо аз руи шартнома иҷро нагардиданд.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 6.**

Дар доираи баррасии судӣ ҶММ «Шероз» (кафил) талаберо оиди кафолати бонкӣ баҳс менамуд, ки мувофиқи он бинобар надодани нусхаи асли кафолати бонкӣ ба ҶММ «Суғд» аз ҷониби масъулин, иҷрои уҳдадориҳои худро ғайриимкон медонист.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 7.**

Дар шартномаи кафолати бонкӣ пешбинӣ гардида буд, ки кафолати бонкӣ ба 100 млн. сомонӣ дода шуда, мутаносибан ба иҷроиши уҳдадории асосии пулӣ дар ҳаҷми 100 млн. сомонӣ, ки барои он кафолати мазкур дода шудааст, кам карда мешавад. Кафили кафолати бонкӣ талаб намуд, ки ин шарт тариқи судӣ беэътибор дониста шавад.

**Ба шарти мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 8.**

ҶСП «Ангара-Банк», ки ҳамчун кафили кафолати бонкӣ баромад менамуд, анҷом додани пардохтро ба фоидаи ҶММ «Ҷомӣ» рад намуд. Ин ҷиҳат бо он асоснок карда мешуд, ки гуё дар шарномаи кафолати бонкӣ , ки аз тарафи он Ҷамъияти кафил баромад менамояд бенефитсиар нишон дода нашудааст, ки ҳамчун шарти асосии кафолати бонкӣ ба шумор рафта боиси беэътибор гардидани он мегардад. ҶММ «Ҷомӣ» ба суди иқтисодӣ мурочиат намуд.

**Суд бояд ба чӣ қарор ояд?**

**Масъалаи 9.**

Навобаста аз риояи шартҳои кафолати бонкӣ ҶСП «Корвонгузар-бонк» (кафил) анҷом додани пардохтро бинобар сабаби он, ки бенефитсиар ҶММ «Работ» аз ру и кафолати бонкӣ ҳану з иҷрои у ҳдадории асосиро, ки ҷиҳати таъмини он кафолати бонкӣ дода шуда буд талаб накардааст, рад намуд.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 10**.

ҶСП «Чоре» ба ҶСП «ЖБ-банк» бо талаботи такрории анҷом додани пардохт аз ру и кафолати бонкӣ муроҷиат намуд. ҶСП «ЖБ-банк» ба ин талаб ҷавоби рад дода далел овард, ки уҳдадории асосӣ, ки барои таъмини он кафолати бонкӣ дода шуда буд аз ҷониби қарздор (принсипал) ба таври дахлдор иҷро гардидааст. ҶСП «Чоре» ба суди иқтисодӣ муроҷиат намуд.

**Суд бояд ба чӣ қарор ояд?**

## Мавзӯи 10. Шартномаи гарав

**Масъалаи 1.**

Мувофиқи шартномаи гарав, ки байни ҶММ «Регулянт» (гаравдеҳ) ва ҶСП «ДбД» (гаравгир) аввалӣ ба дувум басифати предмети гарав маблағҳои пулиро дар ҳаҷми 100 ҳаз. сомонӣ пешниҳод намуд. Ҳангоми руёнидани ҷарима ҶММ «Регулянт» ба суд барои бэътибор донистани шартномаи гарави маблағҳои пулӣ арз намуда, далел пеш овард, ки гарави маблағҳои пулӣ иҷозат дода нашудааст.

**Суд бояд ба чӣ қарор ояд муайян намоед.**

**Масъалаи 2.**

Корхонаи фаръии «Петротал» ба сифати предмети гарав барои таъмини уҳдадориҳои худ аз руи шартномаи кредит бинои ғайриистиқоматиро пешниҳод намуд.

**Ҳаракатҳои корхонаи фаръиро баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 3.**

Бо мақсади таъмини иҷрои уҳдадориҳо аз руи шартномаи хариду фурӯши ҳисса дар Оинномаи сармоявии ҶММ «Садаф», Ҷамъияти хоҷагидории “Ёқут” бо фурӯшандаи ин ҳисса ҶСП «Фароб» шартномаи гаравро дар шакли одии хаттӣ баст. Минбаъд ҶСП «Фароб» талаб кард, ки шартномаи гарав баста

шуда ҳисоб нашавад ва далел овард, ки шартнома мебоист ба таври нотариалӣ тасдиқ карда шавад.

**Ба далелҳои ҶСП «Фароб» баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 4.**

Баъди бастани шартномаи гарави манзили ғайриистиқоматӣ, ки соҳибмулки он ҶММ «Камар» буд, номбурда шартномаи дувуми гаравро бо ҳамин манзили ғайриистиқоматӣ баст. Гаравгир вобаста ба шартномаи авали гарав талаб намуд, ки шартномаи гарави дувум беэътибор дониста шавад зеро, ки далел дар шартнома мавҷуд аст, ки мувофиқи он ба гарав мондани манзили ғайриистиқоматӣ манъ карда шудааст. Дар навбати худ гаравгир вобаста ба шартномаи дувуми гарав қайд намуд, ки оид ба дар гарав қарор доштани ин молу мулк намедонист ва дониста ҳам наметавонист зеро, ки ин малолии манзили ғайриистиқоматӣ дар феҳрасти ҳуқуқии моликияти ғайриманқули дахлдор инъикос наёфта буданд.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 5.**

ҶММ «Хушдил» (гаравдеҳ» ва ҶСП «Сунбула» шартномаи гарави вомбаргро бастанд, ки ба охирин гузаштани онро муайян менамуд. Ҳангоми ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадории асосии ҶММ «Хушдил», ки бо ин мақсад шартнома баста шуда буд ҶСП «Сунбула» тариқи ғайрисудӣ барои руёнидани моликияти ба гаравгузошташуда муроҷиат намуд. ҶММ «Хушдил» ба суд арз намуда далел овард, ки ба вексел индоссаменти андоз ба расмият даровarda нашуда буд, бинобар ин вексел наметавонист дар гарав бошад ва бояд ба векселдоранда ҶММ «Хушдил» баргардонда шавад.

**Ҳолати мазкурро шарҳи ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 6.**

Шаҳрванд Салим ба Ҳалим говеро ба гарав дод, ки дар давоми амали шартнома насл дод. Бо ба итмом расидани муҳлати шартномаи гарав Салим аз Ҳалим талаб намуд, ки говро бо гу солааш ба у бидиҳад. Ҳалим ин иддаоро рад

намуда, далел овард, ки говро бо тариқи бордоркунии сунъӣ бордор намудааст ва гу сола предмети гарав нест.

**Ҳолати мазкурро баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 7.**

Пас аз тариқи ғайрисудӣ руёнидани молу мулк гаравдеҳ ҶММ «Мастона» ба суд бо талаби бекор намудан ва беэътибор донистани тартиби мазкур арз намуд. Далел пеш оварда мешуд, ки созишнома оиди тариқи ғайрисудӣ руёнидани молу мулк пас аз ба вуҷуд омадани асос барои руёнидани предмети гарав баста шудааст.

**Суд бояд ба чи қарор ояд, муайян намоед.**

**Масъалаи 8.**

ҶММ «Душанбетранссервис» (гаравдеҳ) ва ҶСП «Нозия» бо мақсади таъмини уҳдадориҳои пулии аввалӣ вобаста ба шартномаи қарз шартномаи гарав бастанд. Бо ташаббуси ҶММ «Душанбетранссервис» муҳлатҳои баргардонидани қарз дар шартномаи қарз чандин маротиба тағйир дода шуданд. Ҳангоме, ки ҶСП «Нозия» маротибаи дигар ба тағйир додани муҳлати баргардонидани қарз розигӣ надод ҶММ «Душанбетранссервис» руёнидани предмети гаравро рад намуда далел овард, ки ба шартномаи қарз тарафҳо бе риояи тартиби муқарраршуда ба шартномаи гарав тағйиротро ворид намудаанд, ки боиси беэътибор донистани он мегардад.

**Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

**Масъалаи 9.**

Ширкати ҳавопаймоии «Авиатранс» 3 ҳавопаймои А-300 худро бо мақсади таъмини уҳдадориҳояш ба гарав гузошт. Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолати напардохтани маблағҳои пулӣ аз ру и уҳдадориҳо ширкати ҳавопаймоӣ руёнидани предмети гаравро рад намуда ҳаракатҳои худро бо он асоснок намуд, ки шартномаи гарав дар шакли оддии хаттӣ баста шуда ба таври нотариалӣ, ки нисбати шартномаҳо бо моликияти ғайриманқул талаб карда мешавад, тасдиқ нагардида баста шудааст.

**Ҳолати бамиёномадаро баҳои ҳуқуқӣ диҳед.**

# МАҶМУИ САВОЛҲОИ ТЕСТӢ АЗ ФАННИ «ҲУҚУҚИ БОНКӢ»

**@1.**

**Мафҳуми ҳуқуқи бонки чист ?**

$A) ҳуқуқи бонкӣ маҷму и меъёрҳои ҳуқуқие ,ки ба фаъолияти бонкӣ таалуқ доранд, ташкилотҳои кредитиро бо мизоҷони ҳуд ба танзим медарорад; $B) ҳуқуқи бонкӣ маҷму и меъёрҳои ҳуқуқие , ки ба фаъолияти бонкӣ таалуқ доранд; $C) ташкилотҳои кредитиро бо мизоҷони ҳуд ба танзим медарорад; $D) ҳуқуқи бонкӣ маҷму и санадҳои ҳуқуқие ,ки ба фаъолияти бонкӣ таалуқ доранд, ташкилотҳои кредитиро бо мизоҷони ҳуд ба танзим медарорад ; $E) ҳуқуқи бонкӣ маҷму и санадҳои ҳуқуқие ,ки ба фаъолияти бонкӣ таалуқ доранд, ташкилотҳои кредитиро бо мизоҷони ҳуд ба танзим медарорад ва бо Бонки миллӣ алоқаманд мебошад;

**@2.**

**Калимаи бонк чи маъно дорад?**

$A) бонк аз калимаи итолёвии «banka» баромада, маънои мизи пуливазкуниро дошт; $B) бонк аз калимаи итолёвии «banka» баромада, маънои мизи пуливазкуниро дошт, ки дар асрҳои миёна итолиёиҳо тангаҳои ҳудро барои иваз намудан ба ҳамин миз мегузоштанд; $C) бонк аз калимаи итолёвии «banka» баромада, маънои дастури пуливазкуниро дошт, ки дар асрҳои миёна итолиёиҳо тангаҳои ҳудро барои иваз намудан ба ҳамин миз мегузоштанд; $D) бонк аз калимаи итолёвии «banka» баромада, маънои мизи пултвазкуниро дошт, ки дар асрҳои миёна итолиёиҳо ашҳёҳои ҳудро барои иваз намудан ба ҳамин миз мегузоштанд; $E) бонк аз калимаи итолёвии «banka» баромада, маънои мизи пултвазкуниро дошт,ки ба шаҳсони алоҳида таалуқ дошт;

**@3.**

**Аввалин маротиба бонки ҳозирзамон дар куҷо таъсис дода пайдо шудааст?**

$A) ба мисоли бонки Георгийӣ дар Генуя; $B) ба мисоли бонки Георгийӣ дар Италя, баътар бонкҳо дар Венетсия ва дар Франсия; $C) ба мисоли бонки Георгийӣ дар Генуя, баътар бонкҳо дар Венетсия ва дар Франсия; $D) бонкҳо дар

Венетсия ва дар Франсия ; $E) ба мисоли бонки Аврупои дар Генуя, баътар бонкҳо дар Венетсия ва дар Франсия;

**@4.**

**Аз тарафи Руссияи подшоҳӣ дар Осиёи миёна кадом бонкҳо тасис додашуда буданд.**

$A) Ба монанди: Русский для внешней торговли банк; Русско-Азовско банк; Азовско-Донской банк; Сибирский торговый банк; $B) Русский для внешней торговли банк; Русско-Азовско банк; Азовско-Донской банк;$C) Ба монанди: Русский для внешней торговли банк; Русско-Азовско банк; Азовско-Донской банк; Сибирский торговый банк; Московский учетно-ссудныйбанк.Петербурский банк; $D) Ба монанди: Ру сский для внешней торговли банк; Русско-Азовско банк; Азовско-Донской банк; Сибирский торговый банк; Московский учетно –ссудныйбанк; $E) Ба монанди: Русский для внешней торговли банк;; Азовско-Донской банк; Сибирский торговый банк; Московский учетно – ссудныйбанк;

**@5.**

**Декрет дар бораи милликунонии бонкҳо кай қабул карда шуд?**

$A) 28-уми октябри соли 1917 Декрет дарбораи милликунонии бонкҳо қабул карда шуд; $B) 27-уми ноябри соли 1917 Декрет дарбораи милликунонии бонкҳо қабул карда шуд; $C) 27-уми октябри соли 1919 Декрет дарбораи милликунонии бонкҳо қабул карда шуд; $D) 27-уми октябри соли 1918 Декрет дарбораи милликунонии бонкҳо қабул карда шуд; $E) 27-уми октябри соли 1917 Декрет дарбораи милликунонии бонкҳо қабул карда шуд;

**@6.**

**Кассаҳои амонатгузорӣ аввалин маротиба дар кадом ноҳия ба кор шурӯъ кардаанд?**

$A) Моҳи марти соли 1887 кассаҳои амонантгузорй дар Ҳуҷанд бафаъолият шурӯъ намуданд; $B) Моҳи феврали соли 1885 кассаҳои амонантгузорй дар Ҳуҷанд бафаъолият шурӯънамуданд; $C) Моҳи марти соли 1886 кассаҳои амонантгузорй дар Ҳуҷанд бафаъолият шурӯънамуданд; $D) Моҳи апрели соли 1885 кассаҳои амонантгузорй дар Ҳуҷанд бафаъолият шурӯъ намуданд; $E) Моҳи марти соли

1885 кассаҳои амонантгузорӣ дар Ҳуҷанд бафаъолият шурӯъ намуданд;

**@7.**

**Ҳуқуқи бонкӣ кадом соҳаи ҳуқуқ мебошад?**

$A) ҳуқуқи бонкӣ соҳаи махсуси ҳуқуқ мебошад; $B) ҳуқуқи бонки соҳаи мустақили ҳуқуқ мебошад; $C) ҳуқуқи бонки соҳаи махсуси комплексии ҳуқуқ мебошад; $D) ҳуқуқи бонкӣ соҳаи комплексии ҳуқуқ мебошад; $E) ҳуқуқи бонкӣ зерсоҳаи ҳуқуқи молия мебошад;

**@8.**

**Таъсисёбии Бонки миллии Тоҷикистон :**

$A) Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти мустақил дар асоси қарори парламенти мамлакат аз 30-юми июни соли 1995 дар заминаи идораи давлатии бонки собиқ ИҶШС ташкил карда шуд; $B) Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти мустақил дар асоси қарори парламенти мамлакат аз 28-уми июни соли 1994 дар заминаи идораи давлатии бонки собиқ ИҶШС ташкил карда шуд; $C) Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти мустақил дар асоси қарори парламенти мамлакат аз 28-уми июни соли 1991 дар заминаи идораи давлатии бонки собиқ ИҶШС ташкил карда шуд; $D)Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти мустақил дар асоси қарори парламенти мамлакат аз 30-уми июни соли 1991 дар заминаи идораи давлатии бонки собиқ ИҶШС ташкил карда шуд; $E) Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти мустақил дар асоси қарори парламенти мамлакат аз 28-уми июни соли 1992 дар заминаи идораи давлатии бонки собиқ ИҶШС ташкил карда шуд;

**@9.**

**Қонунгузори бонкӣ- ин:**

$A) маҷмуи қонунгузори ва меёрҳои алоҳидаи ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамиятиро дар соҳаи фаъолияти бонки батанзим медарорад; $B) маҷмуи нормаҳои қонунгузори ва меёрҳои алоҳидаи ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамиятиро дар соҳаи фаъолияти бонки батанзим медарорад; $C) маҷмуи нормаҳои қонунгузори ва меёрҳои алоҳидаи ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамиятиро дар соҳаи фаъолияти соҳибкори батанзим медарорад; $D) маҷмуи нормаҳои қонунгузори ва меёрҳои алоҳидаи ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамиятиро дар

